258 531

*Сафаров С.*

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

*Васоити таълимӣ*
*барои донишҷӯёни*
*факултетҳои*
*ғайрифилологии*
*мактабҳои олӣ*

ДУШАНБЕ - 2016

**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШКАДАИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

**Сафаров С.**

*Ба 25-умин солгарди*
*Истиқлолияти давлатии*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*бахшида мешавад*

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

*(Васоити таълимӣ барои донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологии мактабҳои олӣ)*

**Душанбе - 2016**

ББК 83.3. Тоҷик:81.я.73.
С - 35

*Бо қарори Шӯрои илмӣ-методии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 22.02.2016 №7 ҳамчун васоити таълимӣ ба чоп тавсия карда шудааст.*

С - 35. Сафаров Саидамир. Забони тоҷикӣ (Васоити таълимӣ). – Душанбе: ДМИТ, 2016. -160 саҳ.

*Зери назари номзади илмҳои филологӣ, дотсент Қурбонов Ҳ.*

**Муқарризон:** номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Саидхуҷа Ализода
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Раҳмонов Мадислом

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН»
НУСХАИ ҲАТМӢ

*Ин китоб (дастури таълимӣ) тибқи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва "Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ" таҳия гардида, масоили сеҳри забони тоҷикӣ, сайри таърихии забони тоҷикӣ, таърихи алифбо, қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, ҳиссаҳои мустақил ва ёридиҳандаи нутқ, ҳуҷҷатнигорӣ, луғати коргузорӣ ва вожанома муҳтавои онро ташкил дода, оид ба ҳар як мавзӯи зикрёфта мисолҳои ҷолибу мувофиқ оварда шудааст.*

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН»
258531
809,155,0

© Сафаров С., 2016

000186337
Китобхонаи миллии Тоҷикистон

# САРСУХАН

*Ҳурмати забон ҳурмати модар, ҳурмати Ватан ва ифтихори давлатдории миллӣ аст. Забони тоҷикӣ ҳоло бояд ҷавобгӯйи ниёзҳои замон бошад ва тамоми таҳаввулоти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ҷомеаро дар худ инъикос намояд.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

Забон ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ буда, мубодилаи афкори байни одамонро таъмин менамояд. Забон аз воҳидҳои гуногун: фонема, морфема, калима, ибора ва ҷумла иборат аст, ки онҳо дар сохтани бинои забон мавқеи муҳим дошта, поядагии онро устувор месозанд.

Корбарии дурусту бамавриди калима, ибораву ҷумла мисли онест, ки тақозои пираҳан аст, яъне чӣ қадаре ки маводи пираҳан хуш ва духти он ҷолиб бошад, дар тан шинаму диданибобу зебанда менамояд. Дар сурати солимиву сиҳатии калом тарзи баёни гӯянда низ равшану возеҳ, таъсирбахшу ҷаззоб хоҳад гашт.

Дар ҳоли камназарӣ нисбати сухан он баръакси гуфтаҳои болоро ба майдон меорад. Аз рӯйи чунин дидгоҳ, ҳангоми мубодилаи афкор ҳамеша таҳаммулкор будан зарур аст.

Забон, ки бевосита бо тафаккур алоқаманд мебошад, натиҷаи кори тафаккурро тавассути алоқамандгардонии калимаҳо дар ҷумла ба созмон меорад ва мубодилаи афкор пайдо гашта, пайраҳаҳои ҳаёти зиндагӣ ба танзим меоянд.

Шеърҳои шоирони муосири тоҷик бо номи «Забонгумкарда», «Забони Ватан», «Ба ҳаводори забони

тоҷикӣ» мутааллиқ ба хомакашони номдорамон: Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва Муъмин Қаноат моро ба баҳри беканори муҳаббати самимӣ нисбати забони поку ширини тоҷикӣ ғӯтавар сохта, ҷозибаи китобро мушаххастар кардаанд.

Китоби дар даст доштаи шумо, «Забони тоҷикӣ», мавзӯъҳои муҳимму ҳаётиеро фарогир аст, ки онҳо дар асоси талаботи Стандарти давлатии таълимии маълумоти олии касбӣ ва «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» таҳия гаштаанд. Шарҳу тафсири истилоҳоти иқтисодӣ, ки дар низоми кредитӣ таълим дода мешаванд ва ба таври бояду шояд донистани онҳо мувофиқи мақсад мебошад, аз назар дур намондаанд ва кӯшиш ба харҷ рафтааст, то онҳоро ба тақозои рӯз мувофиқ гардонем. Доир ба ҳар як мавзӯъ мисолҳои мушаххасе оварда шудаанд, ки он мавзӯъҳо чунин мисолҳоро талаб менамоянд ва хонанда метавонад, бо ёрии онҳо дониши назариявии хешро такмил диҳад.

Гузашта аз ин, дар китоб ишора гаштааст, ки, пеш аз ҳама, омӯзгор (муаллим) тарғибкунанда, паҳнкунанда ва ҳимояткунандаи забон аст. Ҳамчунин, аз «Қуръон»-и ҳаким ва ашъори гузаштагонамон низ мисолҳои ҷолибе оварда шудаанд.

Дар қисми ҳуҷҷатнигорӣ ба лаҳзаҳои асосӣ диққат дода шудааст.

Ҷоиз аст хома кашид, ки луғати тартибёфтаи китоб хеле ҷолиб буда, онро чун луғати тахассусӣ истифода бурдан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Инчунин, саволҳои тестии тартибдодашуда аҳамияти илмӣ, соҳавӣ, фаннӣ ва педагогиро афзун мегардонанд, зеро қувваи ҳофизаи омӯзгору донишҷӯ дар мадди назар аст.

Сайқали калимаҳои ҷудогонаи дар қисмати вожаномаи китоб овардашуда, ба тахассуси соҳаи иқтисод чун дастури истифода як тахайюлу ихлоси

волоеро фароҳам меорад ва тарҳи омӯзиши ҳаводорон ҷилваи дигаре ба бар хоҳад кард.

Устодон ва донишҷӯёни азиз!

Қадами нахустини мо дар ин ҷода шояд аз саҳву ғалату норасоиҳо орӣ набошад. Вале дар сурати вақти ғаниматӣ худро дареғ надоштани шумо ва андешаҳои судбахшатонро барои беҳтар сохтану мукаммалтар кардани нашри ояндаи китоб онҳоро қабул карда, сидқан сипосгузорӣ изҳор менамоем.

Ҳангоми навиштан ва ба чоп тайёр кардани китоби дар дастдоштаи Шумо олимони муҳтарам – доктори илмҳои филологӣ, Узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷӯрабек Назриев, мудири маркази матншиносӣ ва нашри интиқодии мероси хаттии Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ, номзади илмҳои филологӣ Ализода С., номзади илмҳои филологӣ, дотсентон: Қурбонов А., Раҳмонов М.М., Собирҷонов С., номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Носиров С.Ш., муаллимони калон Сироҷов М.К., Махшулов Ҷ. Ва Убайдуллоев Ф.К. маслиҳатҳои хубе доданд, ки ба ин рафиқон нисбати чунин хайрхоҳиашон изҳори миннатдорӣ менамоем.

***Муаллиф***

# СЕҲРИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Забон василаест, ки инсоният тавассути он мубодилаи афкор намуда, аз мақсаду маром, ҳоли якдигар, пешрафти ҷомеа, расму оин, тӯю сур, сӯгвориву мотам, таъриху фарҳанг ва, умуман, аз тамоми ҳолатҳои тақозодоштаи ҳаёти якдигар огоҳ мегарданд.

Забону тафаккур ба якдигар алоқаи зичу ногусастанӣ доранд.

Забоншиноси англис Макс Мюллер ин афкорро «ду ном барои ифодаи як чиз» номидааст.

Бо пайдоиши ҷомеаи инсонӣ забон ҳам ба вуҷуд омадааст ва барои робитаи байни одамон амал карда, бо мурури замон рушд ёфтааст.

Забон рукни ҳастии ҳар як миллат аст. Забони мо (тоҷикӣ) забони миллии мост.

Забон омили муттаҳидгари миллат мебошад. Забони тоҷикӣ дар аҳди Сомониён як фарҳанги ҷаҳонгире офарида, садҳо шоир, олим, санъаткор ва арбоби давлатиро ба арсаи олам баровардааст. Ин забон, ки таърихи беш аз сеҳазорсола дорад, забардастонеро аз қабили Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Форобиву Абӯалӣ ибни Сино, Беруниву Носири Хисрав, Ҷалолиддини Балхиву Шайх Аттор, Хайёму Саъдии Шерозӣ, Абдулқодири Бедилу Абдураҳмони Ҷомӣ, Камоли Хуҷандиву Исмоили Сомонӣ, Муқаннаъ ва дигар бузургонеро ба майдон овардааст, ки ҷаҳониён онҳоро эътироф кардаанд.

Сулолаи Ғазнавиён, Қарахониён, Салҷуқиён, Темуриён, Шайбониён, Аштархониёну Манғитиён, ки қариб ҳазор сол болои сари мардуми тоҷик салтанат доштанд, коргузории расмии давлатдории худро бо ин забон ба роҳ монда, корҳои давлату давлатдорӣ, вазорату дигар корхонаҳои дарборашон ба дасти олимон, адибон ва арбобони давлатии соҳибзабонон

сурат мегирифт.

Аз рӯйи чунин дидгоҳ, пай бурдан душвор нест, ки забони модарии мо ташаккулу таҳаввули пурфоҷиаеро паси сар намуда, аз замони устод Рӯдакӣ то ба замони Садриддин Айнӣ омада расида, бо шакли нобу зебо луғоту таъбироти рангину дилкаш ба ёдгор мондааст, ки мо аз ин ифтихор менамоем. Мегӯянд, ки забон калиди дари дониш ва маърифат аст. Ин гуфтаҳо бе асос нестанд, зеро забон метавонад дар ҳама гуна зинаҳои инкишофи таърих ба нафъи инсоният хизмат расонад.

Дар айёми Инқилоби Октябр ҳам забони тоҷикӣ мақому манзалати худро нигоҳ дошт. Гарчанде забони моро тариқи сунъӣ ба харитаи сиёсии тақдирнамо гузошта буданд, зиёиёни шарафманди мо парчами мубориззаро барои ҳастии забон, миллат, адабиёт ва фарҳанги худ ба даст гирифта, дар набарди зидди душманон пирӯз шуданд.

«Марши ҳуррият»-и устод Айнӣ табаддулоти зеҳние буд, ки ба ташаккули худшиносии миллии халқи тоҷик асос гузошт.

Мақолаҳои публитсистии солҳои 1919 – 1921 чопшудаи маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ҳуқуқи халқи тоҷикро ба забон, мероси фарҳангӣ, мактабу маориф, матбуоти тоҷикӣ ва давлату давлатдориро ҳимоя карда, мардумро ба омӯзиш ва маърифати сиёсӣ ва фарҳангӣ ташвиқ менамуданд.

Дар ҳамин маврид, корномаи таърихии устод Айнӣ – асари безаволи «Намунаи адабиёти тоҷик», ба тамоми душманони миллати тоҷик зарбаи сахте зада, нақши арзишманди шиносномаи ҳақиқии халқи тоҷикро бозид.

Дар баробари асарҳои арзишманди С. Айнӣ асарҳои баландғояи Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Мирзо Турсунзода, Ҳабиб Юсуфӣ, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Абдусалом Деҳотӣ ва ғ. оид ба сохтмони ҳаёти

нав ба ҷаҳониён мужда расонданд, ки ин маҳз инкишофи воқеии забони тоҷикӣ буд.

Андаке дертар адибони насли нав аз қабили Фотеҳ Ниёзӣ, Пӯлод Толис, Муъмин Қаноат; баъдан Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Фазлиддин Муҳаммадиев, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор, Гулназар, Абдулҳамид Самадов, Назри Яздон, Аскар Хаким, Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Низом Қосим, Мирзо Файзалӣ ва ғ. давомдиҳандагони забони ширини гузаштагони адабиётамон мебошанд.

Бахусус, Шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ дар бораи манзалату нафосати забони тоҷикӣ дар шеъри «Забонгумкарда»-аш хеле ҷолибу гуворо гуфтааст, ки хонандаро тасхири хеш месозад.

**Ҳар кӣ дорад дар ҷаҳон гумкардае,**
**Дар замину дар замон гумкардае.**
**Ин нишон гумкардаеву дигаре**
**Хештанро бенишон гумкардае.**

Ин яке бахти ҷавон гум кардааст,
Дигаре ганҷи равон гум кардааст.
Ин яке гар ними нон гум кардааст,
Дигаре ними ҷаҳон гум кардааст.

Ин яке ҷону ҷигар гум кардааст,
Он яке шӯру шарар гум кардааст.
Ин яке гум карда гар моли падар,
Дигаре панди падар гум кардааст.

**Гар яке бому даре гум кардааст,**
**Дигаре ному фаре гум кардааст.**
**Он забони ҳамдилӣ гум кардааст,**
**Ин забони модарӣ гум кардааст.**

**Аз тамоми ину он гумкардагон**
**Зиштрӯтар нест дар рӯи ҷаҳон.**
**З-он ки гум карда забони модарӣ,**
**Ҳарф гӯяд бо ту бо чандин забон.**

**Бок не, гар доварӣ гум кардааст,**
**Ё умеди сарварӣ гум кардааст.**
**Заҳр бодо шири модар бар касе,**
**К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.**
**Он яке қадри сухангумкардае,**
**Дигаре боғу чамангумкардае,**
**Аз забони модарӣ гумкарда, лек**
**Мерасад рӯзе ватангумкардае.**

Ҳамчунин, устод Бозор Собир накҳати забони тоҷикиро дар шеъри «Забони Ватан» бо як маҳорати хеле баланди шоирона лутфу эҳсон карда, пешниҳоди фарзандони миллат кардааст, ки саросар дорои панду ҳикматанд. Устод чунин ишора месозад:

**Ҳар чӣ ӯ аз моли дунё дошт, дод,**
**Хиттаи Балху Бухоро дошт, дод.**
**Суннати волою девон дошт, дод,**
**Тахти Сомон дошт, дод.**
**Душмани донишгадояш «Дониш»-и Сино гирифт,**
**Душмани бесуннаташ «Девон»-и Мавлоно гирифт.**
**Душмани санъатфурӯшаш санъати Беҳзод бурд,**
**Душмани бехонааш дар хонаи ӯ ҷо гирифт.**
**Дод ӯ аз даст гурзи Рустаму Сӯҳробро.**
**Барбарони нотавонеро тавоно кард ӯ,**
**Номи худро ҳамчу гӯри Рӯдакӣ аз ёд бурд,**
**Қотилони хешро машҳури дунё кард ӯ.**
Қомати кӯтоҳи манғит,
Аз манори каллаи аҳли Хуросон шуд баланд.
Пастии саҳрои Қипчоқ
Аз баландии Бадахшон шуд баланд.
Халқи тоҷик,
Халқи армон,
Об дар чашм,
Чун ятимон,

Дар лабаш хашм,
Чун асирон,
Аз Ватан то бар кафан ҳар буду нобуде, ки буд,
Бар кафанталбу ватанталбандаҳо бахшиду дод.
Душмани дарвеши худро,
Шоҳу доро карду худ дарвеш шуд.
Дар миёни тангчашмоне, ки дар чашмонашон
Солҳои тангро медид ӯ.
Гаҳ дар оташ,
Гаҳ дар об.
Таҳ ба таҳ бо сӯхтанҳои манори суғдиёнаш сӯхт-сӯхт,
Бо харобободи девору дари Афросиёбаш шуд хароб.
Лек лафзи модарияш,
Ҳамчу номи модараш.
Дар забону дар даҳонаш монд-монд.
Ҳар сухан бо шири модар,
Сахт шуд дар устухонаш монд-монд.
Худ ба худ дар гӯшаи хоки диёр,
Аз ҷудоӣ, аз ғарибӣ,
Ӯ гиристу гиряҳо бар обшорон ёд дод,
Лафзи кӯҳистоние бар боду борон ёд дод.
Рӯдҳоро Рӯдакидон кард ӯ,
Бодҳоро Анварихон кард ӯ.
**Рӯзи ноободиаш тоҷик забон обод кард,**
**Дар забонаш давлати бедавлатӣ бунёд кард.**
**Давлате аз ҳарфи вазнин,**
**Давлате аз шеъри рангин.**
**Аз чунин шеъре, ки ҳар як мисрааш,**
**Ҷӯяе аз хуни сарбозони ӯст,**
**Равзани нуре аз оташҳои зардуштони ӯст.**
Гӯиё чун сайди маҷрӯҳ
Ӯ ҷароҳатҳои худро
Гаштаю баргашта лесид,
Бо забони худ даво кард.

Дар сарояш тоҷик аз бахти нагун
Гарчи бо габру мусулмон
Ҳамсаро буд,
Ҳамрасулу ҳамхудо буд,
Дар забон, аммо ҷудо буд.
Аз сари сад минбар афтоданд нозирҳои ӯ,
То наафтанд аз забони хештан.
Дар сари сад дор ҷон доданд шоирҳои ӯ,
То наафтад бар замин қадри сухан...
**Дар ҳадду сарҳадшиносии ҷаҳон,**
**Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.**
**То забон дорад, ватандор аст ӯ,**
**То забондор аст, бисёр аст ӯ.**

Устод Муъмин Қаноат низ дар васфи забони шевою лазизи тоҷикӣ суханони ҳикматноке гуфтааст, ки онҳо чунинанд:

Қанд ҷӯйӣ, панд ҷӯйӣ, эй ҷаноб,
Ҳар чӣ меҷӯйӣ, биҷӯ.
Бекарон баҳрест, гавҳар беҳисоб,
Ҳар чӣ меҷӯйӣ, биҷӯ.
Форсӣ гӯйӣ, дарӣ гӯйӣ варо,
Ҳар чӣ мегӯйӣ, бигӯ.
Лафзи шеъру дилбарӣ гӯйӣ варо,
Ҳар чӣ мегӯйӣ, бигӯ.
Баҳри ман танҳо забони модарист,
Ҳамчу шири модар аст.
Баҳри ӯ ташбеҳи дигар нест, нест,
Чунки шири модар аст.
З-ин сабаб чун шӯхиҳои дилбарам
Дӯст медорам варо,
Чун навозишҳои гарми модарам,
Дӯст медорам варо.

Баъди ба даст омадани Истиқлолияти миллӣ низ ба ҳифзу рушд ва такомули забони тоҷикӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Хусусан, Президенти мамлакат дар баромадҳояшон таъкид менамоянд, ки забон пок ва беолоиш нигоҳ дошта шавад. Ба он муваффақ гаштан лозим аст, ки ба ҳама гуна ғалатгӯйиву ғалатнависӣ хотима бахшем. Дар ин ҷода Президенти кишвар чунин таъкид месозанд: «Акнун замоне фаро мерасад, ки мо низ бояд мисли дигар кишварҳои пешрафтаву мутамаддину иқтисоди такмилёфта пайваста дар андешаи пок ва солим нигоҳ доштани забони давлатии худ бошем, вуруди ҳар як унсури навро ба забон дар асоси меъёрҳои адабӣ танзим намоем ва дар навбати аввал ба ҳама гуна ғалатгӯиву ғалатнависӣ хотима бахшем».

Аз рӯйи чунин назари орифона гуфтан барҷост, ки забон имрӯз соҳиб дорад!

Сарвари давлат ёдовар мешаванд, ки забон чароғи раҳнамои худшиносиву худафрӯзист ва онро ҳамчун волотарин арзиши миллӣ поку беолоиш ҳифз кардан зарур аст: «Барои он ки номи миллат дар саҳифаҳои таърихи башарӣ ҷовидон бошад, миллат бояд чароғи раҳнамои худшиносиву худафрӯзии худ, яъне забонро ҳифз кунад ва онро ҳамчун волотарин арзиши миллӣ ба наслҳои оянда поку беолоиш ва равону ширин ба мерос гузорад».

«Умри миллат ба умри забон вобаста аст, яъне бақои забон бақои миллат аст. Забон нишонаи муҳимтарини миллат ва пайвандгари наслҳост», - таъкид менамоянд Президенти мамлакат!

## ДАВРАҲОИ ИНКИШОФИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Забони тоҷикӣ аз назари пайдоиш ба гурӯҳи эронии хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ (монанди русӣ, полякӣ, чехӣ, литвагӣ, ҳиндӣ, юнонӣ, арманӣ, лотинӣ, немисӣ, англисӣ ва ғайра) тааллуқ дошта, се давраи инкишофро аз сар гузарондааст:

**Давраи бостон** замони давлатдории Ҳахоманишиёнро дар бар мегирад (аз давраи қадим то асрҳои IV-III пеш аз мелод). Осори хаттии ин давра «Катибаи кӯҳи Бесутун» ба шумор меравад. Осори забони ин давр бо хатти мехӣ сабт шудааст.

**Давраи миёна** ба замони подшоҳии Ашкониён ва Сосониён мувофиқ аст (асри II пеш аз мелод то I-VI мелодӣ). Дар таърих ин забон бо номи паҳлавӣ низ машҳур аст. Намунаи осори ин давра: «Ёдгори зарирон», «Корномаи Ардашери Бобакон», «Дарахти ассурик ва буз», «Модигони чатранг», «Минуи хирад» ва ғ. намунаи осор ва хатти паҳлавӣ ба шумор меравнд.

**Давраи нав ё порсии дарӣ** (аз асрҳои VIII-IX мелодӣ то замони мо). Дар асрҳои IX-X ташаккул ёфтааст. Осори безаволи адабиёти классикии форсу тоҷик дар ин давра бо хатти арабиасоси форсӣ таълиф ёфта, мероси муштараки форсизабонҳо шуморида мешавад.

Забони тоҷикӣ забони милливу давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Афғонистону Эрон, шимоли Ҳиндустон, Туркия, Курдистон ва Чину Қафқоз низ истифода мешавад.

Забони тоҷикӣ, кашмакашҳои зиёдеро аз сар гузаронда бошад ҳам, ба дигаргунӣ кам дучор гашта, тақрибан вазъи беш аз ҳазорсолаи худро нигоҳ доштааст.

Матни зерини «Шоҳнома»-и Абӯмансури

Абдураззоқ далели гуфтаи боло мебошад, ки чунин аст: *«...то ҷаҳон буд, мардум гирди дониш гаштаанд ва суханро дошта ва накӯтарин ёдгорӣ сухан донистаанд, чӣ андар ин ҷаҳон мардум ба дониш бипайвандад ва нишони ӯ гусаста нашавад».*

Забони тоҷикӣ бо забонҳои машҳури ҷаҳон ба монанди русӣ, немисӣ, англисӣ таърихан хеш мебошад. Дар ин забонҳо вожаҳое ба назар мерасанд, ки бо ҳам монанданд ва андаке ба тағйирот дучор гаштаанд.

**Мисол:**

| **тоҷикӣ** | **русӣ** | **немисӣ** | **англисӣ** |
|---|---|---|---|
| модар | мать | mutter | mother |
| нав | новый | neu | new |
| ду | два | zwei | two |

Ҳатто шумораи **дусад** ба тарзи **дувист;** дар забони русӣ ба тарзи **двести** дар осори гузаштагонамон истифода гаштааст:

Агар худ ҳазориву душман **дувист**,
Чу шаб шуд, дар иқлими душман маист.

Саъдии Шерозӣ

**Супориши 1.** Шеърро хонда, аҳамияти забондониро аз рӯйи фаҳмиши хеш шарҳ диҳед.

Чор касро дод марде як дирам,
Ҳар яке аз шаҳре уфтода ба ҳам:
Форсию турку румию араб,
Ҷумла бо ҳам дар низоу дар ғазаб.
Форсӣ гуфто: «Аз ин чун во раҳем,
Ҳам, биё, к-инро ба ангуре диҳем».
Он араб гуфто: «Маозаллоҳ, ло,
Ман инаб хоҳам, на ангур, эй даго!»
Он яке, к- аз турк буд, гуфт: «Эй кузум,
Ман намехоҳам инаб, хоҳам узум».
Он ки румӣ буд, гуфт: «Ин қилро
Тарк кун, хоҳам ман истофилро».

Дар танозӯъ он нафар ҷангӣ шуданд,
Ки зи сирри номҳо ғофил буданд.
Мушт бар ҳам мезананд аз аблаҳӣ,
Пур буданд аз ҷаҳлу аз дониш тиҳӣ
Соҳиби сирре, азизе садзабон,
Гар будӣ он ҷо, бидодӣ сулҳашон.
Пас бигуфтӣ ӯ, ки ман з-ин як дирам
Орзуи ҷумлатонро мехарам.

Ҷалолиддини Балхӣ

**Луғат:**
Маозаллоҳ – ба маънои Худо нигаҳ дорад
Ло – но, не, на
Инаб – ангур
Даға – фиребгар, маккор
Қил – сухан (гуфтугӯ, мубоҳиса)
Танозуъ – мафҳуми ҷангу хусумат, душманӣ
Тиҳӣ – холӣ (ин ҷо ба маънои бедониш, камсавод)
Узум – ангур

# САЙРИ ТАЪРИХИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Забони адабӣ давраи дуру дарозеро аз сар гузаронда, дар ин муддат зинаҳои муайянеро тай карда, инкишоф ёфт ва дар асри IX-X шакл гирифт.

Назму насри он давра хеле пеш рафта, фонди луғавии забони қадима ва имрӯзаи моро ташкил медиҳад.

Асрҳои IX-X марҳалаи аввали такомули забони адабӣ ба шумор меравад. Дар аҳди Сомониён забони тоҷикӣ ба мақоми давлатӣ ноил гардида буд. Рӯдакӣ тавассути ашъори худ забони адабиро сайқал дода, онро ба ҷаҳониён муаррифӣ сохт.

Дар асри XI аз сабаби болоравии кашмакашиҳои сиёсӣ забони адабӣ халалдор мегардад, аммо баъди он (дар асри XII) хеле инкишоф меёбад. То ин замон адабиёти бадеӣ, асосан, тариқи назм ифода меёфт, акнун наср низ босуръат пеш рафтан гирифт. Дар асри XIII наср ба назм баробар гашт. Калимаву ибораҳои арабӣ ба забони адабӣ дохил шуда, нависандагон ба суханпардозӣ шурӯъ карданд ва забони наср хеле мураккаб шуд. Вале боз адибоне буданд, ки сабки соданависӣ ва оммафаҳми худро доштанд ва бо ин услуб асарҳои зиёде офаридаанд: «Тӯтинома»-и Нахшабӣ, «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ, «Баҳористон»-у «Гулистон»-и Шайх Саъдӣ ва ғ. аз ҳамин қабиланд.

«Таърихи Ҷувайнӣ», «Таърихи Вассоф», «Калила ва Димна»-и Абӯмаолӣ ва ғ. аз қабили асарҳои мураккабе буданд, ки хонандаи оддӣ аз ин асарҳо ҷавҳари хубе бардошта наметавонист ва чунин рамуз то замони Аҳмади Дониш давом карда омадааст...

Арзиши сухан дар китоби муқаддаси « Қуръон» ҳам ифода гашта, хитоб кардааст:

*«...аз Худо битарсед ва сухан дуруст бигӯед!»*

*Сураи «Азҳоб»*

*«...ба бандагони ман бигӯ, ки бо якдигар бо беҳтарин ваҷҳ сухан бигӯянд...».*

*Сураи «Бани Исроил»*

Саҳми Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ташаккули забони тоҷикӣ-форсӣ хеле калон аст. Вай пайравӣ ва эътиқоди шоирону нависандагони замонро нисбати истифодаи забони арабӣ тағйир дод ва назари онҳоро сӯйи забони модарӣ нигаронд, ки даҳҳо ва садҳо намояндагони илму адаб дар ҳар аср пайдо гашта, хазинаи забони адабии моро ғанӣ гардондаанд, ки намунаи содагии онҳо дар қасидаи «Ҷӯйи Мӯлиён»-и Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба назар мерасад.

Чунончи:

Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.
Реги Омуву дуруштӣ роҳи ӯ,
Зери поям парниён ояд ҳаме.
Оби Ҷайҳун бо ҳама паҳноварӣ,
Хинги моро то миён ояд ҳаме.
Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,
Шоҳ наздат меҳмон ояд ҳаме.
Мир шоҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯйи осмон ояд ҳаме.
Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Сарв сӯйи бӯстон ояд ҳаме.

Устод Айнӣ ин услуби шеъри шоирро «саҳли мумтанеъ» номидааст, ки маънои содаву равон, оммафаҳму баландмазмун гуфтан аст.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба фарҳанг низ диққати ҷиддӣ додааст:

Ҳеҷ ганҷе нест, аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ рӯй бар ин ганҷ неҳ.

Аз нигоҳи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ донишу хирад барои ҳар як фард чун саломативу тандурустӣ

258531

зарур аст:

Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам бихарад:
Тани дурусту хӯйи неку номи неку хирад.
Ҳар он ки эзидаш ин чаҳор рӯзӣ кард,
Сазад, ки шод зияд ҷовидону ғам нахӯрад.

Аз назари шоир, инсон ҷисман, ахлоқан ва ботинан бояд солим бошад.

Аз рӯйи ин чанд порчаи шеърӣ, ки аз ашъори устод Рӯдакӣ пешкаш гардид, пай бурдан душвор нест, ки онҳо содаву равон, оммафаҳму ҷаззоб ва сайқалёфтаву гуворoанд…

Асосгузори адабиёти муосир Садриддин Айнӣ низ дар риштаи инкишофи забони модарии мо хизмати босазое анҷом додааст. Ӯ ба баҳсҳои ғаразолуди солҳои бистум, ки забони тоҷикиро инкор мекарданд, хотима гузошт ва оиди ин масоил мақолаҳои зиёде ба дасти чоп расонд. Ҳамчунин, дар назди аҳли қалам вазифа гузошт, ки ба ганҷинаи осори ниёгон ва истифодаи дурдонаҳо аз забони мардум забони имрӯзаро инкишоф дода, пояи онро боз ҳам мустаҳкам намоянд.

Устод Айнӣ ҳамеша дар талоши ҳифзу инкишоф, соданависиву аз байни халқ ёфта гирифтани дурдонаҳои гаронбаҳои аҷдодӣ диққати ҷиддӣ медод, ки ин ишораи моро мактуби ба П.Толис навиштаи ӯ тасдиқ менамояд:

*«Ман ҳикояи шуморо, ки дар шумораи 10 ҳаминсолаи журнали «Садои Шарқ» бо унвони «Студентшавандаҳо» чоп шудааст, хондам. Ҳикоя ҳам аз ҷиҳати гоя, ҳам аз ҷиҳати ҳикоябандӣ, тасвири табиат, тасвири зиндагии имрӯза ва аз ҷиҳати забони таҳрири муаллиф хеле хуб ва дилчасп баромадааст.*

*Аммо бо ҳамаи ин ҷиҳатҳои нек як камбудии ҷиддӣ дорад, ки зарари ин камбудӣ танҳо ба муаллиф оид набуда, балки дар забони адабии тоҷик халали куллӣ мерасонад.*

*Ман пеш аз он ки ин камбудиро нишон диҳам, як муқаддимача карданро лозим мешуморам.*

*Забони адабӣ дар ҳар миллат аз забони оммавӣ - зинда фарқ дорад. Дар забони русӣ ҳам, ки беҳтарин ва олитарин забонҳои маданӣ аст, ин фаркро мушоҳида кардан мумкин аст. Аммо аз он ҷо ки маданияту маориф дар байни халқи рус бисёр вақтҳо боз давом дорад, забони адабии вай забони гуфтугӯи аҳли маърифат ва аҳли савод ҳам шуда омадааст. Бовуҷуди ин, забони маҳаллӣ бо лаҳҷаҳои он то вақтҳои охир дар вилоятҳо ва районҳои ҷудогона дар байни оммаи камсавод ё носавод давом дорад.*

*Фарқи забони адабии тоҷик аз забони гуфтугӯ аз ҳад зиёд аст. Ҳатто онҳое ҳам, ки дар мактаб ва мадрасаҳои кӯҳна нисбат ба замони худ бо муваффақият хондаанд, дар байни худ бо ҳамон забони омма гуфтугӯ мекунанд. Аз ин бало шоирон ва нависандагони он замон ҳам, бо вуҷуди забони адабиро аз худ карданашон берун намемондаанд. Сабаби асосии ин ҳолат дар ин аст, ки ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ асру замон(то Револютсияи Кабири Октябр) забон дар мактаб ва мадрасаҳои тоҷик ба сифати як дарс хонда нашудааст, ҳар кас забони модариро аввал аз модар ва пас аз он деҳа ва районҳои худ омӯхта, ба ҳамон омӯхта шуда(одат карда) мондааст ва ҳар чанд шоир ва нависандагон дар калонсолӣ аз китоб ва аз тафтишҳои шахсии зиндагӣ забони адабиашонро нисбат ба забони худ беҳтар ва мукаммалтар карда бошанд ҳам, азбаски онҳо забони адабиро дар калонсолӣ омӯхтаанд, ин забон – забони гуфтугӯйии аз бачагӣ одат карда омадаашонро дигар карда натавонистанд. Аммо дар мактабҳои русҳо ва дигар халқҳои маданӣ дарси забони модарӣ аз ҳамаи дарсҳои дигар муҳимтар шумурда шуда, тамомкунандагони он мактабҳо, ҳар чанд ба дараҷаи миёна ё ибтидоӣ бошад ҳам, бо забони адабӣ гуфтугӯ карданро омӯхта ва одат карда омадаанд…*

*Рафиқ Толис! Ман аз ин пеш ҳам дар забони «адабӣ»-и баъзе ҳаваскорони нависандагӣ ин гуна ҳолатҳоро дидаам. Аммо азбаски муаллифони он гуна порчаҳо кирои гап*

*заданро намекарданд, ман дар бораи онҳо чизе нагуфта будам. Аммо Шумо, Фарҳат ва Шукӯҳӣ чизи дигаред. Забони адабии тоҷик аз шумо ҷавонон сарсабзиҳои бисёр аълоро умедвор аст…*

*Дар охир инро бояд қайд кард, ки маънии роҳбарӣ кардани забони адабӣ ба забони омма ин нест, ки нависанда чизҳои душворфаҳм навишта зимнан аз хонандагон омӯхтани забони худашро талаб кунад, балки маънии ин сухан он аст, ки нависанда ба дараҷае сода ва оммафаҳм нависад, ки ҳар хонанда гуфтаҳои ӯро равшан фаҳмад ва дар айни замон навиштаҳои ӯ мувофиқи қоидаҳои забон буда дилчасп ва шавқангез бароянд.*

*Бо саломи рафиқона Айнӣ.*
*12 декабри соли 1948, ш. Самарқанд»*

Шогирдони устод Айнӣ ин мақомро дастгирӣ карда, ӯро ба асарҳои баландмазмуни ҷавобгӯи замон шод гардонданд.

Адибони шинохтаи тоҷик аз қабили Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалилу Ҷалол Икромӣ, Мирсаид Миршакару Фотеҳ Ниёзӣ,Фазлиддин Муҳаммадиеву Муъмин Қаноат, Лоиқ Шераливу Бозор Собир, Аскар Ҳакиму Гулназару Гулрухсор, Абдуҳамид Самаду Урун Кӯҳзод, Саттор Турсуну Мирзо Файзалӣ Низом Қосиму Раҳмат Назрӣ ва дигарон аз ҳамин қабиланд.

Бояд қайд кард, ки мо ҳангоми китобат кардан, эҷод намудан, иқтибос овардану пеш омадани номафҳумӣ дар ин ва ё он порчаи назмӣ ё насрӣ даст ба адабиёти классикӣ мезанем, то ба афкори хеш тақвият бахшем, зеро вожаҳои бунёдиамонро, ки асоси забони моро ташкил мекунанд, танҳо дар адабиёти гузаштаамон (классикиамон) пайдо карда метавонем.

Ашхоси дигаре, ки барои рушду такомули забон то нафаси вопасин дар талош мебошад, ин омӯзгор

(муаллим) аст. Омӯзгор аст, ки аз оғози синфи як то нафаси вопасини хеш ба шогирдон дарси забон мегӯяд. Пас мо низ бояд эътироф намоем, ки омӯзгор дар рушду такомули забон нақши муассир ва арзанда дорад. Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки оила, падару модар чӣ нақш доранд? Ба ин савол чунин ҷавоб гуфтан кифоя аст, ки падару модар ҳам аз омӯзгор (муаллим) омӯхтаанд. Бузургони гузаштаи мо низ аз устод (муаллим) сабақ гирифтаанд ва агар аз рӯйи мантиқ назар афканем, устод дар ҷойи аввал асту дигарон ба устод пайваста.

Масалан, **Саид Ҳалимов** (олими забоншинос) барои тозагии забон фармудааст:

*«Забони тоҷикии мо ҳам яке аз забонҳои мардумони эронинажод (ориёӣ) ба шумор меравад. Хешутаборҳои наздиктарини забони мо форсӣ (дар Эрон), дарӣ (забони тоҷикони Афғонистон), забони курдӣ, забони толишӣ, балуҷӣ ва ғайра мебошанд. Забони имрӯзаи тоҷикӣ, форсӣ, дарӣ зодаи як модаранд, ки дар асри X шакли хаттӣ-китобӣ гирифта буд.*

*Номи забони мо дар он вақт «порсӣ», «дарӣ» ё « порсии дарӣ» гуфта мешуд. Тӯли асрҳо забон таҳаввулоти зиёдеро паси сар кардааст. Вале лозим ба ёдоварист, ки дар асрҳои XIX-XX луғатҳои адабиёти классикӣ аз истеъмоли матбуоти Эрон баромаданд ва ҷойи онҳоро унсурҳои луғавии арабӣ, туркӣ ва аврупоӣ пур карданд. Забони тоҷикӣ бошад, баръакс, луғатҳои аслии адабиро зинда нигоҳ дошт.*

*Ман як чизро хуш надорам, ки баъзеҳо бо баҳонаи наздик шудан ба забони форсии Эрон калимаҳои ба ном форсии Эронро, ки аслан форсӣ нестанд, дар матбуот, телевизион, радио ва гуфтугӯҳояшон ба кор бурда истодаанд: ба ҷойи* ***гап-ҳарф,*** *ба ҷойи* ***бе-бидуни,*** *ба ҷойи* ***аз рӯйи-тибқи,*** *ба ҷойи* ***бо-тавассути,*** *ба ҷойи* ***ёрӣ-кӯмак,*** *ба ҷойи* ***хуҷра-утоқ*** *ва ғайра ба кор мебаранд. Онҳо бо ин корашон таркиби луғавии забони моро бо унсурҳои*

*грамматикии забони гайр олуда месозанд».*

Олими машҳури Эрон **Саид Нафисӣ** забони ширини порсиро ба таври зайл шарҳ додаст: *«Ин хиттаи (сарзамини) дилангез бузургтарин шуарои Эронро парваридааст. Рӯдакӣ пешрави ин силсила ва Ҷомӣ охирин марди бузурги ин хонаводa аст…*

*Шаҳрҳои бузург ва ободи ин ноҳия, ки аз қадимтарин шаҳрҳои Эрон шуморида мешаванд, мисли Самарқанду Бухоро ва Балх… ҳамеша дорулилми Эрон буданд. Бузургони Эрон аглаб аз ин сарзамин бархостаанд.*

*Ҳар китоби форсиро, ки мехонем, ҳамеша моро ба ёди ин водии ниёгон меандозад.*

*То авосити (миёнаи) қарни дувоздаҳум сатре аз таърихи Эрон нест, ки як бор исми Бухоро ё Самарқанд ва Балх дар он ба забон бурда нашуда бошад.*

*Орзуи ман ин аст, ки ин сарзамини поки ниёгони худро зиёрат кунам ва як бор дар умри хеш ин забони ширини порсиро аз даҳони самарқандиёну бухориён бишнавам».*[1]

Гузашта аз ин, бояд изҳор дошт, ки Президенти мамлакат низ ба эҳё, рушд ва такомули забон диққати зарурӣ медиҳад. Ҳамеша дар такопуйи таърихи бою пурифтихори забон аст, зеро забон буд, ки адабиёти чандинҳазорсолаи моро ба нуқтаи баландтарин расонад ва тамоми ҷаҳониён бидонанд, ки тоҷикон халқи тамаддундору тамаддунофаранд.

*«Фарде, ки аз сарчашмаи суннатҳои аҷдодӣ гизо намегирад, аз фарҳанги қадимаву гановатманди гузаштагон баҳравар намегардад, ба қадри забони шевои модарӣ, адабиёти чандинҳазорсола, таърихи бою пурифтихор ва Ватани тамаддунпарвари аҷдодӣ намерасад, чун дарахтест, ки аз решаи ҳаётбахш канда шудааст»* - қайд менамояд Президенти мамлакат.

---

[1] Камолиддинов Б. Забони тоҷикӣ. -Душанбе, 2015. -С.128–129.

Сарвари давлат ба тозагии забон низ диққати ҷиддӣ дода, дар яке аз баромадҳояшон дар Рӯзи забон (22-юми июни соли 2007) оид ба покизагии забон чунин фармудаанд:

*«Дар овони истиқлолияти миллӣ пуштибонӣ ва густариши забони давлатӣ, таҳкими мақому мартабаи он аз ҳисоби захираи забони классикию халқӣ, ғанитару суфтатар намудани забони адабӣ ва покизаю беолоиш нигоҳ доштани забони матбуоти даврӣ вазифаи ҷонии зиёиёну аҳли фарҳанг ва ҳар фарди ватанпарвару миллатдӯст мебошад».*

Аз чунин ифодаҳо бояд ба хулосае биёем, ки Роҳбари давлат на танҳо ба нигоҳдории забон, балки барои рушду покизагӣ, ба шевоиву фасоҳат ва ҷаззобиву ширингуфторӣ тавассути он, диққати ҷиддӣ медиҳад. Дар ин асно, мо бояд дунболагири Сарвари хирадманд бошем.

**Супориши 1.**

Шеърҳоро аз ёд кунед:

Сухан ҳамчу қуфл асту посух калид,
Ба посух бад аз нек ояд падид.

Фирдавсӣ

Чу гуфтори беҳуда бисёр гашт,
Сухангӯй дар анҷуман хор гашт.

Фирдавсӣ

Он ки бувад савор бар сухан савор ӯст,
Он на савор аст, к – ӯ бар асп савор аст.

Носири Хисрав

Ҳамчунон чун тани мо зинда ба об асту ҳаво,
Сухани хуб дили мардумро об асту ҳаво.

Носири Хисрав

Нуқтае, ки ҷаст ногаҳ аз забон,
Ҳамчу тире дон, ки ҷаст он аз камон.

Во нагардад аз раҳ он тир, эй писар,
Банд бояд кард селеро зи сар.

Ҷалолиддини Балхӣ

Оламеро як сухан вайрон кунад.

Ҷалолиддини Балхӣ

Гар ба рӯйи касе занӣ сад мушт,
Беҳ, ки гӯеш як ҳадиси дурушт.

Биноӣ

Сухан сардафтари девони ишқ аст,
Сухан ганҷинаи султони ишқ аст.
Зи дил файзе, ки ҷӯйӣ, ҷуз баён нест,
Забони теғ чун теғи забон нест.
Сухан зоҳир кунад сӯзи ниҳонро,
Зи шамъи дил барафрӯзад ҷаҳонро.

Ҳилолӣ

Ба сухан зинда шавад номи ҳама,
Ба сухан пухта шавад хоми ҳама.

Ҷомӣ

Намеояд зи шамшер, он чӣ аз теғи забон ояд.

Соиби Табрезӣ

## ҚОИДАҲОИ ИМЛОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Президиуми Совети Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1989 комиссияи забон таъсис дода буд. Комиссия дар хусуси мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ дархосту пешниҳод кард.

Он замон ҳатто масъалаҳое пеш оварда шуданд, ки баъзеҳо ҷонибдори се забони давлатӣ: тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ буданд. Албатта, ӯзбекҳо низ ҳуқуқи забонро доранд, чуноне ки ҳуқуқ ба таълим, интихоботу радио, меҳнату маишат, телевизиону матбуот, кор дар мақомоти давлативу соҳибкорӣ, ширкат дар варзишу дигар чорабиниҳои давлативу байналмилалӣ ва ғайраву ҳоказо доранд. Дар асл ҳам чунин аст. Бояд гуфт, ки давлат бар зарари ягон забон нест ва онҳоро ҳамеша ҳифз менамояд. Дар сурати дастгирӣ наёфтани ин ва ё он забон норозигиҳо пайдо хоҳанд гашт. Аммо агар ин се забони ишораи боло мақоми давлатӣ мегирифтанд, ҳоли забони тоҷикӣ хароб мегашт, зеро кашмакашиҳо дар ин ҷода зиёд гашта, табоҳӣ меоварданд.

Баъд аз таъсис ёфтани комиссияи забон коркарди имлои нав ба миён омад ва имлое, ки солиёни зиёд хизмат карда омада буд (аз соли 1972) ба он тағйирот ворид карда шуд.

Соли 1998 (сентябр) «Имлои забони тоҷикӣ» ба миён омад.

Ин имло беш аз 10 сол (1998-2011) арзи вуҷуд дошт. Дар ин давра дигаргуниҳо ба миён омаданд ва зарурати ба майдон омадани имлои нав пайдо гашт.

Имлои қабулшудаи соли 2011 аз имлоҳои пешин ба куллӣ фарқ мекунад. Пеш аз ҳама, фарқ дар он аст, ки шумораи ҳарфҳо, ки 39 адад буданд, ба 35 поён фуромаданд. Ҳарфҳои хоси забони русӣ аз қабили ц,щ,ы,ь-ро аз алифбои забони тоҷикӣ бардоштанд.

Ҳарфҳое, ки аз ҳамгуни худ дур афтода буданд, ба тартиб дароварда шуданд.

**Имло** калимаи арабист ва маънои «пур кардан», «навишта пур кардан», «ба касе гуфта нависондан»-ро дорад. Дар забоншиносии имрӯзаи тоҷикӣ мафҳуми имло маҷмӯи қоидаҳое дар бораи навишти дурусти калимаҳо ва қисми маънодори онҳо: дар бораи якҷоя навиштан, ҷудо ва ё бо нимтире (дефис) навиштани калимаҳо; истифода аз ҳарфҳои хурд ва калон дар навишти калимаҳо; дар бораи аз сатр ба сатри дигар кӯчондани қисми (ҳиҷоҳои) калимаҳо, ки дар алифбои кириллӣ муҳим аст, маълумот медиҳад.

**Алифбо** аз ҳарфҳои аввали алифбои арабӣ **алиф** ва **бо** гирифта шудааст.

***Маҷмӯи аломатҳои графикии (ҳарфҳои) забон, ки бо тартиби муайян ва номҳояшон пайи ҳам омадаанд, алифбо номида мешавад.***

Дар истилоҳи байналмилалӣ имлоро **«орфография»** мегӯянд, ки он аз калимаи юнонӣ буда, маънояш **«дуруст менависам»** мебошад.

Аз замонҳои қадим то имрӯз фазилату маданият ва бофарҳангии одамон то ба кадом андоза пайгирӣ карда мешавад, донистани имло ба кадом сурат асту беғалатнависӣ дар кадом поя мебошад, андозагирӣ гаштааст.

## ТАЪРИХИ АЛИФБО

Дар таърихи забони тоҷикӣ номи чанд хат зикр ёфтааст, ки қадимтарин ва машҳуртарини онҳо: хатти мехӣ, авестоӣ, паҳлавӣ, монавӣ, суғдӣ, арабӣ, лотинӣ ва кириллӣ мебошанд.

## ХАТТИ МЕХӢ

Хатти мехӣ хатти расмии сулолаи Ҳахоманишиён (асри VII пеш аз мелод то замони истилои Искандари Мақдунӣ (соли 330-и пеш аз мелод) буд.

Хатти мехӣ 36 аломат дошт ва аз чап ба рост навишта мешуд. Қадимтарин ёдгории хатти мехӣ ба даврai ҳукмронии шоҳони Ҳахоманишиён Аршам ва Ариярамма тааллуқ дорад ва аввалин навиштаҷоти он ба номи Дорои I вобаста буда, бо номи «Катибаи Бесутун» ёд мешавад.




## ХАТТИ АВАСТОӢ

Хатти авастоӣ дар асоси хатти паҳлавӣ барои сабти «Авесто» - китоби динии зардуштиён - ихтироъ гардидааст.




1 - ҳарфҳои авастоӣ;
2 - транскрипсия.

## ХАТТИ ПАҲЛАВӢ



| Алифбои паҳлавӣ | Дар ҳузворишҳо | Дар паҳлавӣ |
|---|---|---|
| | A | . (алиф) |
| | H | h |
| | B | b |
| | G | g |
| | D | d |
| | Y | y |
| | -H | mn |
| | W | w |
| | N | n |
| | ` | - |
| | R | r |
| | Z | z |
| | K | k |
| | K | γ |
| | L | l |
| | L | l |
| | M | m |
| | Q | - |
| | S | s |
| | P | p |
| | C, S | č |
| | Š | š |
| | T | t |

Хатти паҳлавӣ дар асоси яке аз шохаҳои хатти оромӣ, тақрибан дар асри III мелодӣ ба вуҷуд омадааст.

Хатти паҳлавӣ дар аввал дорои 22 аломат буд, баъдтар (барои зуднависӣ) шакли ҳарфҳо ба якдигар монанд шуд ва шумораи онҳо ба 14-15 расид. Самти ин хат аз рост ба чап буд. Осори забони форсии миёна, яъне осори давраи Сосониён бо ин хат китобат шудаанд.

## ХАТТИ МОНАВӢ

Хатти монавӣ дар заминаи як шохаи хатти оромӣ ба вуҷуд омада, 22 ҳарфи асосӣ ва 7-то иловагиро дар бар мегирифт.

Осори хатти монавӣ «Шопургон» мебошад, ки порчаҳои парокандаи он то замони мо омада расида, ба забони портӣ ва суғдӣ иншо гаштаанд.



## ХАТТИ СУҒДӢ

Хатти суғдӣ низ дар заминаи хатти оромӣ дар Суғди қадим ихтироъ гашта, дорои 23 аломат будааст.

Дар аввали асри VI хатти шикастаи номукаммали суғдӣ ташаккул ёфт, ки то асри X маъмул буд. Ба ин хат ҳуҷҷатҳои кӯҳи Муғ, катибаҳо аз Афросиёб, Панҷакент, осори динҳои будоӣ ва насронӣ навишта шудаанд.




## ХАТТИ АРАБИАСОСИ ФОРСӢ

Хатти арабӣ дар асоси хатти оромӣ мустақиман ба

вуҷуд наомадааст, балки аз рӯйи қабилаи набатиҳо (набатиҳо мисли арабҳо мардуми сомӣ буда, дар асри V пеш аз мелод аз Арабистон кӯчида, ба Фаластин рафта, дар асри II пеш аз мелод давлати калоне ташкил додаанд), ки аз оромӣ ба вуҷуд омадааст.

Аз асри IV мелодӣ сар карда, бо ин хат матнҳои арабӣ низ таълиф ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, ислом ё худ дини ислом ягона ва хатту забони арабӣ забони расмии қаламрави хилофати араб қарор гирифт.

Алифбои арабӣ аз 28 ҳарф иборат аст ва бо илова гардидани 4 ҳарфи забони форсӣ ( **г, п, ч, ж** ) алифбои он ба 32 адад расид ва бо номи алифбои арабиасоси форсӣ ёд шуда, то соли 1929 дар истифода қарор дошт.

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ذ | د | خ | ح | چ | ج | ث | ت | پ | ب | ا |
| ذال | دال | خه | حه | چه | جیم | ث | ته | په | به | الف |
| zâl | dâl | xe | he | če | jīm | se | te | pe | be | alef |
| z | d | x | h | č | j | s | t | p | b | ; |
| [z] | [d] | [x] | [h] | [ʧ] | [ʤ] | [s] | [t] | [p] | [b] | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| غ | ع | ظ | ط | ض | ص | ش | س | ژ | ز | ر |
| غين | عين | ظا | ظا | ضاد | صاد | شين | سين | ژه | زه | ره |
| ğeyn | eyn | zâ | tâ | zâd | sâd | šin | sin | že | ze | re |
| ğ | ' | z | t | z | s | š | s | ž | z | r |
| [ɢ, ɣ] | [ʔ, Ø] | [z] | [t] | [z] | [s] | [ʃ] | [s] | [ʒ] | [z] | [r] |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ی | ه | و | ن | م | ل | گ | ک | ق | ف |
| ی | هه | واو | نون | میم | لام | گاف | کاف | قاف | فه |
| ye | he | vâv | nun | mim | lâm | gâf | kâf | qâf | fe |
| y | h | v | n | m | l | g | k | q | f |
| [j] | [h, Ø] | [v] | [n] | [m] | [l] | [g] | [k] | [ɢ, ɣ] | [f] |

## ХАТТИ ЛОТИНӢ

Ин хат аз 26 аломат иборат буд ва 4 ҳарфи дигар (ж, ӣ, й, ч) илова гашту миқдори онҳо ба 30 адад расид. Ин хат то соли 1940 хизмат карда, ҷойи худро ба алифбои кириллӣ дод.

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Aa | Bв | Cc | Çç | Dd | Ee | Ff | G g | Ƣ ƣ | Hh | Ii |
| İi | Jj | Kk | Ll | Mm | Nn | Oo | Pp | Qq | Rr | Ss |
| Şş | Tt | Uu | Üü | Vv | Xx | Z z | Ƶ ƶ | | | |

## ХАТТИ КИРИЛЛИАСОСИ ТОҶИКӢ

Ин хат аз тарафи бародарон Кирилл (826-869) ва Мефодий (820-885) ихтироъ шудааст.[1] Хат дорои 33 аломат буда, бо иловаи шаш ҳарфи дигари тоҷикӣ (ӣ, ғ, қ, ӯ, ҳ, ҷ) шумораи онҳо ба 39 адад расид.

Имлои забони тоҷикӣ соли 1998 таҳрир шуд. Ҳарфҳое, ки барои забони мо бегона буданд (ц, щ, ы, ь), аз алифбои забони тоҷикӣ хориҷ гаштанд ва шумораи ҳарфҳо ба 35 адад фуромад. Ин алифбо то имрӯз дар истифода аст ва мо аз рӯйи он кор бурда истодаем.

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Aa | Бб | Вв | Гг | Ғғ | Дд | Ee | Ёё |
| [a]? | [b]? | [v]? | [g]? | [ʁ]? | [d]? | [e]? | [jɒ]? |
| Жж | Зз | Ии | Ӣӣ | Йй | Кк | Ққ | Лл |
| [ʒ]? | [z]? | [i]? | [/'i/]? | [j]? | [k]? | [q]? | [l]? |

[1] Матробов С.Қ., Абдуллоева П. Забони тоҷикӣ, - Душанбе, 2001. - С.159.

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Мм | Нн | Оо | Пп | Рр | Сс | Тт | Уу |
| [m]? | [n]? | [o]? | [p]? | [r]? | [s]? | [t]? | [u]? |
| Ӯӯ | Фф | Хх | Ҳҳ | Чч | Ҷҷ | Шш | Ъъ |
| [ө]? | [f]? | [χ]? | [h]? | [tʃ]? | [dʒ]? | [ʃ]? | [ʔ]? |
| Ээ | Юю | Яя | | | | | |
| [e]? | [ju]? | [ja]? | | | | | |

# ИМЛОИ БАЪЗЕ САДОНОКҲО

Пеш аз ҳама, қайд кардан зарур аст, ки мо дар забони тоҷикӣ ду адад ҳарфи **«и»** дорем, яъне **«и»** ва **«ӣ»** ва ҳар кадоми онҳо вазифаи худро доранд.

Овози **«и»** дорои чунин вазифаҳост:

- калимаҳоро ба ҳамдигар алоқаманд менамояд: Рахши Рустам, амири Бухоро, вазири маориф, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ятими кулл, захми забон, тухми анқо, себи ширин;
- дар охири калимаҳо омада зада қабул карда кашида талаффуз мегардад ва **«ӣ»** навишта мешавад: садафӣ, омӯзгорӣ, муаррифӣ, саводнокӣ, ғуломӣ, бараҳнагӣ, кӯдакӣ, қишлоқӣ, субҳхезӣ, кашмакашӣ, саҳнаоройӣ, ҷамъиятӣ, қонунӣ, аксбардорӣ, шеърхонӣ, хушгуфторӣ, Саъдӣ, Муҳаммадӣ, Биноӣ, Ҳилолӣ, Фирдавсӣ, Хоқонӣ, Ҷувайнӣ, Саноӣ, Ҷомӣ, Сомонӣ, Раббонӣ, Сипеҳрӣ ва ғ.
- агар чун бандаки феълӣ ва хабарӣ кор фармуда шавад, он гоҳ **«ӣ»** истифода мегардад: ту шунидӣ, ту озмудӣ, ту тақозо доштӣ, ту гуфтӣ, ту озмудӣ, ту рафтӣ, ту нишастӣ ва ғ.
- дар назму насри классикӣ чун пешванди **ме-** истифода гаштааст: рафтамӣ, гуфтамӣ, дидамӣ, шунидамӣ, омадамӣ ва ҳоказо:

Рафтам**ӣ** гаҳ-гаҳе ба дарёбор,
Судҳо дидам**ӣ** дар он бисёр.

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Аммо бояд дар хотир дошта бошем, ки дар баъзе мавридҳо дар охири калимаҳо зада намегирад, вале **й** навишта мешавад:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мАрдӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мАрдӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мАрдӣ.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

**Ту аз рӯйи кирдорат хеле тавонОй. Ту нотавОнӣ. Ту зӯровАрӣ ва ғ.**

**Машқи 1.** Аз калимаҳои дар поён овардашуда ҷумла тартиб дода, дар дафтаратон нависед.

Соҳибкорӣ, иқтисодӣ, зараррасонӣ, фоидагирӣ, шаҳрвандӣ, бешафқатӣ, мулкдорӣ, бонкӣ, савдогарӣ, ҷавобгарӣ, саҳлангорӣ, хушзабонӣ, қарзӣ, молиявӣ, аудиторӣ, хӯрдашавӣ, содиротӣ, қатъшавӣ, судхӯрӣ.

## ОВОЗИ «У»

Овози **у** ду тарзи талаффуз ва навишт дорад: кӯтоҳ (у) ва дароз (ӯ).

Дар баъзан мавридҳо **У** дароз талаффуз шавад ҳам, кӯтоҳ навишта мешавад: бону, чорсу, ҷоду, оҳу, зону, дурр ва ғ.

Ӯ-и дароз ё худ кашида талаффузшаванда бо истисноӣ калимаҳои иқтибосии туркӣ ва арабии ӯгай, ӯймоқ, ӯрдак, ӯхда ва ғ. боқӣ дар аввали калимаҳо намеояд ва танҳо дар мобайн ва охири калимаҳо навишта мешавад: тӯй, дӯст, гӯш, гӯр, гӯсфанд, сӯзан кӯдак, пӯст, рӯшанӣ, бӯ(й), рӯ(й), мӯ(й), ҷӯлида ва ғ.

**Машқи 1.** Ба тарзи навишт ва талаффузи калимаҳои зерин диққат дода, онҳоро дар дафтаратон нависед.

Мӯй-мӯ, рӯй-рӯ, хунукрӯ-хушрӯ, дурӯя, ҷӯ-ҷӯй, шӯй-шӯ, рӯшан (равшан), сӯй-сӯ, бӯй-бӯ.

**Супориши 1.**

Ҷумлаҳои дар поён овардашударо дар дафтаратон навишта, ғалатҳои мушоҳидакардаатонро ислоҳ намоед.

1. *Бонки миллӣ қарзҳои дарозмӯҳлатро иҷозат дод.*
2. *Модари Савсан ҳамдарси амаки мукарам буд.*
3. *Озмуни шоҳмот рузи дигар гузаронда мешавад.*
4. *Одина гусфандонро ҳаруз ба шикор мебурд.*

Садоноки Ӯ дар забони тоҷикӣ хусусияти тағйир додани маънои калимаро низ дорад: куш (асоси феъли куштан) – кӯш (асоси феъли кӯшидан), хурд (сифат) – хӯрд (асоси феъли хӯрдан), сӯм (суми асп, суми пой, суми хар, суми пойи шутур ва ғ.) – сӯм (пул, маблағ) ва ғ.

Эй аз гули сурх ранг бурдаву бӯ,
Ранг аз пайи рух рабуда, бӯ аз пайи мӯ.
Гулранг шавад чу рӯй шӯйи ҳама ҷӯ,
Мушкин гардад, чу мӯ фишонӣ, ҳама кӯ.

Рӯдакӣ

**Супориши 1.** Даҳ ҷумлае тартиб диҳед, ки садоноки **ӯ** дар ҳар ҷумла ду бор истифода шуда бошад.

**Супориши 2.**

1. Оё дар ҷумлаҳои поён **ӯ** дуруст истифода шудааст?

Ба талаффӯзи калимаҳои мааттаассӯф ва тасодӯф аҳамият диҳед ва гӯед, ки **ӯ** дар кадом калима нодуруст омадааст?

Агар гуем, ки роҳ кутоҳ будӯ кутал дароз навишти мо беғалат аст?

2. Аз калимаҳои **мӯй, мӯ, шӯй, шӯ, ҷӯй,ҷӯ** ҷумла тартиб дода, дар дафтаратон нависед.

## ОВОЗИ «Э»

Ҳарфи **э** мувофиқи қоидаи маъмул дар огози як теъдод калимаҳои иқтибосӣ навишта мешавад: эҷод,

эрод, эзоҳ, эҳсон, эҳтиром, элак, эрка, экспертиза, эксқватор, экспресс, эълон, эътироз, эътимол, экология, эстрада ва ғ.

Дар аввали якчанд калимаи таърихӣ аз рӯйи имлои пешин ҳарфи э навишта мешавад: Эрон, Эраҷ, эшон, эзид ва ғ.

Дар байн ва охири калима ба ҷойи ҳарфи э **«е»** навишта мешавад: меҳр, себ, шанбе, се , полез, сер ва ғ.

Ҳусн ҳусн нест, одоб ҳусн аст.
Узри аҳмақро намебояд шунид.

Ҷалолиддини Балхӣ

Хоҳӣ, ки наёрӣ ба сӯи хеш зиёнро,
Аз гуфтаи нохуш нигаҳ дор забонро.

Носири Хисрав

Ба ширинзабонию лутфу хушӣ,
Тавонӣ, ки пиле ба мӯе кашӣ.

Саъдии Шерозӣ

**Супориши 1.** Аз калимаҳои **элак, эҳтиром, эзоҳ, беэҳтиёт, беэътибор, беэҳтиром, эҷодкор** истифода бурда ҷумла тартиб диҳед.

**Саволи 1.**

Ҳарфи э дар байн ва анҷоми калима бо кадом аломат ишора мегардад? Ба ин савол дар дафтаратон ҷавоб нависед.

# ИМЛОИ БАЪЗЕ ҲАМСАДОҲО

## ҲАМСАДОИ «Й»

Ҳамсадои **й** дар мавридҳои зерин навишта мешавад: дар аввал, байн ва охири калимаҳо:

**-дар аввал:** *йурға, йигит, йод, йурт, йога, йотбарсар, йоддор, йоднок, йо, йот ва ғ.*

**-дар байн:** *пойафзол, пайваст, майдон, майзада, найнавоз. шайдо, ҷойдорӣ, паймон, ҳайрон, вайрон, тӯйхона ва ғ.*

**-дар охир:** *рӯй, мӯй, сӯй, шӯй, ҷӯй, бӯй, най, кӯй, тӯй, чой, рой, ной, сой, хой, май, лой, пай ва ғ.*

Ҳарфи **й** пеш аз садонокҳои **а, у, э, о** истифода гардад, он гоҳ бо як ҳарф ифода мешавад: **й+а=я, й+у=ю, й+э=е, й+о=ё**

Ҳарфҳои **я, ю, е, ё** – ро барои он йотбарсар мегӯянд, ки онҳо ҳарфи **й** (йот) доранд.

**Супориши 1.**

Аз мисолҳои ишораи поён йотбарсарҳоро ёфта, барои ҳар кадоми онҳо яктогӣ мисол нависед.

*1. Юсуфу Ёдгор дар роҳ мерафтанд, ки аз пеш Рустами Ямоқ баромада, ба онҳо ҳамроҳ шуду гапро сар кард.*

*2. Яҳё яке якбора ба ӯ ҳуҷум кард.*

*3. Аз баргашта омадани Ёриев А.З. Юсуфи Яҳё огаҳ буд, вале ҳарфе ошкор накард.*

*4. Юнучқа заминро фарбеҳ карда, ҳосилнокиро зиёд менамояд.*

*5.Дар боғ донишҷӯён ба боғбонҳо ёрӣ мерасонданд.*

## ИМЛОИ ҲАМСАДОИ «Ъ»

Ҳарфи **ъ** дар дохил ва охири калимаҳои иқтибосии

арабӣ ба ҷойи **айн** навишта мешавад: аъло, масъул, масъала, таъинот, асъор, даъват, меъёр, ҷамъият, ҷамъ, маҷмӯъ, мавзӯъ ва ғ.

Машҳур бо баҳои «аъло» таҳсил мекард.

Омадани ашхоси ғайр мамнӯъ буд, зеро теъдоди одамон то андозае ҳувайдо набуд.

- Ҳарфи **ъ** дар байни ду садонок навишта намешавад (бо истиснои калимаҳои фаъол ва таъин): саодат, маориф, маҷмӯи мол, маҷмӯи қонунҳо, мавқеи ҳукмронӣ, мавзӯи дарсӣ ва ҳ.

Саодат ном дорӣ, эй дилором,
Маро ҳам кун саодатманд а-зин ном.
М.Турсунзода

-Калимаҳое, ки дар таркибашон се ё чаҳор ҳамсадо ба як тартиб омадааст, онҳо калимаҳои арабӣ мебошанд: **ктб** – китоб, **мктб** – мактаб, **мрф** – маориф, **мктб** – мукотиба, **мҷм** – маҷмуа, **нфст** – нафосат, **трдд** – тараддуд, **швкт** – шавкат.

-Агар дар таркиби калима ҳамсадои ҳалқии **ъ** бо пасвандҳои –ат, -ият анҷом пазируфта бошад, чунин калимаҳо нишонаи иқтибосоти арабӣ мебошанд: маърифат, ҷамъият, масъулият, маъмурият, фаъолият, даъват, маъзарат, маъруфият, маданият.

**Супориши 1.**

1. Калимаҳои **маълумот, маъмул, маъзур, маъво, машшоқ, машриқ –** ро истифода бурда, дар дафтаратон чорто ҷумла нависед.

**Намуна:** *Маҳмадкарими Қаландар дар бораи ҷамъбасти солона ба сардорамон маълумот пешниҳод кард.*

## ИМЛОИ КАЛИМАҲОИ МУШАДДАД

Овозҳои мушаддадро ҳамсадоҳои ташдиддор ҳам мегӯянд, яъне як ҳарф дар калима мадкашида талаффуз ёфта, ду бор навишта мешавад: *диққат, мутафаккир, таваққуф, Ҷаббор, Муҳаммад, Камолиддин, Файзулло, қувва, ҳисса, салла, бутта, пурра, тилло, ғалла, арра, табассум, таассуф, тааҷҷуб, ҷаллод, тасаввур, пашша, иттифоқ, муқаддас ва ғ.*

Дар забони тоҷикӣ ташдиди ҳамсадоҳо хоси калимаҳои ду ва сеҳиҷоӣ мебошад: *якка, тиббӣ, қассоб, раззоқ, маккор, фаттоҳ, мукаррам, мушарраф, таваррум, таҷассум, музаффар, мукаммал, муҷаррад, мухаммас ва ғ.*

Инчунин дар калимаҳои иқтибосии аз дигар забонҳо омадагӣ, бахусус аз забони арабӣ, бештар мушоҳида мешавад: *ташаккур, сарроф, мушаддад, мусаввир, мударрис, таҳаммул, тазаккур, таваллуд, муҷаррад, иттилоъ ва ғ.*

Калимаҳои иқтибосии аврупоие, ки ба забони мо гузаштаанд, агар дар таркибашон овозҳои мушаддад дошта бошанд, бе тағйирот навишта мешаванд: *дифференсиатсия, комиссия, коллегия, коррупсия, миссия, коллектив, агрессия, терроризм, апеллятсионӣ ва ғ.*

Агар ба калимаҳои таърихан ташдиддори **дур, кул, син, хат, фан, зид, қад, сир, ҳад** ва ғайра, ки таърихан мушаддаданд, агар овозҳои **у** ва ё **и** ҳамроҳ шаванд, дар он сурат ташдид барқарор мегардад: дурру марҷон, кулли донишҷӯён, зидди қонун, хатти хоно, сирри махфӣ, фанни таърих, қадду қомати зебо, синни мактабӣ, маҳфили фаннӣ, зидди душман, сирри ҳарбӣ, ҳадди эътидол ва ғ.

**Супориши 1.**

Калимаҳои зеринро аз рӯйи тафовути маъноӣ шарҳ диҳед: *дур – дурр, сир – сирр, ака – акка, мода – модда, дарав – даррав, хӯрам – хуррам, хӯрок – хуррок.*

Калимаҳоро навишта бегалат ва бурро хонед: *тилло, тафаккур, таассуф, тааллуқ, мухаддир, назаррас, мусаллаҳ, муддат, мукаммал, фаррош, қувва, шаффоф, ҳиммат, муҳаққиқ, таманно, мубаддал, тасарруф, ташаккул, тараддуд, тахассус, муваффақият, террор, ҳиссиёт, омма, аммо, танаффус, фавқулодда, ғӯсса, зиддият, ғалла, иттифоқ, иттилоот, албатта, маккор, қассоб, раззоқ, ҷаллод, арра, калла, чаппа, хаттот, мукаррам, мушарраф, мушаххас. таассуф,таҷассум, тараҳҳум, муҳаббат, таваллуд, муҷаррад, таназзул, мухаммас, мураккаб, муттаҳид, ташаббус.*

## ТАҚСИМИ КАЛИМА БА ҲИҶО

Ҳиҷо аз овозҳои садодор ва ҳамсадо ташкил ёфта бо як нафас талаффуз мешавад: мо-дар, о-хир, о-дат, бо-қӣ, со-қӣ, қад-ду, су-рат, за-ру-рат, ки-ми-ё, му-со-вӣ, о-хи-рат.

Дар алифбои кириллӣ, ки имрӯз аз он истифода дорем, донистани ҳиҷо зарур аст. Зеро дар мавриди кӯчондани ҳиссаи калима аз як сатр ба як сатри дигар, яклӯхтии ҳиҷо ба эътибор гирифта мешавад.

Бояд қайд кард, ки ба таври зайл тақсим кардани калимаҳо ба ҳиҷо ғалат аст: қоб-ил, ҷоҳ-ил, ма-ъне, уст-од, парока-нда, ил-мири-ё-зӣ ва ғайра.

Ҳангоми аз як сатр, ба сатри дигар кӯчондани ҳиссаи калима як ҳарф **ҳиҷоро** ташкил кунад ҳам, ба сатри дигар кӯчонда намешавад: а-до-лат, ки-ми-ё, пи-ё-ла, а-шӯ-ла, а-ри-за, ё-вар ва ғайраҳо.

Ҳарфҳои мушаддад, яке дар ҳиҷои аввал, дигаре дар ҳиҷои дуюм меоянд: та-сав-вуф, та-сав-вур, та-ас-суф, та-аҷ-ҷуб,қув-ва, ғус-са, ҳис-са ва ғайраҳо.

Инчунин, бояд гуфт, ки ҳангоми ба ҳиҷоҳо тақсим кардани калима, миқдори садонокҳову йотбарсарҳо ба эътибор гирифта мешавад: дар-си за-бо-ни ру-сӣ, со-а-ти тар-би-я-вӣ, ма-ҳо-ра-ти ус-тод, дӯс-то-ни ги-ро-мӣ, ко-ри ил-мӣ ва ғайраҳо.

**Супориши 1.**

Калимаҳои додашударо ба ҳиҷо тақсим кунед.

*Эътимод, зарофа, воқеа ҷасорат, шукуфа, холдор, ҳамбастагӣ, кошокаш, занозан, мардонавор, Ғуломалӣ, ҷанҷолӣ, Абдуллоҳ, Раббонӣ, бахт, тахт, дӯст, пӯст, нобаҳангом, оҳистаякак, хубрӯяк, хушк, холӣ, сабр, тоқат, ҷафо, ҳувайдо, ташналаб, ҷасур, мард, занак, сурх, зард, сиёҳ, қанд, фаросат, Ҷаббор, Қаҳҳор, Муқаддас, мукаммал, мушарраф, тездастӣ, теззабон, террор, тазаккур, тасаввур, наск, насл, нафс, рӯҳия, ноёфт, нисф, номвар, неквар, самакӣ, маънавӣ, машҳур, Довуд, муслим, масрур, кошона, зикр, зиёфат, зиштрӯй, задринкулоҳ, яхин, юсуфҷамол.*

## ҲОДИСАҲОИ САВТӢ (фонетикӣ)

***Дар баъзе ҳолатҳо тағйирёбии овозҳои нутқ ба имло низ таъсир мерасонад, ки ин тариқ тағйиротро ҳодисаҳои савтӣ ё фонетикӣ меноманд:***

**Афтидани овозҳо**

Дар гуфтор аз таркиби калима овоз коҳиш меёбад, вале ба маъно зарар намеорад. Дар навишт инъикос намеёбад: дасгоҳ (дар гуфтор) – дастгоҳ (дар навишт), дос – дост, дасёр – дастёр, рафтан – рафтанд, гуфтан – гуфтанд, шунидан – шуниданд, мо – моҳ, хишрез – хиштрез, чӣ ко кард – чӣ кор кард, почо – подшоҳ, ма – маҳ ва ғ.

**Ихтисоршавии овозҳо**

Ҳодисаҳои савтӣ бештар дар феъл, пешоянду пайвандак ва таркибҳои кӯтоҳшуда ба назар мерасад, ки ин тағйирот ба имло бетаъсир намемонад: кайҳост (кайҳо аст), ки аз (к-аз), агар (гар, ар), ки ӯ (к-ӯ), ки андар (к-андар) ва ғ.

Хирад дар сухан баргузинад ҳаме,
Ҳамон баргузинад, ки бинад ҳаме.

Фирдавсӣ

Ҳастам зи ҷон ғуломат, аммо гурезпоям,
Сад борам ар фурӯшӣ, бигрезаму биёям.

Ҷомӣ

Дар назм дар таркиби бандакҷонишинҳо ин тағйирот мушоҳида мегардад:

Ситамдидаро пеши ӯ хонданд,
Бари номдорон-ш биншонданд.

Фирдавсӣ

Дар вожаҳои бобо-м, бобо-т, бобо-ш, таго-м, таго-т, таго-ш, ако-м, ако-т, ако-ш, калони-м, калони-т, калони-ш ва ғ.

Бобом маро ба наздаш даъват кард. Бобоям маро ба наздаш даъват кард.

Бародари калоним инженер аст. Бародари калониам

инженер аст.

## АФЗУДАНИ ОВОЗҲО

Ин ҳодиса вобаста ба талаботи ҳиҷои тоҷикӣ, инчунин ба талаботи вазни шеър мувофиқат кардани калима ба амал омадааст: пиразан (пирзан), пирамард (пирмард), сохтмон (сохтумон), лоҷувард (лоҷвард) ва ғ.

## МОНАНДШАВӢ Ё ҲАМОҲАНГӢ

Ин ҳодиса дар ҷараёни нутқ рӯй медиҳад. Ҳангоми талаффуз дар калима, ки ду ё зиёда ҳамсадо як ҷо омадааст, овози ҳамсадоҳо тағйир меёбанд: зардолу–зандолу, ибтидо-иптидо, занбӯр–замбӯр, танбал-тамбал, ҷанба-ҷамба, санбӯса-самбӯса, анбӯр–амбӯр, танбеҳ-тамбеҳ, татбиқ- тадбиқ, шуштан- шустан ва ғ.

## ТАБДИЛЁБӢ Ё ДИГАРШАВИИ ОВОЗҲО

Бо таъсири овозҳои ҷарангдору беҷаранг тағйирот ба вуҷуд меояд: бадтар-баттар, хурдтар-хуртар, боғча-бохча ва ғ.

## ҶОЙИВАЗКУНИИ ОВОЗҲО

Дар ин шакли ҳодисаи савтӣ ду ҳолат ба назар мерасад:

а) ҷойивазкуние, ки ба меъёри имло мувофиқ нест ва танҳо хоси гуфтор аст: ҳавло (шакли дуруст ҳалво), дайро-дарё, зандолу-зардолу;

б) ҷойивазкуние, ки таърихан дар онҳо ҷойивазкунии овозҳо гузаштааст ва тадриҷан шаклҳои кӯҳна аз истеъмол баромада, шаклҳои нави онҳо дар заминаи ҷойивазкунӣ ба вуҷуд омада маъмул шудааст: хумра-хурма, тубра-турба, қуфл-қулф, кифт-китф ва ғ.

Ҷойивазкунии овозҳоро дар байти зерин муайян кунед:

Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

## ҲИССАҲОИ НУТҚ

## ИСМ ВА ИМЛОИ ОН

**Исм** ҳиссаи мустақили нутқ буда, ифодакунандаи номи ашёву шахс ва ғайраро ифода мекунад. Исмҳо хосу ҷинс, танҳову ҷамъ, ҷондору беҷон, моддиву маънӣ мешаванд.

Калимаҳои зиёди забонамонро исм фаро мегирад. Маҳз аз ин хотир, дар сатҳи баланд донистани он шарт ва зарур аст. Исмҳо пасвандҳои зиёди калимасозро фарогиранд. Пасвандҳои **–чӣ, -гар, -зор, -дон, -иш, -истон, -ор** ба асоси феъл ва худи исмҳо пайваст гардида, исмҳои нав месозанд.

Чунончи: хона-хонадон, дарахт-дарахтзор, сабза-сабзазор, гул-гулзор, гул-гулистон, тоҷик-Тоҷикистон, турк-Туркистон, зар-заргар, кор-коргар, гуфт-гуфтор, рафт-рафтор, мадад-мададгор, кишт-киштзор, пода-подабон, хук-хукбон, мурғ-мурғбон, гузар-гузариш, рав - равиш, хон–хониш, бин–биниш ва ғ.

Ин гуна мисолҳо зиёданд, вале аз сабаби хеле маҳдуд будани соатҳои дарсӣ нисбати таълими забони давлатӣ ҳамаи онҳоро қайд карда гузаштан аз имкон берун аст. Маҳз аз ин назар, мо таҳлили пурраи мавзӯъҳои ба нақша гирифташударо рӯйи таҳлилу татбиқ бароварда наметавонем ва ба камтаре аз онҳо қаноат мекунем.

Чунончи:

**1. Исмҳое, ки ду тарзи навишт доранд**

Исмҳое, ки бо ҳамсадоҳои **ҳ ва й** анҷом меёбанд: *роҳ-раҳ, чоҳ-чаҳ, моҳ-маҳ, рӯй-рӯ, пой-по, сарой-саро, мӯй-мӯ, шӯй-шӯ, ҷӯй-ҷӯ, шоҳ-шаҳ ва ғ.*

Вале бояд қайд кард, ки калимаҳои навъи *хоҳ, ислоҳ, гувоҳ, иштибоҳ, бой, лой, сой, ҷой, чой* ва ғайра як тарзи навишт доранд.

**2. Исмҳое, ки якҷоя навишта мешаванд**

-артикли арабии **ал-** бо исм: *алқисса, алвидоъ, алҳазар, алғараз, алҳақ* ва ғ.

-исмҳои мураккабе, ки аз ду ва ё зиёда асос сохта шудаанд: *шартнома, соҳибкор, соҳибмулк, соҳибистеъдод, суратҳисоб, коромӯз, устокор, уҳдадор* ва ғ.

-исмҳое, ки ба воситаи пасвандҳои **–ӣ(-чӣ, -гӣ) –ак** сохта шудаанд: *макроиқтисодӣ, пулқаздиҳӣ, беқурбшавӣ, пулчинак, суханчинак, бозоршинак, чекчинак, роҳрӯбак* ва ғ.

-исмҳое, ки аз шумораву исм бо пасванди -а таркиб ёфтаанд: *чоркунҷа, панҷқабата, нуҳошёна, дузана, секаса*;

-исмҳое, ки аз феъл тавассути миёнвандҳои **у ва о** таркиб ёфтаанд: *гуфтугӯ, ҷустуҷӯ, рафтуомад, даводав, шиштухез, гапогап* ва ғ.

-исмҳои мураккабе, ки аз иборaҳои иқтибосии арабӣ тавассути артикли –ал сурат ёфтаанд: *дастуруламал, маликушшуаро, Мовароуннаҳр* ва ғ.

**3. Исмҳое, ки ҷудо навишта мешавнд**

Исмҳое, ки ҷудо навишта мешаванд, онҳоро исмҳои таркибӣ мегӯянд:

-таркибҳои ҷуфте, ки бо пайвандаки **–у(-ву, -ю)** сохта шудаанд: *афту андом, гӯшту нохун, ишқу ҳавас, шаъну шараф, обу ҳаво, молу ҳол, хушу хурсанд, ишқу муҳаббат,ҷабру ситам, хушку холӣ, қаҳру ғазаб* ва ғ.

-исмҳое, ки мафҳуми ҷуғрофӣ доранд ва маънои луғавию задаи худро нигоҳ доштаанд: *Осиёи Миёна, Осиёи Марказӣ, Шарқи Дур, Сибири Шарқӣ, Сари Хосор* ва ғ.

-исмҳое, ки баёнгари ному унвон мебошанд: *Абӯалӣ ибни Сино, Нависандаи халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олӣ, Суди Иқтисодӣ, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон* ва ғ.

**4. Исмҳое, ки бо нимтире навишта мешаванд**

-исмҳое, ки ҷузъи шуморавиашон бо адад ифода шудааст:

*20-солагии Истиқлолияти ҶТ, 2700-солагии ш. Кӯлоб* ва ғ.

-исмҳои мураккабе, ки аз такрори калимаҳои тақлидӣ ва тасвирӣ ба вуҷуд омадаанд: *гум-гум, чир-чир, милт-милт, бир-бир, фир-фир* ва ғ.

-исмҳои иқтибосие, ки номҳои ҷуғрофиро ифода мекунанд: *Коста-Рика, Ню-Йорк, Порт-Артур, Санкт-Петербург*.

## МАВРИДИ ИСТИФОДАИ ҲАРФИ КАЛОН

Калимаҳои баёнгари номи мақомоти олии давлатӣ, мансабҳои олӣ, рамзҳои давлатӣ: Ҳукумати Ҷумҳурии. Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нишони миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ.

Калимаи авввал ва исми хоси дохили номи таркибии идора, мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ, илмӣ ва фарҳангӣ: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ.

Номи муассисаҳои миёнаи умумӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, факултету кафедраҳо ва ғайра бо ҳарфи хурд навишта мешаванд: литсеи касбии техникии №3, мактаби таҳсилоти умумии №47 ва ғайра.

Калимаҳои аввали рутбаҳои тахассусӣ, унвонҳои фахрии давлатӣ ва мукофотҳои олӣ: Нависандаи халқии Тоҷикистон, Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва ғайра.

Исмҳои хоси маъмурӣ, ҷуғрофӣ, кайҳонӣ (мамлакат, кишвар, ҷумҳурӣ, вилоят, шаҳр, деҳа, баҳр, уқёнус, кӯҳҳо, сайёраҳо ва ғ).

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Суғд, вилояти Хатлон, Душанбе, Қурғонтеппа, Хоруғ, Кӯлоб, уқёнуси Ором, дарёи Вахш, ноҳияи Сино, Моҳ, Замин, Зуҳал, Зӯҳра ва ғ.

Калимаи нахуст ва исми хоси таркиби қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти иқтисодӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эъломияи ҳуқуқи башар.

Калимаҳои аввал ва исми хоси дохили ном ва

ҷашнҳо:

• Анҷумани байналмилалии тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон, Конференсияи сулҳ дар Гаага, Ҷашни 20-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

• Ихтисораҳое, ки аз ҳарфҳои аввали калима ва ибораҳо сохта шудаанд: ҶТ (Ҷумҳурии Тоҷикистон), СММ, АИ, ДТТ, ДМТ, ДМИТ, ДОТ, ИМА, ИДМ, АМҶТ.

• Номҳои Худованд: Худо, Худованд, Офаридгор, Парвардигор, Яздон, Ҳақтаоло ва ғ.

• Ном, номи падар, тахаллус, насабу лақаб: Нодири Нодирпур, Мирзо Файзалӣ, Шайх Аттор, Мавлоно Ҷомӣ ва ғ.

• Номи сулолаҳои таърихӣ: Ашкониён, Сомониён, Сосониён ва ғ.

• Исмҳои хос пасванди ҷамъбандӣ гиранд ҳам, бо ҳарфи калон навишта мешавад: Ғафforовҳо, Муллоевҳо, Рӯзибоевҳо, Наврӯзовҳо, Идибековҳо, Холовҳо ва ғ.

• Ҳар калимаи номи воқеаҳои таърихӣ: Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иди модарон, Исёни Муқаннаъ, Шӯриши Восеъ ва ғ.

Калимаи аввали исми хоси дохили номи асарҳои бадеӣ, маҷаллаю рӯзномаҳо, суруду мусиқӣ, филмҳо, асарҳои саҳнавӣ: «Писари Ватан», «Марги судхӯр», «Садои Шарқ», «Ҷумҳурият», «Минбари халқ», «Маорифи Тоҷикистон».

**Машқи 1.** Матнро навишта андешаи хешро роҷеъ ба ҳарфҳои калони дар матн овардашуда иброз доред.

Ривоҷу равнақи ҳунармандӣ ҳамчун сабабгори нашъунамои тиҷорати дохилию байнидавлатӣ хизмат намуда, ба пешрафти назарнамои илму фарҳанг мусоидат мекунад. Садҳо мутафаккирони онзамонаи халқамон обрӯю эътибори ҷаҳониро соҳиб гардидаанд. Аз ҷумла: Закариёи Розӣ, Абӯрайҳони Берунӣ,

Алфоробиву Абӯалӣ ибни Сино, Абӯабдуллоҳ Рӯдакиву Абдулқосим Фирдавсӣ, Умари Хайёму Саъдии Шерозӣ, Носири Хисраву Мизо Абдулқодири Бедил ва дигарон ба ёд оварда мешаванд. Махсусан, барои омӯзондани илми иқтисодӣ асрҳои безаволи Муҳаммад Закариёи Розӣ «Тибби рӯҳонӣ», Ибни Сино «Рисолаи тадбири манзил» ва ғ. ҷолиби диққатанд. Ҳарчанд Закариёи Розӣ ва Абӯалӣ ибни Сино ҳамчун ҳакимони беҳамто дар ҷаҳон шуҳрат ёфтаанд, хушбахтона, онҳо илми замонавиашон «Тадбири манзил»-ро сарфи назар накардаанд. Закариёи Розӣ роҷеъ ба тақсимоти меҳнат, ривоҷи ҳунармандиву ба вуҷуд омадани тахассусот, тақсимоти маснуоти меҳнату мубодилаи он, нобаробарии аҳли ҷомеа, зарурати инкишофи касбу ҳунар, тиҷорати байни давлатҳо, манотиқу шаҳрҳои гуногун мубодилаи афкор сохтааст.

Абӯалӣ ибни Сино бо номи «Тадбири манзил» рисолае иншо сохта, ба мо мерос гузоштааст, ки метавонем тавассути чунин иқдоми неки ин пажуҳишгари номдору маъруфу машҳурро дар радифи мутафаккирони барҷастаи соҳаи иқтисод эътироф намоем.Харчанд рисолаи Ибни Сино кӯчак бошд ҳам, вай ҳамчун дастури таълимии замона таҳия ва пешкаш шудааст.

«Назарияи иқтисод» (мазмунан баргузида шуд).

**Машқи 2**. Исмҳои таркибии дар поён ишорашударо дар дафтаратон навишта аз ёд намоед: Нависандаи халқии Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, Корманди шоистаи Тоҷикистон, Рассоми халқии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

«Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ»

**Машқи 3.** Аз матни ҳикояи додашуда исмҳои танҳову ҷамъ, хосу ҷинс, моддиву маънӣ, сода, сохта, мураккаб, шахсу ғайри шахсро ба дафтаратон нависед.

*Дар диёри Туркистон подшоҳи соҳибшавкат ва адолатпарваре буд. Яке аз арбобони давлати ӯ ба сабабе аз шоҳ гумонбар шуда рӯй аз шоҳ битофт ва яке аз душманони маликро фиреб дода бар зидди ӯ ба ҷанг хезонд. Чун шоҳ донист, ки душман аз итоат гардан тофтааст, ба ӯ номаи насиҳатомезе фиристод. Аммо хасми мағрур аз ғояти такаббур ба он илтифот накард ва ҳар куҷо гурӯҳи саргардонро ба ҷониби худ ҷазб мефармуд.*

*Подшоҳ дид, ки онҳоро ба мулоимат ислоҳ карда наметавонад, чунин пайғоме фиристод:*

*«Ману ту ба шишаву санг монандем. Хоҳ санг бар шиша занад ва хоҳ шиша бар санг, дар ҳар ду ҳолат шиша хоҳад шикаст ва сангро осебе нахоҳад расид».*

(«Калила ва Димна»).

**Супориши 1.**

Кадом тарзи ифода саҳеҳу хуштар аст? Аз калимаҳои овардашуда интихоб карда дар дафтаратон нависед ва шарҳ диҳед.

Муносибот – муносибатҳо, масоил – масъалаҳо, мақолот – мақолаҳо, ҷиноёт – ҷиноятҳо, саҳифот – саҳифаҳо, хоҳишот – хоҳишҳо, ҳойвонот – ҳойвонҳо, вазоиф – вазифаҳо, алоқот – алоқаҳо, мавориd – мавридҳо.

## ИМЛОИ БАЁНИЯ

- баёнияҳои беизофа ва изофие, ки мафҳуми унвон, мансаб, лақабу насабро ифода менамоянд ва ба маънои аслии худ корбаст шудаанд, бо ҳарфи хурд ва ҷудо навишта мешаванд: амир Темур, шоҳ Исмоил, подабон Назрӣ, чӯпон Маҳмуд, Хуршеди паҳлавон, Акбари муаллим, Муроди тракторчӣ, Ҷӯрабеки ҳофиз ва ғ.
- баёнияҳои изофие, ки бо исми хос омадаву мафҳуми лақабро ифода мекунанд, бо ҳарфи калон ва ҷудо навишта мешаванд: Баҳроми Гӯр, Ҳомиди Шикорчӣ, Махдуми Гав ва ғ.

Он қаср, ки Баҳром дар ӯ ром гирифт,
Оҳу бача карду рӯбаҳ ором гирифт.
Баҳром, ки гӯр мегирифтӣ ҳама умр,
Дидӣ, ки чӣ гуна гӯр Баҳром гирифт?!

Умари Хайём

## СИФАТ ВА ИМЛОИ ОН

Сифатҳо аломати ашё ва чигунагии ҳодисаву воқеаҳоро ифода карда, ба саволҳои чӣ хел?, чӣ гуна? ҷавоб мешаванд.

Сифатҳо дараҷаи одӣ, қиёсӣ ва олӣ доранд.

**Дараҷаҳои сифат:**

| **одӣ** | **қиёсӣ** | **олӣ** |
|---|---|---|
| сурх | сурхтар | сурхтарин |
| кабуд | кабудтар | кабудтарин |
| сафед | сафедтар | сафедтарин |
| зирак | зирактар | зирактарин |
| калон | калонтар | калонтарин |
| танг | тангтар | тангтарин |
| тунук | тунуктар | тунуктарин |
| хароб | харобтар | харобтарин |
| ҷавон | ҷавонтар | ҷавонтарин |

Сифатҳое, ки хусусиятҳои ифодакунии макону замон дошта, аз чӣ сохта шудани предметро мефаҳмонанд, сифатҳои нисбӣ ном доранд: хонаи хиштин, ҳайкали чӯбин, дари оҳанин, ҳайкали сангин; кишти баҳорӣ, себи тобистона, курси шабона, таҳсили ғойибона; кабки хонагӣ, хирси обӣ, оҳуи кӯҳӣ, нолаи ғарибӣ.

Сифатҳо аз ҷиҳати сохт ***сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ*** мешаванд: **сода:** сафед, сиёҳ, кабуд, сахт, суст, мулоим, ширин, зебо, далер, часур, хунук, хароб, паст, баланд, шӯр, ғафс, борик, тоза, бад, хуб.

**сохта:** сафедча, сурхча, шӯрак, сустак, сангин, чӯбин, хиштин, сангин.

**мураккаб:** тортор – мӯйсари тортор, марди сухандон, пӯстисуғурӣ, порапора, хушбӯй, шоҳи сиёсатмадор, бонуи хушхиром, солхӯрда, пешазинтихоботӣ,

гуногунмаъно, андешарон, пирсол.
**таркибӣ:** сарди сард, баланди баланд, хурди хурд, калони калон, сафеди сафед, ширин – ширин, нарм – нарм.

## ТАРЗИ НАВИШТИ СИФАТҲО

### 1. Сифатҳое, ки якҷоя навишта мешаванд:

- пешвандҳои сифатсози **ба-, бар-, бе-, бо-, но-, то-** бо реша якҷоя навишта мешаванд: гувоҳии бардурӯғ, одами баандеша, зарари бебозгашт, бачаи боандеша,таварруми бомаром, меҳнати босамар;
- сифатҳое, ки аз такрори калима ва миёнвандҳои **–ба-, -бар-, -дар-** иборатанд: суҳбати рӯбарӯ, саволҳои пайдарпай, тӯйҳои пайдарпай, рафиқи дарбадар, хонаи рӯбарӯ, духтари хушқадуқомат, рӯймоли нестандарҷаҳон, шахси зиндадаргӯр;
- сифатҳое, ки тавассути пасвандҳои **-а, -ӣ, (-гӣ, -вӣ)** аз реша ва асосҳои гуногун сифатҳои мураккаб ба вуҷуд меоянд: бачаи чорсола, кампири шастусесола, телпаки пӯстибаррагӣ, соҳаи занбӯриасалпарварӣ, чорабинии пешазинтихоботӣ;
- сифатҳои мураккаб: себаҳра, некандеш, бадхашм, бадҷаҳл, бадсиришт, хушрафтор, тезрав.

### 2. Сифатҳое, ки бо нимтире (дефис) навишта мешаванд:

- сифатҳое, ки аз шумораву исм ва пасвандҳои **–а, -ӣ (-гӣ),** сохта шудаанд: дафтари 50-дирама, иди 70-солагӣ, кори 5-рӯза, оши 10-сомона;
- сифатҳои таъкидии намуди тип-торик, каб-кабуд, сип-сиёҳ, хоп-холӣ, заб-зард, рап-равшан, кап-калон, суп-сурх, куп-кулӯла, наппа-нав, таппа-тахт.

**Мисол:**

Мактаби хушҳавои 10-сола сап-сафед аст дар миёнаи деҳ.

Мирзо Турсунзода

Рӯйи ӯ, мисли ин ки дар алангаи оташ бошад, тафсида

суп-сурх шуда буд.

Сотим Улуғзода

Ба қишлоқи каб-кабуди офтобрӯя рафта мерасад.

Раҳим Ҷалил

Дари барак кушода шуда, як мӯсафеди фарсудаи шамшеровехтаи куп-кулӯла ва заб-зард даромада омад.

Раҳим Ҷалил

Дар бисту шашуми август билети наппа-нави комсомолӣ бо муқоваи одии малларанг ва сурати Ленин ба дасти ман даромад.

С. Улуғзода

Падарам се соли таппа-тахт бо босмачиҳо ҷанг карда буд.

Раҳим Ҷалил

**3. Сифатҳое, ки ҷудо навишта мешаванд:**

- сифатҳое, ки бо пайвандакҳои **–у (-ву, -ю)** омадаанд: сурху сафед, кушоду равшан, имову ишора, иҷтимоиву сиёсӣ, моддиву маънавӣ, илмиву оммавӣ, маънавию маърифатӣ, доноиву нодонӣ, волою зебо, садқаву банда, сӯзишу дармон, хушиву хурсандӣ, некиву бадӣ, ҷабру зулм, илмию техникӣ, оммавию маърифатӣ, масъалаҳои илмиву амалӣ, мубоҳисаҳои илмию амалӣ, гулҳои сурху бунафш;
- сифатҳои ҷуфти навъи одами боақлу фаросат, духтари хушрафтору хушгуфтор, дашти тафсону сӯзон, ҷойи хушбоду ҳаво, майдони хушку холӣ, биёбони беобу алаф, мардуми бедарду ғам, шахси бехатту савод, мурғи беболу пар, ғуломи беобу замин ва ғ.

**Мисол:**

Деҳқонони пойбараҳна ва ғуломони беобу замин бо ҳар баҳона ба қозӣ, амалдор, ба раис муқобил мебаромаданд.

С. Айнӣ

Бодҳои сарди Сибир аз Оренбург гузашта, биёбони

қазоқро тай карда, аз болои чӯли Қизил ба саҳроҳои кушодаи **бекӯҳу дараи** Бухоро мехазиданд.

С. Айнӣ

**Машқи 1.** Аз матни дар поён ишорагашта сифатҳоро маълум карда, тавсифро шарҳ диҳед.

Дар ҳақиқат ҳусну ҷамоли Гулнор таъсирбахшо буд: чашми сиёҳи оташбор, мижгони дарози ҷоншикор ва абрӯйи каҷи дунболадори ӯдили ҳар бинандаро аз ҷо мебурд; мӯйи дарози тобдораш, ки то хамгашти зонуҳояш мерасид, барои ҳаваскорон каманди печоне буд; зулфи парешонашро гарди рухсори тобонаш ба он зебоӣ тасвир кардан аз дасти ҳеҷ наққоши нодиракор намеомад; қади навраста, рӯйи ҳуҷиста, зулфи шикаста, абрӯи пайваста - ҳама ба якдигар зебанда афтида буданд.

Донаҳои ашки алмосгун, ки аз чашмони дурахшонаш ба рӯйи рахшонаш мечакиданд, намуди шабнами саҳариро ба рӯйи гулбарги таре ҷилва медоданд.

С. Айнӣ

**Супориш**

1. Аз ҷумлаҳои додашудаи поён сифатҳоро ёфта дар дафтаратон нависед ва аз рӯи онҳо мувофиқи фаҳмиши худ ҷумла тартиб диҳед.

Лекин инро фаромӯш накардан даркор аст, ки як одами давлатманд абадӣ бодавлат шуда наметавонад.

С. Айнӣ

Дар даруни ин кӯзача даҳ дона тиллои даҳсӯмӣ, даҳ дона тиллои панҷсӯмӣ буд. Самадхоҷа ду тиллои даҳсӯма ва даҳ тиллои панҷсӯмаро гирифта, ба кисааш гузошт.

Ҷалол Икромӣ

Ман мегӯям, ки, агар мумкин бошад, бо хуруҷи оммавӣ ин гургони одамхорро тавбаи гургӣ додан лозим аст.

- Ӯй гургони одамхор! Аз шумо умеди одамгарӣ кардан ва одам шудани шуморо чашм доштан ғалат аст! Шуморо тавбаи гургона додан лозим!

С. Айнӣ

## ШУМОРА ВА ИМЛОИ ОН

Шумораҳо яке аз ҳиссаҳои номии нутқ буда, миқдор ва тартиби предметҳоро фаҳмонда, ба саволҳои чӣ қадар?, чанд?, чандум ҷавоб мешаванд.

Шумораҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардаанд:

- шумораҳои миқдорӣ;
- шумораҳои тартибӣ.

Шумораҳо сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ мешаванд:

**-шумораҳои сода:** як, шаш, панҷ, ҳафт, бист, сӣ, чил, паҷоҳ;

**-сохта:** якум, шашум, панҷум, ҳафтум, бистум, сиюм, чилум;

**-мураккаб:** чордаҳ, сездаҳ, ёздаҳ, нуздаҳ, дусад, сесад, чорсад;

**-таркибӣ:** сиву ду, бисту як, чилу чор, ҳаштоду шаш, яксаду бисту шаш, чорсаду ҳафтоду панҷ, якҳазору нуҳсаду наваду се.

Шумораҳое, ки якҷоя навишта мешаванд:

-шумораҳои бо пасванди **–ум (-юм), -умин (-юмин):** сеюм, шашум, даҳум, бистум, сиюм, чилум, панҷоҳум, бисту дуюм, шасту панҷум, чорсаду бисту чорум, дуюмин, сеюмин, сиюмин;

-шумораҳои мураккаби аз ёздаҳ то нуздаҳ ва аз дусад то нуҳсад: дувоздаҳ, чордаҳ, ҳафтдаҳ, нуздаҳ, дусад, сесад, чорсад, панҷсад, шашсад, ҳаштсад;

-шумораҳои касрӣ: сеяк, чоряк, шашяк, даҳяк;

-агар шумораҳои касрӣ бо пешоянди **аз** оянд он гоҳ ҷудо навишта мешаванд: аз чор як, аз понздаҳ чор, аз шаш ду;

-нумеративи **–то (-та)** бо шумораҳои миқдорӣ: дуто , сето, чорто, панҷто, садто, ҳафтодто, понздаҳто, бисту чорто.

**Бо нимтире (дефис) навишта мешаванд:**

-шумораҳои тахминӣ: як-ду, се-чор, панҷ-шаш, даҳ-понздаҳ, бист-сӣ, сад-дусад, панҷоҳ-шаст, шаст-ҳафтод, навад-сад;

-агар нумеративи -то (-та) бо рақам ифода гашта бошад: 4-то, 6-то, 100-то, 200-то, 15-то, 26-то;

-пасвандҳои **–у (-ву,-юм)** дар шумораҳое, ки бо рақам ифода шудаанд: 10-ум, 15-ум, 119-ум, 45-ум, 27-ум, 56-ум, 200-ум.

**Ҷудо навишта мешаванд:**

-шумораҳои таркибии бо пайвандаки **–у (-ву, -ю)** сохташуда: шасту шаш, ҳафтоду як, чилу чор, ҳазору шашсаду шасту чор, сиву ҳафт, чорсаду бисту панҷ, яксаду ҳафтоду се;

-шумораҳои касрӣ бо пешоянди **аз**: аз сӣ бисту як, аз шаст панҷоҳ, аз ҳаждаҳ понздаҳ, аз шонздаҳ сездаҳ;

-нумеративҳои **нафар, дона, даста, сар** ва ғ.: як сар хоб, як мушт рег, чор дона себ, ду даста пиёз;

-шумораҳои касрӣ аз шумораҳои аслӣ: яку ним, севу ним, панҷу ним ва ғ.;

**Эзоҳ:**

-шумораҳо агар бо рақами римӣ биёянд, он гоҳ пасвандҳои **-ум (-юм), -умин (-юмин)** навишта намешаванд: асри XX, синфи X, курси V.

**Машқи 1.** Аз матни ишораи поён шумораҳои бо рақам ифодаёфтаро бо ҳарф нависед.

Бунёди НБО Роғун талаб менамояд, ки корҳои сохтмониву васлкунӣ дар ҳаҷми бениҳоят зиёд гузаронда шавад, аз ҷумла: рехтани сангу хок ба сарбанди НБО ба миқдори 71 млн. м$^3$, кандани хок ба миқдори 30 млн. м$^3$, аз ҷумла сангҳои кӯҳӣ 14 млн. м$^3$, кандани сангҳои зеризаминӣ ба миқдори 5,1 млн. м$^3$, рехтани бетон ба миқдори 2,5 млн. м$^3$, (аз ҷумла 1,5 млн м$^3$ бетонрезии зеризаминӣ), ки барои чунин хароҷот (аз рӯйи лоиҳаи

инвеститсионӣ) 1286,4 млн. доллари ИМА лозим аст.

**Муҳлати пардохти андози замин**

1. Маблағи андози замин барои соли ҷории андоз дар асоси ҳисоботи пешниҳодшуда мутобиқи моддаи 269 ҳамин кодекс аз ҷониби андозсупорандагон ба истиснои шахсони воқеӣ, дар муҳлати зерин супорида мешавад:

а) доир ба заминҳои дар моддаи 266 ҳамин кодекс зикршуда на дертар аз 15 феврал, 15 май, 15 август, 15 ноябри соли ҷорӣ бо ҷамъбасти афзоянда аз оғози сол дар ҳаҷми мутаносибан на камтар аз 25 фоиз, 50 фоиз, 75 фоиз ва 100 фоизи маблағи солона; ( КҶТ 26.12. 2005, № 114 )

б) доир ба заминҳои дар моддаи 267 ҳамин кодекс зикршуда на дертар аз 15 феврал, 15 май, 15 август, 15 ноябри соли ҷорӣ бо ҷамъбасти афзоянда аз оғози сол дар ҳаҷми мутаносибан на камтар аз 15 фоиз, 35 фоиз, 60 фоиз ва 100 фоизи маблағи солона. ( КҶТ 26. 12. 2005, 114 )

**Машқи 2.** Ба рақамҳои дар поён ишорагашта пасвандҳои мувофиқ гузошта, шумораи тартибӣ созед.

266, 564, 67, 95, 987, 463, 23, 43, 456, 567, 678, 123, 234, 345,456.

**Машқи 3.** Фикратонро тариқи хаттӣ дар хусуси ҷумлаи «Дурнамои энергетикии Тоҷикистон то соли 2025 ноилшавиро ба истеҳсоли солонаи 80 млрд. кВт соат нерӯи барқ пешбинӣ менамояд», баён намоед.

## ҶОНИШИН ВА ИМЛОИ ОН

Ҷонишин ҳиссаи нутқест, ки ба ҷойи исм, сифат ва шумора истифода мегардад.

Ҷонишинҳо шахсӣ, нафсӣ, таъинӣ, номуайянӣ, ишоратӣ, манфӣ, саволӣ ва муштарак мешаванд:

-ҷонишинҳои шахсӣ: ман, ту, вай, мо, шумо, онҳо;

-ҷонишинҳои нафсӣ: худам, худат, худаш;

-ҷонишинҳои таъинӣ: ҳама, ҳар кас, ҳар, ҳар кӣ, ҳар чӣ;

-ҷонишинҳои номуайянӣ: фалон, ягон, баъзе, баъзан, якчанд;

-чонишинҳои ишоратӣ: ин, он, ҳамин, ҳамон, ин гуна…;

-ҷонишинҳои манфӣ: ҳеҷ кас, ҳеҷ кӣ, ҳеҷ кадом, ҳеҷ як;

-ҷонишинҳои саволӣ: кӣ, киҳо, чӣ, чиҳо, кадом, чанд, чӣ хел…;

-ҷонишинҳои муштарак: якдигар, ҳамдигар.

**1. Ҷонишинҳое, ки якҷоя навишта мешаванд:**

-бандакҷонишинҳои **–ам, -ат, -аш, -амон, -атон, -ашон(-ям, -ят, -яш, -ямон, -ятон,-яшон)** бо калимаҳо якҷоя навишта мешаванд: куртаам, куртаат, куртааш, куртаамон, куртаатон, куртаашон; бобоям, бобоят, бобояш, бобоямон, бобоятон, бобояшон;

-ҷонишинҳои мураккаб: инчунин, ончунон, инҷониб, ҳамдигар, ҳамчунон, ҳамчунин ва ғ.

**2. Ҷонишинҳое, ки ҷудо навишта мешаванд:**

-ҷонишинҳои таркибии ин гуна, он гуна, ин қадар, ҳар қадар , ҳар қадар, ҳеҷ як, ҳар як ва ғ.;

- пурсишҷонишинҳои **кӣ** ва **чӣ** ҷудо ва бо **ӣ** (ӣ-и дароз) навишта мешаванд: кӣ омад?, кӣ гуфт?, чӣ гуфтӣ?, чӣ хел шуд?, чӣ тавр?, чӣ гуна?, чӣ қадар ва ғ.

**Машқи 1.** Аз машқи дар поён овардашуда

ҷонишинҳоро ёфта дар дафтаратон нависед ва ба кадом ҷонишин мутааллиқ буданашонро муайян кунед.

Ҳамсуҳбати ман хомӯш монда, боз ба чойнӯшӣ сар кард.

Ман аз ӯ ҳоло ба чӣ кор машғул буданашро пурсидам. Ӯ гуфт: - Қозӣ Дониёлхоҷа, ки аз тарафи модар ба ман хешигарӣ дорад ва худаш одами хуби донишҷӯ аст, аҳволи маро ба қозикалон фаҳмонда, дар як мадрасаи калон маро мударрис кунонид, ки аз он мадраса соле ҳазор танга даромад дорам. Азбаски ҳавлии падарам дар ҷӯйбор ва аз маркази шаҳр дур буд, вайро фурӯхта аз ҳамсоягии Дониёлхоҷа – аз гузари Собунгарон як ҳавлича харидам, ки дар он ҷо рӯзе чор-панҷ соат дарсгӯйӣ мекунам ва ба талабаҳо ҳам соле қариб ҳазор танга даромад мешавад, бо ҳамин рӯзам ба хубӣ мегузарад.

С. Айнӣ

**Супориши 1.**

Барои ҳар кадом ҷонишин дар дафтаратон яктогӣ мисоле нависед, ки ҷумлаи тартибдодаатон яке аз хелҳои ҷумлаи мураккаб бошад.

**Супориши 2.**

Аз шеъри медонистагиатон ҷонишинҳоро ёфта, дар дафтаратон нависед ва гӯйед, ки онҳо ба кадом навъи ҷонишинҳо мутааллиқанд?

## ФЕЪЛ ВА ИМЛОИ ОН

Феълҳо ҳаракат ва ҳолати предметҳоро фаҳмонда ба саволҳои чӣ кор кард?, чӣ кор мекунад?, чӣ мешавад?, чӣ шуд? ҷавоб мешаванд:

Гулнор хандаи тамасхуромезе карда гуфт… С.Айнӣ, «Дохунда».

Духтарҳо ӯро дида, аз ҷо бархостанд. Ҷ.Икромӣ, «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро».

Ҳа, меҳмон бародар, - ҳодисаҳои пурасрор ба сари мо паси ҳам **фаро мерасиданд** ва мо ёрои **мулоҳиза кардани** онҳоро **надорем.**

Ф. Муҳаммадиев, «Сози мунаввар»

### Тарзи навишти феълҳо аз рӯйи имло

Феълҳое, ки якҷоя навишта мешаванд:

Пешвандҳои **дар-, бар-, фар-(фур), во-, боз-** бо феълҳо якҷоя навишта мешаванд: даромадан, баромадан, дархостан, вохӯрдан, баргаштан, вонахӯрдан, барнагаштан ва ғ.

Дил бардоштан. М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб»

Тир ба нишон барнахӯрд. Ҳарчанд задам, дарнагирифт, мон, ки равад. Барно дар ҷавоб дарнамонд.

Аммо ин ҳолат ӯрдуи бинокоронро living bozнадошт. Ҳаким Карим, «Оқшуда».

Пешвандҳои шаклсози **би-(бу-), на-(ма-), ме-(ҳаме-)** бо феълҳои тасрифӣ: бишкуфтан, нахостан, марав, меравад, барнахостан, намеафтад, ҳамеояд ва ғайра.

Боз рӯзи дигар ба дасти қавӣ,
Чархи мошинро бигардонад.
Пайрав Сулаймонӣ

Аз вай шохи дарахт кулчаҳоро биёр.
Ҷалол Икромӣ

...фаъолияти коллективии одамон зарурати идоракуниро пайдо месозанд.

Ҷалол Икромӣ

Аз пешояндҳои **во-** ва **боз-** чун калимаи мустақил бо маънои **боз (воз), кушода** озод ояд, аз феъл ҷудо навишта мешавад: во кардан (кушодан), во гузоштан (вогузр кардан), боз хондан (баргардондан) ва ғайра.

Ҷузъҳои феъли таркибии даъват кардан, қарор додан, суҳбат кардан, айбдор сохтан, ишғол намудан, бовар кардан ва ғайра ҷудо навишта мешаванд:

Ин пешбинии шумо рост баромад.

Ҳаким Карим, «Оқшуда».

Дар симои оқилонаи ӯ аломати ҳузн намоён гашт.

Ҷ.Икромӣ, «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро»

Радиоприёмникҳо, приёмникҳо хомӯш шуданд. Садои тир баланд шуд.

Ф. Муҳаммадиев, «Сози мунаввар»

Ҷузъҳои феъли таркибии номии пешояндлор аз якдигар ҷудо навишта мешаванд: аз ёд кардан, аз хоб хестан ба амал овардан, ба кор бурдан, дарбар гирифтан, умр ба сар бурдан ва ғайра.

Маъмурияти корхона ҳурмати коргарони содиқи худро ба ҷо вард.

Ҳаким Карим, «Оқшуда»

Саид Паҳлавон яке аз ҳамин хел деҳқонҳои ҳунарманд ва пурдон ба шумор мерафт.

Ҷ. Икромӣ, «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро»

Амалдор Маҳрам ҳам Ёдгорро пеш андохта, аз дунболи ин бандӣ ба арк нигоҳ карда равон шуд.

С. Айнӣ, «Дохунда»

**Натанҳо** худи ту, балки ҳамаи касоне, ки аз давлати ҷаноби олӣ дар ин ҷо бо осудагӣ умр ба сар мебаранд, дузданд.

С. Айнӣ. «Дохунда»

Бандаки хабарии шахси сеюми танҳои **аст** аз ҳиссаҳои номии нутқ ҷудо навишта мешавад: муаллим аст, боақл аст, пешқадам аст, донишҷӯ аст, хайрандеш аст, дурбин аст ва ғ.

Бандаки хабарии **аст** дар шакли тахфифи (ст) бо калима ҳамроҳ навишта мешавад: омӯзгорест, устодест, бофаросатест, донишҷӯест, гуфтанист, шун純данист, чашиданист, шогирдест боақл ва ғ.

Хушрӯ духтарест чеҳракушоду зебо, баландқомату сафедрӯ. Маҳмуд коре карданист, ки ҳама дар ҳайрат мемонанд.

Абдулҳамид Самадов

**Машқи 1.** Матнро ифоданок хонда, мазмунашро нақл кунед.

Проблемаи ташкили меҳнат, идораи меҳнати коллективии одамон дар Юнони қадим афзалият дошт. Файласуфи бузург Суқрот идоракуниро ҳамчун доираи фаъолияти алоҳидаи одамон оиди: идоракунии давлат, идоракунии тиҷорат, меҳнат ва армия мешуморид.

Олимони Ҳидустони Қадим илми «Артхашастра» (I-IV, III пеш аз милод) мафҳуми зиёде оид ба идоракунии хоҷагӣ ва шакли хоҷагидорӣ овардаанд.

Дар китоби «Сиёсатнома»-и Низомулмулк раҳнамо оиди роҳбарии подшоҳ, фаъолияти ёрдамчиён, идораи армия ва дигар хоҷагиҳо оварда шудааст. Дар «Наврӯзнома»-и Умари Хайём бошад, доир ба тарзу усули роҳбарии подшоҳони Эрон хело муфассал гуфта шудааст, ки яке аз хислатҳои беҳтарини онҳо дастгирии навоварӣ, истифодаи дурусти обу замин, ташкили одилонаи музди меҳнат ва назорати тозагии муҳити зист мебошад.

«Менеҷмент»

**Машқи 2.** Ба ҷойи нуқтаҳо феълҳои заруриро гузошта, ҷумлаҳоро нависед.

1. Файласуф ва иқтисоддони закӣ Муҳаммад Закариёи Розӣ чунин .... 2. Агар аз диди иқтисодӣ ба ин ишораи ҳикматомези Муҳаммад Закариёи Розӣ назар …. 3. Алоқамандии иқтисод ва забони давлатӣ (тоҷикӣ) …, то ба он дараҷа аст, ки бе якдигар вуҷудияташон маънои … 4. Кадом далели иқтисодӣ Имоми Аъзамро соҳибэҳтироми замон … 5. Чу дахлат нест, харҷ оҳистатар … 6. Имоми Аъзам аз назари садоқат ва ростӣ тиҷорат … 7. Иқтисоди бозорӣ имрӯз хеле ташаккулу такомул … 8. Имоми Аъзам айберо агар дар коло ё порчае …, он айбро изҳор … 9. Бозаргонеро дидам, ки саду панҷоҳ шутур бор ва чиҳил бандаву хизматгор … 10. Забон афкори мусбии иқтисодиро чун нақши муфиди рӯзгор …

«Молия ва ҳисобдорӣ»

# ИМЛОИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ

**1.**Сифатҳои феълӣ якҷоя навишта мешаванд: сифатҳои феълие, ки аз асоси замони ҳозираи феъли таркибии номӣ ба воситаи пасванди **-анда** сохта мешаванд: судшаванда, ҷазодиҳанда, ғораткунанда, овоздиҳанда, дохилкунанда иҷрокунанда, шиносшаванда ва ғ.

Аз қафои электрик мешавию корхонаҳои бо электрик коркунанда меоянд.

С. Улуғзода, «Диёри Навобод».

Хайбар саги бисёр хуб буда, дар андак вакт ҳамаи гуфтахои моро фаҳмида, вазифаи асосии худро донанда шуда монд.

С.Айнӣ, «Ёддоштҳо»

Образи фаромӯшнашаванда, молҳои ба Россия фиристондашаванда.

С.Айнӣ, «Ёддоштҳо».

Ба ин ғурриши бод гулдурроси пай дар пай аз дуру наздик ба гӯш расандаи тӯпу туфангҳо низ ҷӯр мешуд.

Ф.Ниёзӣ, «Вафо»

2.**Сифатҳои** феълие, ки аз замони гузаштаи феъли таркибӣ бо пасванди **а** сохта шудаанд: корҳои иҷрошуда, амалиёти марказонидашуда, корҳои анҷомёфта, шахси дастгиршуда, тӯҳфаи овардашуда ва ғ.

Нақшаи ҷангии Павел тартибдода ба Пӯлод ниҳоят маъқул шуд.

Р.Ҷалил, «Одамони ҷовид»

Дар кӯҳу дар дашт
Лола расида,
Дар боғу дар кишт
Сабза дамида.

С. Айнӣ, «Дохунда»

3.Сифати феълии замони оянда, ки бо пасванди **-ӣ** сохта шудааст: қарори иҷрошуданӣ, воқеаҳои фаромӯшнашуданӣ, маблағи сарфшуданӣ ва ғ.

Дарсҳои ҳафтаи оянда хонда шуданиро ба ӯ ба хубӣ мефаҳмондам.

С. Айнӣ, «Ёддоштҳо»

**Машқи 1.**Сифатҳои зеринро аз машқи додашуда муайян кунед.

Мебоист дар рафти ин ислоҳоти иқтисодӣ муносибатҳои нави бозаргонӣ ба рӯи саҳна оварда шуда, тамоми хочагии халқи мамлакат аз низоми хоҷагидории хоси шӯравӣ бадар карда мешуд. Дар ин равиш дигаргуниҳои намоён оид ба шакли моликият, идораи корхонаҳо ва низоми амалии хоҷагӣ бояд ба миён оварда мешуданд. Яъне, ба ҷойи тарзу низоми мавҷудаи хоҷагӣ муносибатҳои иқтисодии бозаргонӣ барқарор карда мешуданд. Таҳиягарони барномаи ислоҳоти иқтисодӣ муайян сохта буданд, ки ба ҷойи нархгузории марказонидашудаи давлатӣ, мебоист озодии нархҳо ҷорӣ гардида, онҳо дар бозор мутобиқи таносуби арзаву тақозо муайян карда мешуданд. Дар баробари чораҳои ғайридавлатӣ гардонидани моликиятро ба амал овардан, шаклҳои мухталифи моликиятро пайдо гардонидан барои фаъолияти озодонаи соҳибкорӣ имконият муҳайё гардонда мешуд. Дар ҳамин асос, гуногунравишии иқтисодиёти Тоҷикистон ба миён омада, хоҷагидорӣ аз бӯҳрони шадид раҳонида мешуд ва барои рушди босуръати иқтисод имконот муҳайё мегардид.

«Назарияи иқтисод»

## ИМЛОИ ФЕЪЛИ ҲОЛ

Ҷузъҳои феъли ҳол, ки бо пасванди **– он (-ён)** сохта шудаанд, якҷоя навишта мешаванд: фарёдкунон, додзанон, сурудхонон, ҳайҳойгӯён, гуфтугӯкунон, чаҳчаҳкунон, фиғонкунон ва ғ.

Гӯсфандон сахт рамида, аз ҷояшон тапарросзанон ба тарафи дигар гурехтанд.

С.Айнӣ, «Одина»

Он шеърро фахркунон хондааст.

С.Айнӣ, «Куллиёт»

...зуд-зуд нафаскашон ба тарозубон гуфт.

Ф.Ниёзӣ, «Вафо»

Дӯкондорон ба ин хондани бемаҳали мо ҳайрон-ҳайрон ва тааҷҷубкунон нигоҳ мекарданд.

С.Айнӣ, «Ёддоштҳо»

Феълҳои ҳоли такрор бо нимтире навишта мешаванд: ларзон-ларзон, давида-давида, хандон-хандон, гирён-гирён, лангон-лангон, тарсида-тарсида ва ғ.

Сухани паст-паст гуфтаистодаи ҳамон профессор ба гӯши ҳама равшану гӯё мерасид.

Р.Ҷалил, «Умри дубора»

Одина аз тарс ларзида-ларзида сухан мегуфт.

С.Айнӣ, «Одина»

Феълҳои ҳоли таркибии замони гузашта ҷудо навишта мешаванд: аз хуш рафта, аз хоб хеста, ғам хӯрда беғам нишаста, аз по афтода ва ғ.

Аз хуш рафта афтод. Аз хоб хеста машқ мекард. Ғам хӯрда, азоб кашида мурд.

**Машқи 1.** Аз ҷумлаҳои дар поён ишорагашта

сифатҳои феълӣ ва феъли ҳолро муайян кунед.

1.Барои муайян намудани натиҷаи молия зарур аст, ки фоидаи бадастовардашуда бо хароҷоти барои истеҳсол ва фурӯши он сарфшуда, ки ба худ шакли арзиши аслии маҳсулотро мегирад, муқоиса карда шавад. 2. Ҳамин тавр, ислоҳоти иқтисодии пешгирифтаи ҳукумати имрӯзаи Тоҷикистон, асосан, иҷро гардида, дигаргуниҳои иқтисодию хоҷагӣ ба миён оварда шудаанд. 3. Корхона ҳамеша дар назди худ мақсад мегузорад, ки бештар фоида ба даст дарорад, вале, мутаассифона, на ҳамеша онро соҳиб мешавад.

## ИМЛОИ ЗАРФ

**Зарфҳое, ки якҷоя навишта мешаванд:** зарфҳое, ки бо пешвандҳои **ба-, бо-, бе-, бар-, дар-,то-, но-** сохта шудаанд: батафсил (нақл кард), баҳузӯр (хӯрок мехӯрд) бодиққат (гӯш мекард), ночо (гап мепартофт), торафт (аз гуфтааш пушаймон шуд), нохост аз ҷояш (ҷаҳида парид), барқасд (аз ҷояш наҷунбид) ва ғ.

**Байни зарфҳои такрор нимтире (дефис) гузошта мешавад:** оҳиста-оҳиста, халта-халта, зуд-зуд, тез-тез, ҷо-ҷо ва ғ.

**Зарфҳое, ки аз шумора, исм бо пасвандҳои –а, -ӣ(гӣ) сохта шудаанд:** дукаса, дутогӣ, чоркаса, ҳафтогӣ ва ғ.

Зайнаб оромона ва бепарвоёна гуфт.

С.Улуғзода, «Ёрони боҳиммат»

Дурҷонӣ аз камоли мондагӣ базӯр-базӯр нафас мегирад.

С.Улуғзода, «Абӯалӣ ибни Сино»

**Зарфҳое, ки ҷудо навишта мешаванд:** дам ба дам, рӯз то рӯз, хона ба хона, даст ба даст, сол то сол, худ ба худ ва ғайра.

Ман худамро мешиносам, ки дар ба дар ба дасти одамҳо мебошам.

Пӯлод Толис, «Повест ва ҳикояҳо»

Вай худ ба худ сурх мешуд.

Ҳ.Карим, «Оқшуда»

**Машқи 1.** Матнро хонда, зарфҳоро муайян кунед.

...бозаргони камсармоя бояд аз ҳанбозӣ (шарикӣ) бипарҳезад ва агар кунад, бо касе кунад, ки бомурувват ва ғанӣ бошад ва шармгин, то вақти ҳайф (ситам) аз ӯ наравад ва низ ба сармоя яке матоъ нахарад, ки бакиро ӯро харҷи бисёр афтад ва чизе нахарад, ки шикаставу мурда бошад ва ба сармоя ҳатто аҳён-аҳён бахтозмойӣ накунад, магар донад, ки агар зиёне кунад, беш аз ними сармоя набувад.

Ва агар касе нома диҳад, ки фалон ҷой тез бирасон, нахуст бихон, ки бисёр балоҳо дар номаи сарбаста бошад, натавон донист, ки ҳол чун бошад. Аммо бар номаи ниёзмандон зинҳор маҳӯр ва ба ҳар шаҳре, ки даршавӣ, хабари араҷиф (суханҳои шӯрангез) мадеҳ ва чун аз роҳе дароӣ, хабари марги кас мадеҳ ва ба хабари таҳният (шодӣ) тақсир макун.

Унсурулмаолии Кайковус, «Қобуснома»

**Машқи 2.** Аз калимаву ибораҳои додашудаи зерин ҷумла тартиб диҳед.

Сармоягузорӣ, кафолат, иқтисоди бозоргонӣ, кафили корхона, пардохти андоз, оҳиста-оҳиста, сабук-сабук, тез-тез, фоидаи корхона, андешаи корфармо, нархи мол, фоидаи соф, арзиши изофӣ, болобардории сунъии нарх, ҷамъбасти солона, рӯйхатти аъзоён, корхонаи зараррасон, моли беталабот, маблағи сарфшуда.

**Супориш:**

Аз калимаҳои дар машқи 2 овардашуда кадомашон ҳамчун истилоҳи иқтисодӣ истифода бурда мешаванд?

# ИМЛОИ КАЛИМАҲОИ ЁВАР

## ИМЛОИ ПЕШОЯНДҲО

Пешоянду пасояндҳо унсурҳои аз ҳама серистеъмоли забонанд ва моънои грамматикии онҳо ҳангоми алоқаманд сохтани калима, ибора ва ҷумлаҳо ошкор мегарданд.

Гавҳар аз остона ба дарун қадам монда, дар зери сӯзании девор, дар рӯйи кӯрпача як зани сафедрӯйи чашму абрӯсиёҳро дид. Дар ин ҷумла калимаҳои Гавҳар, остона, дарун, қадам, мондан, сӯзанӣ, девор, кӯрпача, зан, сафедрӯй, чашмсиёҳ, абрӯсиёҳ ва дидан калимаи маънодор буда, аз, ба, дар зери, дар рӯйи пешоянд мебошанд ва - **ро** пасоянд аст. Чуноне ки мебинем, калимаҳои мустақили ишораи боло ба пешоянду пасояндҳои ишоракардаамон ниёз доранду бе онҳо маъно коставу нобарҷост. Аз ин назар, бояд эҳсос кард, ки калимаҳои мустақил бе ёридиҳанда ва калимаҳои ёридиҳанда бе мустақил вуҷуд доштанашон ғайри имкон аст.

**1. Пешояндҳое, ки ҷудо навишта мешаванд :**

**а) пешоянд бо ҳиссаҳои мустақили нутқ ва масдар:** ба саёҳат рафтан, аз бозор баргаштан, то боғ рафта рақсидан, бо рафиқи дерина вохӯрӣ намуда, суҳбат кардан, аз ӯ усули корро пурсидан ва ғайра;

**б) ҷузъҳои пешояндҳои таркибӣ:** ба ҷуз, ғайр аз, доир ба, то ба ва ғ.;

**в) пешояндҳои таркибии номии изофӣ:** аз барои, ба вақти, ба муносибати, ба шарти, ба ҳамроҳии, ба воситаи, бо мурури, бо ҳангоми, то вақти, ба ҳайси, бо вуҷуди, аз ҷониби ва ғ.

Аз рӯзи зода шуданатон аъзои колхоз ҳастед.

С.Улуғзода, «Навобод»

**г) таркибҳои пешояндии қолаби зерин:** дар ба дар,

рӯ ба рӯ, тан ба тан, пай дар пай, даст ба даст, по ба по ва ғ.

Гулрӯ дар рӯ ба рӯи худ кушандаи падарашро дид.

Р.Ҷалил, «Одамони ҷовид»

**2. Пешояндҳое, ки бо нимтире навишта мешванд:** гирд-гирди, пеш-пеши, қад-қади, рӯ-рӯйи, пас-паси, зер-зери ,таг-таги. сар-сари, лаб-лаби, таҳ-таҳи, ва ғ.

Мо қад-қади қубурҳои оҳанини сиёҳранг аз нишеб ба фароз баромадан гирифтем.

А.Деҳотӣ, «Ҳаёт қадам мезанад»

Эҳтимол худат ҳозир шиматро то зону барзада, лаб-лаби ягон наҳр шасту қалмоқ бардошта гаштӣ.

Ф.Муҳамадиев, «Дар он дунё»

Раис ба фикру хаёл ғӯта зада, сар-сари вот мерафт, ки ман ба вай саволе дода, хомӯшии ӯро бартараф кардам.

А.Сидқӣ, «Фарзанди замон»

## ИМЛОИ ПАСОЯНДҲО

Пасвандҳо дар ҷумла ба маъноҳои гуногун омада метавонанд.

Чунончи:

а) ҳамроҳӣ;

б) тарзи иҷрои амал;

в) монандкунӣ ва ғ. ҳ.

Мисол:

Ман бародарам **катӣ** омадам.

Акнун бо кадом роҳ меравем, -пурсид Пӯлод.
Роҳи лаби сой **катӣ** меравем.

Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид»

Гоҳҳо як дасташ **катӣ** чашмони хок пур шудагиашро молида пок мекард.

А. Деҳотӣ

Чӣ, Муқим сиҳат шуда ба маҷлис омаданаш **катӣ** аксарият даст мебардошт-мӣ?

Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ»

Пасоянди **-ро** бо калимаҳо якҷоя навишта мешавад:
Бояд гуфт, ки дар ҷамъомадҳои илмӣ гапҳои хушку холиро гӯш кардан гаронист.

Пасоянди **-ро** пас аз нохунак ва қавс бо нимтире навишта мешавад:

С.Айнӣ асари илмии худ «Алишер Навоӣ» -ро хеле моҳирона навиштааст.

Дар асри VII арабҳо Осиёи Миёнаро ва аз ин ҷумла Мовароуннаҳр (байни дарёҳои Сир ва Ому) -ро ишғол карданд.

## ИМЛОИ ПАЙВАНДАКҲО

**1.Пайвандакҳое, ки якҷоя навишта мешаванд:**

- пайвандакҳои мураккаб: балки, агарчи (гарчи), азбаски (баски), вагарна (гарна), чунки ва ғайра.

Мӯзадӯз сари худро хам карда, он ҳамларо рад намуд, вагарна сараш, албатта, мекафид.

С.Айнӣ, «Куллиёт»

Агарчи ин таъбир ҳам дар асл луғати дуруст аст, аммо дар урфи Бухоро ва Шарқи он унвони расмӣ аст.

С.Айнӣ, «Куллиёт»

- пайвандакҳои **–у(-ву,-ю)** бо калимаи пешина якҷоя навишта мешавад: одаму одамгарӣ, бахту саодат, пасту баланд, кушоду равшан, бачаву духтар, ғаму андӯҳ, омаду рафт.

Бахту саодат насибатон гардад.

Шодиву хурсандӣ тазоди ғаму андӯҳ мебошад.

**2.Пайвандакҳое, ки ҷудо навишта мешаванд:** вақте ки, бо вуҷуди он ки, сарфи назар аз он ки, ба қадре ки, ба муҳлате ки, то замоне ки, то вақте ки ва ғайра.

Лоҳутӣ, дар ҳолате ки об андар чашмонаш чарх мезад, кӯдакро ба даст гирифта бӯсид.

Р.Ҷалил, «Ҳикояҳо»

Ӯ, дар ҳолате ки мехобид, ба болои эҷодиёти худ фикр мекард.

С.Айнӣ, «Куллиёт»

Дарбон бачагонро, бе он ки худаш дароянд, ба ҳузури амир даровард.

С.Айнӣ, « Куллиёт»

**Машқи 1.** Ба ҷойи нуқтаҳои ишорагашта пешояндҳои мувофиқро гузошта матнро пурра намоед.

Рақобат-муборизаи иқтисодӣ, ҳарифии байни истеҳсолкунандагони мустақили мол, кор, хадамот мебошад, ки барои қонеъ кунондани манфиатҳои худ бурда мешавад. Қонеъ кунондани манфиатҳои истеҳсолкунанда … (аз, бар, ба) фурӯши мол, иҷрои кор алоқаманд аст. Истеҳсолкунандагон байни худ рақобат мебаранд, на танҳо барои гирифтани фоида, балки боз барои он ки … (ба, аз, бо) ҳарифони худ мағлуб нашаванд, яъне … (дар, бо, аз) мақсади пешгирии хавфи мағлубшавӣ. Чунки агар соҳибкор … (аз, дар, бо) рақобат тоб оварда натавонад, зарар мебинад, … (дар, нисбат ба, дар пеши) мавридҳои муайян зараровари ба муфлисшавӣ ва дар охир ба харобшавӣ оварда мерасонад. Агар соҳибкор зарар бинад, фоидаро аз даст медиҳад, агар муфлис шавад, сармояро аз даст медиҳад, агар хонахароб шавад, амволашро талаф медиҳад.

«Назарияи иқтисод»

**Машқи 2**. Навишти дурусти пайвандакҳоро барқарор созед.

1. Илми менеҷмент натанҳо ба қонунҳои иҷтимоӣ, балки ба қонунҳои махсуси идоракунӣ ва психологӣ низ такя мекунад.

2. Азбаски патент муҳлати маҳдуди эътибори худро дорад, тӯлкашии давраи бунёди ин гуна корхонаҳо қурби патентро барбод медиҳад.

## ИМЛОИ ҲИССАЧАҲО ВА НИДО

## ҲИССАЧАҲО

**1.**Ҳиссачаҳо аъзои мустақили ҷумла шуда наметавонанд ва танҳо ба ҷумлаву қисматҳои алоҳидаи он тобишҳои гуногуни модалӣ-маъноӣ дода, барои таъсирнокии ифодаи нутқ ёрӣ мерасонанд.

**Чунончи:**

Инженери об шудӣ?

**-Бале.**

Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо»

**Оре,** ин хел касон кам нестанд.

Ф. Ниёзӣ, «Вафо»

**Бале,** одам бошад, ободонӣ ҳаст, шарик, -илова намуд Ҳодӣ-кӯса.

Ф. Ниёзӣ, «Вафо»

**Ҳа, бале,** мутлақо дуруст гуфтед, рафиқ Собиров…

Ф. Ниёзӣ, «Вафо»

2.Ҳиссачаи **хуб** маънои розигиро дорад: Ин корро ба ту месупорам, ба иҷрои он шурӯъ кун.

**-Хуб,** рафиқ командир.

Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо»

Тамошо кардед, акнун равед!

**-Хуб,** ана ҳозир меравем, -ҷавоб дод Маша.

С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо»

3.Ҳиссачаҳои **-чӣ, -ку, -а(-я),-дия, -мӣ** пас аз калима бо нимтире навишта мешаванд: оянд-чӣ, гӯянд-

чӣ, нӯшем-чӣ, гуфтам-ку, омадам-ку, -гӯям-мӣ ва ғайра.

Бачаҳои дигар кокул надоранд-ку?

С.Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо»

Акнун ба хонаатон печка шинондан гирем, меравад-**мӣ?**

Р.Ҷалил, «Ҳикояҳо»

4.Ҳиссачаҳои **на фақат, танҳо, магар, ҳатто, оё, ҳам, низ** аз калимаҳои дигар ҷудо навишта мешаванд: на омадед ва на пайғом фиристодед.

Ҳатто пас аз ҳабс шудани ман ҳам, касе дар ҳаққи ман сухани баде нагуфтааст.

Ҷ.Икромӣ, «Ман гунаҳгорам»

## ИМЛОИ НИДО

Нидоҳои такрор бо нимтире навишта мешаванд: баҳ-баҳ, вой-вой, ҳай-ҳай, куч-куч, ваҳ-ваҳ, хиш-хиш, ҳуй-ҳуй ва ғ.

Вой-вой!... Ман ғӯзаи худамро аз як ман зиёдтар тахмин карда оварда будам.

С.Айнӣ, «Куллиёт»

Нидоҳо бештар тавассути оҳанги талаффуз (интонатсия) муайян карда мешаванд. Масалан, нидои **э** чандин маъноҳоро, аз ҷумла: шодиву хурсандӣ, ғаму андуҳ, дарду алам, ҳайрату тааҷҷуб, афсӯсу дареғ, ҳаҷву ришханд, дӯғу пуписа, ваҳму ҳарос, маломату сарзаниш, қаҳру ғазаб, ҷасорату бебокӣ ва монанди инҳоро ифода мекунад.

Мисол:

Ҳамин ки чашми Исомиддин-махдум ба вай афтод: «Э… Мулло Азимшоҳ-ку?» - гуфта аз ҷояш ҷаста хест.

С. Айнӣ, «Куллиёт»

«Э, бечора!» - гӯён Сафар он кӯрпачаро аз рӯи суфаи меҳмонхона гирифта, ба он камбағал дароз кард.

С. Айнӣ, «Куллиёт»

Э, отунҷоне, гап бисёру мову ту бехабар мондем.

Ф. Ниёзӣ, «Вафо»

Э, ман аз дидори ин тавр хеш безорам.

«Хорпуштак»

Э, шери тағош, агар ҳамин хел ҷӯрагиҳо намешуд, ман ҳам беҳуда ин гапҳоро ба забон намегирифтам.

Ф. Ниёзӣ, «Вафо»

Э..., ҳа, ҳа фаҳмидам, фаҳмидам, - гуфт якбора Мансуров дасташро шарт ба зонуяш зада, - ҳафтаи гузашта шунида будам.

Ф. Ниёзӣ, «Вафо»

Э, кош ӯ пуле медошту аз ин рӯймолҳо харида, ба Аноргул ва Гулнор савғотӣ мебурд.

С. Улуғзода, «Восеъ»

## АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ

Дар нутқи шифоҳӣ ҳаракатҳои махсус ифода гашта, мақсади моро пурра инъикос мекунанд. Дар нутқи хаттӣ бошад, ҷойи онҳоро аломатҳои махсус ифода менамоянд, ки ба онҳо **аломати китобат** ном додаанд. Тавассути ин аломатҳо фикр фаҳмо, муъҷаз, таъсирнок равону сода ифода мегардад.

Ин аломатҳои китобатиро ба ду гурӯҳ ҷудо кардаанд:

а) аломатҳои китобати дохили ҷумла;

б) аломатҳои китобати охири ҷумла.

Аломатҳои китобати дохили ҷумла инҳо мебошанд:

Вергул (,), баён (:), нохунак («»), дефис (-), қавс (), нуқтавергул (;)

## АЛОМАТИ ВЕРГУЛ

**дар мавридҳои зерин истифода мешавад:**

**а) барои ҷудо кардани ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст:** Қурбон метавонист, китоб хонад, ба саёҳати кӯҳсор барояд, коргаронро даъват намояд, ҳама ба ихтиёри ӯ гузошта шуда буданд.

б) **дар байни аъзоҳои чидаи ҷумлае, ки бе пайвандакҳои - ва, -у(-ю) омадааст:** Дар ин роҳи мубориза барои озодӣ бисёр Одинаҳо, Шарифҳо, Сангиновҳо, Гулбибиҳо фидо ва қурбон шудаанд.

в) дар байни аъзоҳои чидаи ҷумла, агар пайвандакҳои пайи ҳами **на, ҳам, чи** ва пайвандакҳои ҷудоии **ё, ё худ, гоҳ, хоҳ** зиёда аз як бор такрор шаванд.

**Мисол:**

На сар, на қалб, на дида, на ҷон, на тан гӯяд.

(Ҳ.Юсуфӣ)

Ин марди ношинос ё ҳамсояаш мешавад, ё хешаш.

(«Садои Шарқ»)

Кабкҳои дарӣ гоҳ бар теға, гоҳҳо дар камари кӯҳ сайру гашт мекарданд.

С.Айнӣ

Ба фикрам, ин тавр дигаргуниҳоро падарат ҳам, модарат ҳам, бобою бобокалонат ҳам надида буданд.

Р.Ҷалил

**г) барои ҷудо кардани аъзои истисноӣ ҷумла:**

Консепсияи монетаристӣ дар асоси ақидаҳои иқтисодии олими амрикоӣ Милтон Фридман, барандаи ҷоизаи Нобелӣ, асос ёфтааст.

ғ**) барои ҷудо кардани воҳидҳои туфайлӣ:** албатта, бешубҳа, дар ҳақиқат, ташаккур, баракалло, расман, аз рӯйи одат, аниқтараш, табиист, афсӯс, расман, ниҳоят, асосан, аввалан, сониян, аз як тараф, аз тарафи дигар, дар охир, охирон, воаҷабо, илтимос ва ғ.

**Мисол:**

Ҳангоми афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, аз як тараф, пули бештар барои хариди захираҳо зарур аст, аз тарафи дигар, он боиси афзоиши даромади ҳақиқии қувваи корӣ мегардад.

**е) барои ҷудо кардани мухотаб:**

Зинда бош, эй Ватан.
Тоҷикистони озоди ман !

Гулназар

Вақти он аст,
Эй қалам,
Буррандатар гардӣ зи теғ !
Вақти он аст
Эй сухан,
Ғуррандатар гардӣ зи барқ !

Ҳабиб Юсуфӣ

**ё) барои ҷудо кардани ҳиссачаҳо ва нидо:** эй, кош,

дарeғо, оре, бале, ҳа, оҳ, не, ӯҳу, эҳа, оҳо ва ғ.
Мисол:
Не, дар вақти кор, ҳаргиз, мумкин нест.

А.Деҳотӣ

ж) пеш аз пайвандакҳои аммо, вале, лекин, балки, натанҳо, ҳол он ки ва ғ.

Худи акаам ба ин овозаҳо он қадар бовар намекард, аммо падарам ҳақиқат мепиндошт.

Сотим Улуғзода

Дарвозаи шаҳрро баста мешавад, лекин даҳони мардумро баста намешавад,- мегӯянд.

Ҷалол Икромӣ

**з) дар нутқи айнаннақлшуда:**

- агар сухани гӯянда баъд аз нутқи айнаннақлшуда ояд, пеш аз он вергул ва тире гузошта мешавад:

Кашонӣ бад-ӯ гуфт: «Бебoрагӣ,
Ба куштан диҳӣ тан ба якборагӣ»!

- агар сухани гӯянда дар байни нутқи айнаннақлшуда ояд, пеш аз он вергул ва тире гузошта мешавад:

Мо ба Бухоро саёҳат мекунем,- мегӯяд устод Айнӣ,- Икромӣ ҳам меравад, Шумо ҳам равон шавед.

С.Улуғзода

## АЛОМАТИ НУҚТАВЕРГУЛ

Аломати нуқтавергул дар мавриди баён кардан ва ё бо тартиб овардани фикри ҷудогона, ки нисбатан мустақил буда, байни ҳамдигар муносибати синтаксисӣ надоранд, аммо ба як банди умумӣ мутааллиқанд.

Дар кадоме аз ин калимаҳо ҳиҷо дуруст тақсим карда шудааст?
а) Аб-ду-раҳ-мон; в) Аб-дур-раҳмон; с) Аб-дур-раҳ-мон; д) Абду-раҳ мон; е) Аб-ду-раҳмон.

Хатти кириллӣ дар забони тоҷикӣ кай ҷорӣ гардид?
а) соли 1928; в) соли 1930; с) соли 1940; д) соли 1925; е) соли 1950.

## АЛОМАТИ БАЁН Ё ДУНУҚТА

**дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:**

**а) пеш аз аъзоҳои чидаи ҷумла:**

Дар боғи мо ҳама гуна меваҳо: себ, олу, зардолу, шафтолу, биҳӣ, нок, анҷир, қалолу, олу, ғандолу ва ғайра мерӯянд.

**б) пеш аз нутқи айнаннақлшуда:**

Се чиз бе се чиз пойдор намонад: мол бе тиҷорат, илм бе баҳс, мулк бе сиёсат.

Саъдӣ

## АЛОМАТИ ТИРЕ

**аҳамияти эзоҳӣ дошта, дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:**

**а) байни мубтадо ва хабаре, ки бандакҳои хабарӣ ва ё феълҳои ёвар надоранд:** об – сарчашмаи ҳаёт!, пешравии иқтисодиёт- болоравии сатҳи зиндагӣ., Ғойиб – муаллим, Обид- духтур ва ғ.

**б) дар муколама сухани мусоҳиба бо тире оғоз меёбад:**

Боғбон ба сайри боғи худ рафту дуздеро пуштораи пиёз дид ва гуфт:

-Дар ин боғ чӣ кор мекунӣ?

Гуфт:

Дар роҳ мегузаштам, ногоҳ бод маро ба ин боғ андохт.

Гуфт:

-Чаро пиёз баркандӣ?

- Бод маро мебурд, даст ба бунаҳи пиёз мезадам, аз замин бармеомад.

Гуфт:

- Мусаллам. Кӣ гирд кард ва пуштора баст?

Гуфт:

- Валлоҳ, ман низ дар ин фикр будам, ки омадӣ.

## АЛОМАТИ ҚАВС

Қавс бо тире (-) ва калимаи **яъне** умумият дошта, дар чанд маврид истифода бурда мешавад:

а) аъзои чидаи ҷумла, ки баъд аз воҳиди хулосакунанда меояд, дар қавс гирифта мешавад:

...маъмурияти амир (қозиҳо, раисҳо, ҳокимхо, муфтиҳо ва дигарон) аз хазина моҳона намегирифтанд.

С. Айнӣ

б) муродифҳои маъмулу машҳури калимаҳои аз истеъмолмонда ва эзоҳталаб дар қавс гирифта мешаванд:

Бо он асп ба шикор мерафт, ҷавгонбозӣ мекард (чавгонбозӣ дилписандтарин бозии ҷавонони Суғд буд) дар маъракаҳо савора гӯштӣ мегирифт.

## АЛОМАТИ НОХУНАК

**дар чанд маврид гузошта мешавад:**

-барои ҷудо кардани нутқи айнаннақлшуда аз сухани муаллиф: «Афтодану хестан ҳам ба мард мезебад...», - боҳавас нигариста гуфтам дар дил.

Абдулҳамид Самад

-қавли шахси дигар чун санад дар нохунак гирифта мешавад: ...шавқи хонданро аз ёд набаровардам: «мо худ нарасидем, ту шояд бирасӣ» – гуфт тағояш;

-зарбулмасалу мақолаҳо чун иқтибос дар нохунак гирифта мешаванд;

- номи ширкату муассисаҳо, китобҳо, рӯзномаву маҷаллаҳо, номҳои рамзии боғу гулгаштҳо. Чунончи: романи «Дохунда», рӯзномаи «Ҷумҳурият», маҷаллаи «Масъалаҳои маориф», боғи «Дӯстӣ», майдони «Ваҳдати миллӣ», тарабхонаи «Истиқлол», кӯчаи «Истиқлол»,

ширкати «Барқи тоҷик», ошхонаи «Хингоб» ва ҳоказо.

## АЛОМАТҲОИ КИТОБАТИ ОХИРИ ҶУМЛА
**Нуқта(.), сенуқта(…), савол(?), хитоб(!)**

## НУҚТА

1. Нуқта дар охири ҷумла гузошта шуда, ба анҷом расидани фикрро мефаҳмонад.

Хуб, биншин дар ҷоят, биншин. Мақсадатро, оромона, бифаҳмон.

2. Ҳамеша ҳангоми ором талаффуз шудану нарм суханро ба сомон расондан нуқта гузошта мешавад:

Мунаққиди маъруфи рус В.Г.Белинский гуфта буд, ки омӯзиши грамматика ҳадди муайян дорад: дуруст ва беғалат баён кардану навиштани фикрро ёд медиҳад.

3. Гоҳе ҷумла бо як калима ифода шавад ҳам, нуқта гузошта мешавад.

Чунончи:
-Хидир – писари Отабой, кист?
-Ман.
-Ту аз куҷо?
-Аз Қӯрғон.

Сотим Улуғзода

4. Пас аз ихтисораҳо:

а) ш.Душанбе, в.Суғд, д.Сайёд ва ғайра;

б) дар навишти ному насаб;

в) пас аз калимаҳои кӯтоҳшуда: с. 2006, саҳ. 125, ҷ. 1 ва ғайра.

5. Ҳангоми тартиб додани феҳристи адабиёт:

Айнӣ С., Куллиёт, Душанбе: Дев., 1969

6. Гоҳе нуқта гузошта намешавад:

а) дар охири унвон, матн, сарлавҳа;

б) дар охири ному насаби муаллиф, унвони китобҳои бадеӣ, илмӣ, дарсӣ ва ғайра. Муъмин қаноат, «Дохунда», забони модарӣ, алгебра…

в) дар охири ҳуҷҷат: қарор, фармоиш, забонхат, тарҷумаи ҳол (ҳолнома), баёнот, маълумот, ариза ва ғайра.

г) дар охири таркибҳои кӯтоҳкардашуда: СММ, АИҶТ ва гайра.

д) дар охири калимаҳои баёнгари ченаки вазн, масофа ва ғ: 10 кг (10 килограмм), 5т (5 тонна), 500 гр (500 грамм), 50 см (50 сантиметр), 100 км (100 километр), 15м (15 метр) ва ғ.

е) дар охири шумораҳои баёнгари адади якхела:

IV «а», IV «б», IV «в», IV «г» ва ғайра.

## СЕНУҚТА

1. Сенуқта сухани нотамом ва давомдорро мефаҳмонад:Чунон хиҷил аст, ки мабодо …

Ҷонибек Акобир.

2. Охири ҷумлаҳои сухани зикрнагашта:

-Ба деҳаи дигар… Эҳтимол ба назди шумо ояд…

-Не, не, ба ӯ гӯед, ки Ҳамида акнун танҳо нест.

Писару набера дорад. Ҳамин қадар гӯед, бас…

Сорбон

3. Дар аввали ҷумлаҳое, ки сухани гӯянда зикр нагаштааст:

…ҳамон рӯз, мисли имрӯза аз осмони пасти тирафом барфи реза меборид.

…фаъолияти ба муомилот баровардани воситаҳои нави пардохт ва ҳуҷҷатҳое, ки барои маблағгузорӣ истифода мегарданд, эмиссия (нашр, барориш) номида мешавад.

4. Ҳангоми ихтисори матн:

Ва бидон, эй писар, ки … аз мӯҷиби хирад бар фарзанд воҷиб бувад падару модари худро ҳурмат доштан ба асли ӯ ҳам падар ва модар аст… …Ва камтар ҳурмати падару модар он аст, ки ҳарду воситаанд миёни

ту ва Офаридгори ту, пас чунон ки Офаридгори худро ҳурмат дорӣ, воситаро низ бархӯри ӯ бояд дошт... Ва фарзанд, ки модом хирад раҳнамуни ӯ бошад, аз ҳаққи меҳри падару модар холӣ мабошад...

Унсурулмаолии Кайковус,
«Қобуснома»

**Машқи 1.** Мавқеи истифодаи сенуқтаро шарҳ дода, хусусиятҳои забони гуфтугӯиро аз рӯйи мушоҳидаатон эзоҳ диҳед ва гӯед, ки дар лаҳҷаи зодгоҳатон чунин калимаҳо во мехӯранд ё не?

-Момаи Гулбону! Ҳо, момаи Гулбону!

-Э, бача, кистӣ? Ку биё, ранги рӯта бинам, - аз хона овоз дод кампир.

-Мо тӯй дорем. Боз нагӯед, хабар накардӣ...

-Тӯй дорен? Муборак бошад!... Бачаи кистӣ?... Чашм нарасад, деҳамон шаҳр вори калон шудаст. Баъзе бачаҳоро тамоман намешиносам-е.

-Маро нашинохтӣ, мома? О ман писари -- Латифи подабон...

-Эъ, Хуршедӣ? Ай Худо чашмома бигира-е. О ту набераи худам-ку... Момат пири фартут, фаромӯшхотир шудааст...

Ҳоли ба доди мо бирасӣ, чӣ будани балои пирира мефаҳмӣ, масхарабоз!

С. Айнӣ

## САВОЛ

Аломати савол дар охири ҷумлаи саволӣ гузошта мешавад:

Ту кай омадӣ?

Аломати савол бо истисной оҳанги талаффуз тавассути калимаҳои кӣ, чӣ, чӣ гуна, чиҳо, чиро, киро, чаро, чӣ қадар, чӣ тарз, чандто ва ғайра мавқеъ мегирад.

Кӣ омад? Чӣ гуфтӣ? ва ғайра.

Корвон рафту ту дар хобу биёбон дар пеш,
Кай равӣ? Раҳ зи кӣ пурсӣ? Чӣ кунӣ? Чун бошӣ?

Ҳофизи Шерозӣ

Шаби торику бими мавҷу гирдобе чунин ҳойил,
Куҷо донанд ҳоли мо сабукборони соҳилҳо?

Ҳофизи Шерозӣ

**ХИТОБ**

Сухане, ки амру фармоиш, ҳаяҷон, супоришу дархостро ифода мекунад:

Биё! - гуфта будам наомадӣ.
Андеша кун! - гуфт сардор ба ӯ нигоҳ карда.
Марҳабо! Меҳмони муҳтарам, марҳабо!
«Пас чаро пурсанд баъзе дӯстон:
Чандрӯза омадӣ ту меҳмон?
Пас чаро гӯянд ёрон: марҳабо!
Меҳмонони Тоҷикистон, марҳабо!»

Баҳор!
Рафиқам баҳор!
Баҳор!
Марҳабо, ба баҳористони мо!

Ҳаким Карим

Вақти он аст,
Эй қалам!
Буррандатар гардӣ зи теғ!
Вақти он аст,
Эй сухан!
Ғуррандатар гардӣ зи барқ!

Ҳабиб Юсуфӣ

Тавба? На! Ман ифтихор мекунам.
Аз таслим шудан, ман ор мекунам.

А. Лоҳутӣ

Дар баъзе ҳолатҳо агар сухан бо ҳиссиёту ҳаяҷони баланд ифода гардад, он гоҳ дар охири ҷумла ҳатто се аломати китобатӣ гузоштан мумкин аст:

Ҳайратам даррабуд, к-ин чӣ ошӯб буд?..
Омад аз ҳашт сӯ инчунин ҷавоб:
Инқилоб, инқилоб, инқилоб, инқилоб,
Инқилоб, инқилоб, инқилоб, инқилоб!!!

С. Айнӣ

Барои ифодаи ҳисси баланди ватандӯстӣ, нафрат ба урдуи зишт, ки дар наср ё назм тариқи саволу ҷавоб меоянд, ҳарду аломат(савол ва хитоб)истифода бурда мешаванд ва ин ифода дар шеъри Ҳ. Юсуфӣ, ки дар поён ишора мегардад, аён аст.

Писарҳои ҷинояткори Берлин!
Куҷо ин сон ҳаросон мешитобед?
Куҷо?
Пеши зану фарзанд?
Ҳайҳот!
Шумоҳо ҳам зану фарзанд доред?
Куҷо шуд зарбаҳои «барқовар?»
Ватанро ёд кардед?!
Эҳтимол аст,
Кӣ мехоҳад дидан рӯйи модар?
Хаёли хуш! – Вале амри маҳол аст!
Муқаддас – модарони русу украин,
Ки диданд ин қадар таҳқиру
Кулфат,
Магар буданд бефарзанд? – гӯед!
Ва ё беҳиссу бемеҳру муҳаббат?
Магар он кӯдаконеро, ки
Гаштанд –
Нишони бомбаи кин, тири бедод.
Падарҳошон намеоранд дар ёд?
Падарҳои фидокори зафарманд.

Магар ҷанговарони гашта қурбон,
Азизи дилбарони худ набуданд?!
Замони қаҳрамонрафтори онон,
Муҳиби шавҳарони худ набуданд?!

Шеъри мазкурро мутолиа карда, эҳсос менамоем, ки дар он пурсиш, ғазаб, таҳқиру нафрат равшану возеҳ ифода гашта, дар мавридҳои ҷудогона ду аломат (савол ва хитоб) якҷоя омада, суханро боз ҳам таъсирбахштар кардаанд.

Чунончи:

Куҷо шуд он ғурури бениҳоят,
Чӣ менолед? – Беорию шармӣ?!
Магар сармои русӣ хуш наомад?
Ва ё ки оташи мо кард гармӣ?
Зи фарзандони Маскав, шояд
акнун-
Тараҳҳум ҳаст бар дуздони
Берлин?!
Тараҳҳум бар шумо?!
Ҳайфи тараҳҳум!
Ҳ. Юсуфӣ

# ҲУҶҶАТНИГОРӢ (САНАДНИГОРӢ)

Ҳуҷҷат ва ҳуҷҷатнигории мардуми ориёӣ таърихи тӯлонӣ дошта, солҳо боз ба нафъи ориёиён хизмат кардааст. Дар баробари инкишофи ҷамъияти инсонӣ муносибатҳои гуногуни сиёсиву иҷтимоӣ, маданиву маърифатӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва ҳоказо ба таври куллӣ тағйир ёфта, бо мурури замон такмил меёбанд. Ҳамчунин, ҳуҷҷатнигорӣ низ такмил ёфта меистад. Чунин рамуз то замони Инқилоби Октябр давом карда омад. Дар замони мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ ҳуҷҷатгузорӣ боз ҳам бештар такмил ёфта, ба он омада расид, ки онҳо пурратар ва аз нуқсонҳо эмин гарданд. Вале бояд иқрор гашт, ки низоми давлатдории шӯравӣ барои дар сатҳи зебою воло таҳия гаштани ҳуҷҷатҳои заруриро (бо забони миллӣ) коста гардонда, ҳуҷҷатҳо бештар ба забони русӣ таҳия мегаштанд. Ҳатто дар баъзе идораву ташкилот навиштани ариза (барои ба кор даромадан ва ё аз кор рафтан) ба забони русӣ талаб карда мешуд. Далели ин ишораи боло он аст, ки имрӯз ҳам одамон номи русии ҳуҷҷатҳоро нисбати номи тоҷикиашон, масалан, ба ҷойи **таъйиднома** акт, ба ҷойи **маълумотнома** справка, ба ҷойи **суратмаҷлис** протокол, ба ҷойи **ваколатнома** доверенност, ба ҷойи **барқия** телеграмма ва ғайра хубтар мефаҳманд.

Дар баробари ба даст омадани Истиқлолияти миллӣ мо ба он муваффақ гаштем, ки аз забони миллии хеш, ки қарнҳо хизмат карда омадааст, ба таври бояду шояд истифода барем. Вале бояд гуфт, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ягон навъ ишорае дар хусуси маҳдуд кардани қадру манзалати забонҳои мавҷудаи дигар халқҳо ба чашм намерасад.

Масалан, дар қисми 1-уми моддаи 4-уми қонуни ишорагашта чунин омадааст: «Ҳамаи миллатҳо ва халқҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, ба истиснои ҳолатҳое ки қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ба истифодаи озоди забони модариашон ҳуқуқ доранд». Аз рӯйи ин ишора, хулоса баровардан лозим аст, ки ҳар як фард ҳуқуқи истифодаи забони хешро дорад.

Ҳуҷҷатҳо аз мақоми суханоройӣ, пардохти сухан, истифодаи ташбеҳу истиораву тавсифу муболиға ва ҳоказо орӣ бошанд ҳам, ин пурра маҳдуд сохтани ҳуқуқи тартибдиҳандаи ҳуҷҷатро надорад. Вай (тартибдиҳанда) метавонад, ки дар дохили чорчӯбаи ҳуҷҷат андешаи хешро аз рӯйи фаҳмиши худ иброз дорад.

Аз рӯйи мазмуну тақозои ҳуҷҷатҳо онҳоро чунин номгузорӣ кардаанд: қонун, фармон, кодекс, низомнома, фармоиш, огоҳнома, дастур, низомнома, ваколатнома, гузориш, таъйиднома, тавсиянома, ариза, забонхат, мактуб, маърӯзаи хаттӣ, суратмаҷлис, барқия, шартнома, изҳорот, нақша, оиннома, ҳисобот, қарордод, консепсия, қоида, аҳднома.

Дар баробари номгузорӣ кардан ҳуҷҷатгузориро ба се навъ ҷудо кардаанд, ки ба мақсад мувофиқ аст:

**1.Ҳуҷҷати намунавӣ** пешакӣ тартиб дода шуда, дар асоси он ҳуҷҷати фардӣ (индивидуалӣ) ба шакл дароварда мешавад.

**2.Ҳуҷҷатҳои қолабӣ ё нусхабардорӣ** қисман пешакӣ тартиб дода мешаванд, ки дар графаҳои зарурӣ мақсад чун раҳнамо ифода мегардад ва қисми боқӣ аз тарафи шахси масъул ба анҷом расонда мешавад.

**3.Ҳуҷҷатҳои фардӣ** чунинанд: ариза, талабнома, маълумотнома, тавсифнома, забохат, ваколатнома, шарҳи ҳол, мактуб ва ғ.

## АРИЗА

Ариза калимаи арабист ва маънои баён ва изҳор сохтанро дорад. Ариза мазмуни гуногунро дорост. Аз ҷумла мазмуни шикоят, хоҳиш, пурсиш, даъво ва ғ. дошта, ба сардори ин ва ё он муассиса, ташкилот, корхона, донишгоҳу донишкада, фабрика ва ғайраҳо навишта мешавад.

Дар вақти навиштани ариза ба ишораҳои поён диққат додан лозим аст:

1. Ба бехато навиштани ному насаб, унвон, дараҷаи илмӣ, вазифаи ишғолкарда дар корхона ё муассиса
2. Вазифа ва ному насаб (пурра)
3. Номи ҳуҷҷат (ариза)
4. Матн (сабабу мақсади навиштани ариза пурра оварда мешавад)
5. Имзо ва ному насаби муаллифи ариза
6. Таърихи навишта шудани ариза

Чун намуна чанд аризае пешкаш карда мешавад:

Ба директори корхонаи пахтаи
ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон
Ҷӯрахонов Қ. Ғ.
аз сокини деҳаи Сайёди н.Бохтар
Рабтия Ҳимматшоҳи Мирзоодина

АРИЗА

Ба шумо иттилоъ дорам, ки ман Донишгоҳи техники Тоҷикистонро соли 2013 аз рӯйи ихтисоси КАХ(коркарди аввали пахта) хатм кардам ва то имрӯз дар ягон ҷо кор накарда истодаам.

Ҳоло аз шумо хоҳиш дорам, ки маро ба ҳайси мудири шуъбаи коркарди аввали пахта ба кор қабул намоед.

(имзо) Рабтия Ҳ. М.
9. 12. 2015.

Ба директори корхонаи
пахтаи ноҳияи Панҷ
мухтарам Обидов Д. Д.
аз корманди шуъбаи
пахтатозакунии
ҳамин корхона Ваҳҳоби
Додарҷони Сафар

АРИЗА

Аз Шумо хоҳиш менамоям, ки маро бо хоҳиши худ аз вазифаи ишғолкардаам озод намоед.

(имзо) Ваҳҳоби Д. С.
9. 12. 2015.

Ба директори муассисаи
давлатии телевизиони
«Сафина» Ғуломов Д.Т. аз
сардори шуъбаи ахбори
ҳамин муассиса Обидов
Шодӣ

АРИЗА

Аз Шумо хоҳиш менамоям, ки аз сабаби бад будани вазъи саломатиям, маро аз вазифаи ишғолкардаам (дар муассисаи мазкур) озод намоед.

(Варақаи таърихи беморӣ ба ариза илова карда мешавад)

(имзо) Ш. Обидов
20. 01. 2016.

Ба ректори Донишкадаи
молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
дотсент Солеҳзода А. А.
аз донишҷӯи соли сеюми
факултаи ҳисобдорӣ ва омор,
ихтисоси аудит дар саноат
Бухориев Бобохон Парвонаевич

**АРИЗА**

Ба Шумо иттилоъ дорам, ки ҳаваси касби баҳисобгирии бухгалтерӣ ба ман хеле писанд шудааст ва мехоҳам, ки ба ин ихтисос интиқол ёбам. Ҳоло аз Шумо хоҳиш менамоям, ки дар ин ҷода ба ман кӯмак намоед.

( имзо ) Бухориев Б. П.

9. 12. 2015.

Ба ректори ДМИТ,
дотсент - Солеҳзода А.А.
аз донишҷӯи соли сеюми
шуъбаи рӯзонаи факултаи
молия ва қарз, ихтисоси
молия (гурӯҳи шартномавӣ)
Сомонии Ҳаётҷони Сафар

АРИЗА

Ба Шумо, устоди гиромӣ, иттилоъ дорам, ки аз сабаби бад будани вазъи иқтисодӣ дар оила маблағи таҳсилро дар муҳлати муқарраргардида пардохт карда натавонистам ва дар ҳамин асос маро бо фармоиши рақами 2222\-ди аз донишкада хориҷ кардаанд.Ҳоло барои супоридани маблағи таҳсил имконият дорам ва бо ин ариза аз Шумо хоҳиш менамоям, ки барои барқарор гаштанам дар донишкада ва курсу ихтисоси мехондагиам кӯмак намоед.

Супоридани маблағи таҳсилро ба зимма мегирам.

(имзо) Сомонӣ Ҳ. С.
10. 12 2015.

Ба ректори Донишкадаи молия
ва иқтисодиТоҷикистон
дотсент Солеҳзода А. А.
аз донишҷӯи соли аввали
факултети менеҷменти молиявӣ
ва андозбандӣ
Давлатзода Суннатуллоҳи
Давлат

АРИЗА

Ба Шумо, бо самимият, маълум менамоям, ки ман аз ноҳияи дурдасти Мурғоб мебошам ва дар шаҳри Душанбе ҷойи зист надорам.

Бо ин аризаам, бо меҳрубонӣ, аз Шумо хоҳиш менамоям, ки маро бо хобгоҳ таъмин намоед.

( имзо) Давлатзода С. Д.
4. 02. 2016

## ТАРҶУМАИ ҲОЛ

Тарҷумаи ҳолро ҳолнома, шарҳи ҳол, зиндагинома низ ном мебаранд, ки аз тарафи худи шахс навишта мешавад. Ин ҳуҷҷат тамоми тарафҳои ҳаёти шахси ҳолноманависро бояд пурра дар бар гирад. Ҳолнома қолабӣ набуда, шарҳи пурраи рӯзгорро тақозо менамояд ва тартиби замонии маълумот ба инобат гирифта мешавад. Ҳангоми навишти тарҷумаи ҳол шартҳои ишораи поёнро таҳти назар гирифтан зарур аст: ному насаб, рӯз, моҳ, соли таваллуд, макони таваллуд, таҳсил дар мактаб, ҷойи кор, вазифа, ҷоизаҳои гирифтагӣ, имконияту шароитҳои зист дар ҷойи кор, маълумот дар хусуси зисту зиндагонии падару модар, вазъияти зиндагӣ дар хона, маълумот дар хусуси зану фарзанд, таърихи навишта шудани тарҷумаи ҳол ва имзои муаллиф.

Ҳар қадар, ки синну сол боло равад, тарҷумаи ҳол васеътару мураккабтар мешавад.

Тарзи дуруст навиштани тарҷумаи ҳол дар зер оварда шудааст:

ТАРҶУМАИ ҲОЛ

Ман, Нуров Нур Пирович, 27-уми августи соли 1960 дар деҳаи Сайёди ноҳияи Хуросони Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудаам. То ҳафтсолагиам дар тарбияи падару модарам буда, баъдан онҳо маро барои таҳсил кардан ба мактаби деҳаамон – Сайёд бурдаанд. Мактаби миёнаи маълумоти умумиро дар зодгоҳам соли 1978 хатм карда, ҳамон сол ба факултети таърихи УДТ (Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин) дохил шудам. Ин донишгоҳро соли 1983 хатм намудам ва мувофиқи роҳхати Вазорати маорифи Ҷумхурии Тоҷикистон ба ноҳияи Хуросон ба кор рафтам. Мудири маорифи ноҳияи Хуросон маро ҳамчун муаллими фанни таърих ба мактаби деҳае, ки он ҷо ба дунё омада будам, фиристод. Ҳоло чун муаллими таърих аз соли 1983 то имрӯз адои вазифа дорам.

Падару модарам дар қайди ҳаёт нестанд.

Оиладор ва падари ду фарзанд мебошам.

(имзо) Нуров Нур Пирович

1. 12. 2015.

## ЗАБОНХАТ

Забонхат дар сурати қарз гирифтани пул (сӯм) ё як миқдор мол ва ё ашё дода мешавад. Пул ё моли қарз гирифташуда аввал ба рақам, пас тариқи ҳарф навишта мешавад. Дар забонхат навиштани силсила ва рақами шиносномаи қарзгиранда ва қарздиҳанда ба мақсад мувофиқ аст. Инчунин ба он муваффақ шудан лозим аст, ки нишондоди рақам ва ё мол дуқалама карда нашавад. Дар забонхат иштирок ва нишондоди ду, се, чор шоҳид зарур аст. Забонхатро то баргардондани қарз нигоҳ доштан ҳатмист.

ЗАБОНХАТ

Ман, Пӯлодов Пӯлод Қаҳҳорович, бо шиносномаи силсилаи А рақами 8182967, ки онро ШКД-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ 10.10. 2010 ба ман додааст ва дар қайди ш. Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев, бинои 48, ҳуҷраи 34 буда, айни ҳол низ ҳамон ҷо зиндагӣ дорам, ҳақиқатан аз ҳамсоям Умедов Шоҳ Забирович (шиносномааш бо силсилаи А рақами 3748654, ки онро ШКД – и ноҳияи Фирдавсӣ ба ӯ додааст) дар таърихи 10-уми декабри соли 2015 дар шоҳидии ҳамсояҳои Пӯлодов Пӯлод Қаҳҳорович (Гулов Т.Т., Аминов Р.О. ва Саидов Б.Д.) ба миқдори 10000 (даҳ ҳазор) доллари амрикоӣ қарз гирифтам ва то 30 -юми декабри соли 2015 маблағи ӯро пурра гардонда медиҳам.

Дар сурати барнагардонданам, Пӯлодов П. Қ. ихтиёр дорад, ки ба маблағи нишондоди боло(даҳ ҳазор доллар) боз 50 (панҷоҳ) фоизи дигар зам намояд.

Қарзгиранда (имзо)Пӯлодов П. Қ.
Қарздиҳанда (имзо)Умедов Ш. З.
Шоҳидон: Гулов Т. Т.
Аминов Р. О.
(имзо)Саидов Б. Д.
10. 12.2015.

*Эзоҳ:*
*Забонхатро дар идораи нотариус тасдиқ кардан лозим аст.*

## ФАРМОИШ

Фармоиш ҳуҷҷати меъёрӣ-ҳуқуқӣ буда, онро роҳбарони идораву корхонаҳо тартиб дода, имзо мегузоранд.

Фармоиш аз ду қисм иборат аст: муқаддима ва мазмун. Дар муқаддима мақсад аз таҳияи фармоиш аст, ки фармоиш ба кадом хотир тартиб дода мешавад. Дар қисми дуюм бошад, иншои мақсад ифода мегардад. Дар охири фармоиш назорати иҷрои он таъкид гашта, ному насаби шахси мутасаддӣ барои иҷрои он навишта мешавад.

Фармоиши имзошуда дар китоби фармоишҳо, ки он саҳифабандӣ гашта, бо имзо ва муҳри корхона тасдиқ шудааст, сабт мегардад. Рақамгузорӣ дар фармоишҳо аввали сол оғоз меёбад.

Дар мавриди ба талабот ҷавоб надодани фармоиши пешакӣ роҳбари корхона метавонад, ки дар асоси далелҳои мушаххас бо фармоиши баъдин онро бекор намояд.

Тарзи дуруст навиштани фармоиш:

**ФАРМОИШИ №_____**

Дар мактаби миёнаи таҳсилоти умумии рақами 33-и ноҳияи Фирдавсии ш. Душанбе

аз «___» __________ соли _____ ш. Душанбе

Дар бораи ба кор қабул кардан

Бо мақсади таъмин сохтани мактаб аз кадрҳои тахассусманд

**фармоиш медиҳам:**

1.Дар асоси ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардаи Собиров С. С.(ариза, тарҷумаи ҳол, варақаи шахсӣ, дафтачаи меҳнатӣ, расми 3х4, нусхаи дипломи мактаби олӣ, маълумотномаи тиббӣ) ӯ ба кор қабул карда шуда, ба миқдори як воҳиди корӣ аз соатҳои фанни математика дар синфҳои 8 – 11 таъмин карда шавад.

2. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини директори мактаб Нуров Х.Х. гузошта шавад.

Директори мактаб (имзо) Беҳрӯзов Ш. П.

**ФАРМОИШИ №_____**

Дар корхонаи воҳиди давлатии «Пахтаи тоҷик»

аз «___» ________ соли______ ш. Душанбе

Дар бораи аз кор озод кардан

Бо мақсади қонеъ гардондани хоҳиши корманди шуъбаи ба қайдгирии мактубҳо дар корхона Шарифов М.Н. **фармоиш медиҳам:**

Шарифов М.Н. дар асоси аризааш, ки аз бемор буданаш шикоят дорад, аз вазифаи ишғолкардааш (мутахассиси шуъбаи ба қайдгирии мактубҳо) озод карда

шавад.
Асос: Аризаи Шарифов М.Н. ва маълумотномаи тиббӣ.

Сардори корхонаи воҳиди давлатии
«Пахтаи тоҷик» (имзо) Султонов Ф. Э.

# ПРОТОКОЛ

Протокол ҳуҷҷате мебошад, ки дар он ҷараёни корҳои ин ва ё он муассиса мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Инчунин, фаъолияти маъмурӣ, тафтишотӣ ва ҷаласаҳои ғайринавбатӣ низ мавриди муҳокима қарор дода мешаванд.

Протокол аз тарафи котиби маҷлис, ки онро дар маҷлиси аввал интихоб менамоянд, тартиб дода мешавад ва он (протокол) зери назорати қатъии роҳбари муассиса мебошад.

Рақами протокол мувофиқи рақами тартибии ҷамъомадҳои яксола баҷо оварда мешавад. Санаи он мувофиқи давомоти он сабт мегардад, яъне маҷлис чанд рӯз давом карда бошад, сана низ ба ҳамон миқдор гузошта мешавад.

Протоколро ба ду қисми асосӣ ҷудо кардан ба мақсад мувофиқ аст: қисми муқаддимавӣ ва қисми асосӣ.

Дар қисми аввал (муқаддимавӣ): номи ҷаласа, сана (рӯз, моҳ, сол), ҷойи баргузоршавӣ, шумораи умумии иштирокчиён ва даъватшудагон, ҳайати раёсат (ному насаби раис ва котиб), номгӯйи масъалаҳои баррасишаванда, маърӯзачиён ва ному насаби онҳо зикр карда мешаванд.

Дар қисми дуюм масъалаҳои дар рӯзномаи маҷлис дарҷгашта мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор ёфта, аз рӯйи ҳар як масъала қарори мушаххас қабул карда мешавад. Баъди ба анҷом расидани масъалаҳои дар рӯзнома дарҷгашта ва қабул гаштани қарорҳои дахлдор роҷеъ ба масъалҳои пешниҳодгашта, раис ва котиби маҷлис имзо мегузоранд.

# ПРОТОКОЛИ №________

10 декабри соли 2015 ш. Кӯлоб

Шӯрои педагогии омӯзгорони мактаби миёнаи маълумоти умумии рақами 33-и шаҳри Кӯлоб

Ҷамъи аъзоёни шӯро 54 нафар
Иштирок доштанд 52 нафар
Набуданд 2 нафар
Сабабнок 1 нафар
Бесабаб 1 нафар

Раисикунанда_____(ному насаб)____________
Котиб____________(ному насаб)____________

Рӯзнома

1.______________________________
2.______________________________
3.______________________________
4.______________________________

Аз рӯйи масъалаи якум муаллими фанни биология______________________________ баромад кард. Нотиқ қайд намуд, ки ______________________________
______________________________
______________________________

Шахсони зерин ба музокира баромаданд:
1.______________________________
2.______________________________
3.______________________________

Шӯрои омӯзгорон маърӯза ва суханронии музокирачиёнро шунида, муҳокима намуда, қарор мекунад:

1.______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
2.______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
3.______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________

Аз рӯйи масъалаи дуюм (эълон карда мешавад) роҳбари синфи 7-ум Гадоев Б.Т. маърӯза кард.
Шахсони зерин ба музокира баромаданд:
1.______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
2.______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
3.______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________

Аз рӯйи масъалаи муҳокимагашта шӯрои педагогӣ қарор кард:
1.______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
2.______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
3.______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________

4.______________________________________________
_______________________________________________
______________________________________________.

| | | |
|---|---|---|
| Раиси шӯрои педагогӣ | (имзо) | Ному насаб |
| Котиб | (имзо) | Ному насаб |

Эзоҳ:

Аз рӯйи дигар масъалаҳо низ суханронии маърӯзачӣ шунида шуда, музокирачиён баромад мекунанд ва шӯрои педагогии омӯзгорон аз рӯйи масъалаҳои ҷудогона қарор қабул менамоянд ва дар охир раис ва котиби шӯро имзо мегузоранд.

## БАЁНОТ

Баёнот ҳуҷҷате мебошад, ки аз тарафи сардори ин ё он корхона бо сабаби вайрон кардани интизоми меҳнат талаб карда мешавад.

Баёнот аз тарафи рост ба номи сардор ва нависандаи баёнот оғоз мегардад. Аввал вазифа, унвон, ному насаби сардор ва баъди он ному насаб, дараҷаи илмӣ, вазифаи тартибдиҳандаи баёнот навишта мешаванд.

Баъд аз навиштани матолиби боло сипас дар байни варақ номи **баёнот** сабт гашта, матни он оварда мешавад. Дар охир ному насаби нависандаи баёнот зикр гардида, имзо мегузорад ва баъдан таърихи рӯз навишта мешавад.

---

Ба директори мактаби
миёнаи таҳсилоти умумии
рақами 33-и ш. Кӯлоб
Латифов У. У.
аз омӯзгори ҳамин мактаб
Умедов У.У.

## БАЁНОТ

Ба Шумо хабар мерасонем, ки дар таърихи 10. 12. 2015 аз рӯйи дар синф набудани хонандагон дарс гузаронда натавонистем ва мавзӯи дарси имрӯза мавриди фаҳмондадиҳӣ қарор наёфт. Маҳз аз ин рӯ, ба Шумо пешниҳод менамоем, ки дар ин ҷода чораҷӯйӣ намоед.

(имзо) Умедов У.У.
10.12.2015.

Ба директории корхонаи
пахтаи ноҳияи Хуросон
Наботов Х.Н.
аз коргари шуъбаи
пахтатозакунӣ
Луғмонов Х.И.

**БАЁНОТ**

Ба Шумо, сардори муҳтарам, маълум мекунам, ки бо сабаби аз 1.12.2015 то 10.12.2015 бемор буданам, ба кор ҳозир шуда натавонистам.

Барои тасдиқи ишораам, нусхаи маълумотномаи тиббиву варақаи корношоямиамро ба баёнот илова мекунам.

10 декабри соли 2015 (имзо) Луғмонов Х.И.

## ДАРХОСТ

Дархост санадест, ки дар бораи матлабе ба роҳбари корхона пешниҳод карда мешавад. Дар гӯшаи тарафи рости дархост монанди ариза ному насаб, унвон, дараҷаи илмии роҳбар навишта шуда, баъд аз он дархост ҳувайдо карда мешавад.

Ҷузъҳои асосии дархост инҳо мебашанд:

1.Номи муассиса ва ному насаби роҳбар
2.Номи санад
3.Матни он
4.Ному насаб ва ишғоли вазифаи дархосткунанда
5.Имзо
6.Сана.

Намуна:

Ба ректори Донишкадаи
молия ва иқтисодиТоҷикистон
дотсент Солеҳзода А.А.

## ДАРХОСТ

Ба Шумо иттилоъ дорем, ки барои кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ маводҳои ишораи поён заруранд. Хоҳиш мекунем, ки оиди таъмини кафедра аз анҷоми зерин ба мо кӯмак намоед:

1.Вараҷи сафед 2 баста
2.Қалам 12 дона
3.Ручка 12 дона
4.Курсӣ 6 адад
5.Миз 4 адад
6.Либосовезак 2-то
7.Компютор 2-то (маҷмӯъ)

Мудири кафедраи менеҷмент
(имзо) Раҳмонов М.М.

# САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

1. Забони тоҷикӣ ба кадом гурӯҳи забонҳои ҳинду аврупоӣ шомил аст?

а) славянӣ;
б) ҳиндӣ;
в) романӣ;
г) эронӣ;
ғ) ба ҳеҷ кадом.

2. Байти зерин чакидаи хомаи кист?
Аз забони модарӣ гумкарда, лек
Мерасад рӯзе ватангумкардае …

а) Гулназар Келдӣ;
б) Муъмин Қаноат;
в) Бозор Собир;
г) Лоиқ Шералӣ;
ғ) Гулрухсор.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Президенти мамлакат кай ба имзо расид?

а) 22 октябри соли 1989;
б) 5 октябри соли 2012;
в) 5 октябри соли 2009;
г) 5 ноябри соли 2010;
ғ) 22 сентябри соли 2010.

4. Мисраъҳои шеърии ишораи поён ба кадом шоир мутааллиқанд?

Баҳри ман танҳо забони модарист,
Ҳамчу шири модар аст.
Баҳри ӯ ташбеҳи дигар нест, нест,
Чунки шири модар аст.

а) Турсунзода;

б) Бозор Собир;
в) Лоиқ Шералӣ;
г) Муъмин Қаноат;
ғ) Миршакар.

5. Кадом асари С.Айнӣ нақши шиносномаи халқи тоҷикро бозид?

а) романи «Дохунда»;
б) повести «Ятим»;
в) «Намунаи адабиёти тоҷик»;
г «Марши ҳурият»;
ғ) романи «Ғуломон».

6. Забони тоҷикӣ таърихи чандсола дорад?

а) садсола;
б) ҳазорсола;
в) беш аз ҳазорсола;
г) беш аз дуҳазорсола;
ғ) беш аз садсола.

7. Таркиби луғавии забонро чӣ ташкил мекунад?

а) ҳарф;
б) ибора;
в) калима;
г) ҳиҷо;
ғ) овоз.

8. Забон чӣ гуна падида аст?

а) падидаи фарҳангӣ;
б) падидаи таърихӣ;
в) падидаи сиёсӣ;
г) падидаи ҷамъиятӣ;
ғ) падидаи табиӣ.

9. Рукни ҳастии ҳар як миллат чист?
   а) расму оин;
   б) дину мазҳаб;
   в) фарҳанги миллӣ;
   г) шахсони таърихӣ;
   ғ) забони миллӣ.

10. Дар калимаҳои **баҳорӣ, тирамоҳӣ** садоноки **ӣ** кадом вазифаро иҷро кардааст?
   а) бандаки феълиро;
   б) бандаки феълӣ ва хабариро;
   в) бандаки хабариро;
   г) пасвандро;
   ғ) пешвандро.

11. Ҳаммаънои вожаи лафз чист?
   а) китоб, дафтар;
   б) нутқ, хат;
   в) фарҳанг, забон;
   г) сухан, гап;
   ғ) коғаз, хома.

12. Қадимтарин осори хаттии забони тоҷикӣ бо кадом хат аст?
   а) хатти арабӣ;
   б) хатти кириллӣ;
   в) хатти мехӣ;
   г) хатти авастоӣ;
   ғ) хатти паҳлавӣ.

13. Инкишофи таърихии забони адабиро ба чанд давра тақсим кардаанд?
   а) 2 давра;
   б) 4 давра;
   в) 5 давра;
   г) 3 давра;

ғ) 6 давра.

14. Дар кадом банд сифатҳо дуруст навишта шудаанд?

а) рӯ ба рӯ, дарбадар, нестандар ҷаҳон;
б) рӯбарӯ, дарбадар, нестандарҷаҳон;
в) рӯ ба рӯ, дар ба дар, нестандарҷаҳон;
г) рӯбарӯ, дарбадар, нест андарҷаҳон;
ғ)рӯбарӯ, дар бадар, нестандар ҷаҳон.

15. Ёдгориҳои таърихии давраи миёнаи забонро кадом сулолаи таърихӣ фарогир аст?

а) Сомониён;
б) Сосониён;
в) Қарахониён;
г) Ғазнавиён;
ғ) Ашкониён.

16. Пешвандҳои сифатсоз дар кадом банд мебошанд?

а) ҳам-, ҳо-, но-, то-;
б) но-, бо-, бе-, ба-, то-;
в) бар-, во-, фар-, фур-;
г) но-, ба-, бо-;
ғ) бо пешвандҳо сифат сохтан мумкин нест.

17. Калимаҳои якум, бистум, садум, чаҳорум, дуюм кадом хели шумораанд?

а) шумораи тахминӣ;
б) шумораи касрӣ;
в) шумораи тартибӣ;
г) шумораи миқдорӣ;
ғ) шумораи аслӣ.

18. Шумораҳои аслӣ дар кадом банд мебошанд?

а) чор, шаш, чордаҳ-понздаҳ;
б) чоряк, якум шасту чор;

в) сад-дусад, чил, ҳафтод;
г) панҷоҳ, сад, чорсад;
ғ) саду бист, якуним, чорум.

19. Тарзи навишт дар кадом банд дуруст аст?
а) 1-ум, 20 солагӣ, дусола;
б) якум, 20 солагӣ, дусола;
в) 1-ум, 20-солагӣ, дусола;
г) 1-ум, бистсолагӣ, ду сола;
ғ) 1-ум бист солагӣ ду сола.

20. Мисраъҳои шеърии ишораи поён моли кӣ мебошанд?
Сухан бифканад минбару дорро,
Зи сӯрох берун кашад морро.
а) Рӯдакӣ;
б) Бозор Собир;
в) Лоиқ Шералӣ;
г) Абӯшакури Балхӣ;
ғ)Муъмин Қаноат.

21. Чунин арзишҳои сухан: «Аз Худо битарсед ва сухан дуруст бигӯед»,-дар кадом китоб аст?
а) «Авасто»
б) «Таврот»;
в) «Инҷил»;
г) «Қуръон»;
ғ) «Шопургон».

22. «...ба бандагони ман бигӯ, ки бо якдигар ба беҳтарин ваҷҳ сухан бигӯянд», ин панд дар кадом китоб аст?
а) «Инҷил»;
б) «Таврот»;
в) «Қуръон»;
г) «Гулистон»;
ғ) «Авасто»;

23. «Алифбо» калимаи кадом забон аст?

а) тоҷикӣ;
б) форсӣ;
в) арабӣ;
г) русӣ;
ғ) юнонӣ.

24. Аломатҳои китобати дохили ҷумларо аз рӯйи нишондодҳои зерин ҷудо кунед:

а) вергул, тире, баён, нуқта, дефис;
б)тире, қавс, вергул, хитоб, нохнак;
в) вергул, дефис, тире, савол, қавс;
г) вергул, баён, нохунак, қавс, тире;
ғ) вергул, нуқтавергул, нохунак, хитоб, баён.

25. Аломатҳои китобати охири ҷумларо аз бандҳои дар поён ишорашуда муайян созед.

а) савол, нуқта, баён, бисёрнуқта;
б) баён, бисёрнуқта, тире, нуқта;
в) нуқта, савол, хитоб, қавс;
г) нуқта, савол, хитоб, бисёрнуқта;
ғ) нуқта, савол, нохунак хитоб.

26. Дар кадом банд тарзи навишт дуруст аст?

а) пеш аз интихоботӣ, ҳафтодупанҷсола;
б) пешаз интихоботӣ, ҳафтоду панҷсола;
в) пешазинтихоботӣ, ҳафтоду панҷ сола
г) пешазинтихоботӣ,ҳафтодупанҷсола;
ғ) пеш азинтихоботӣ, ҳафтоду панҷсола.

27. Дар кадом банд ташдид дуруст гузошта шудааст?

а) оддӣ, рақоса, қасоб;
б) одӣ, раққоса, қасоб;
в) одӣ, раққса, қассоб;
г) одди, раққоса, кассоб;

ғ) одди, раќоса, кассоб.

28. Дар калимаи писараш –«аш» ба кадом вазифа омадааст?

а) бандак
б) пасванд
в) ҷонишин
г) зарф
ғ) бандакҷонишин

29. Бандакҷонишинҳои **-ам, -ат, -аш; - амон, -атон, -ашон** бештар ба кадом ҳиссаҳои нутқ васл мешаванд?

а) исму сифат;
б) сифату сифати феълӣ;
в) шумораву исм;
г) ҳиссаҳои мустақили нутқ;
ғ) ҳиссаҳои номустақили нутқ.

30. Аз рӯи ишораи бандҳои поён феълҳои таркибии номиро нишон диҳед?

а) омада буд, нишаста буд, рафт;
б) нишаста гап мезад, хеста хона мерӯфт;
в) нишаст, хест, гирифт, рафт;
г) хондааст, мехондааст, гуфтааст;
ғ) баромад, фуромад, даромад.

31. Ариза аз кадом ҷузъҳо иборат аст?

а) унвон, дараҷаи илмӣ, вазифа ва ному насаби роҳбари муассиса;

б) ному насаби роҳбари корхона ва ному насаби аризадиҳанда

мақсад, таърихи рӯз, имзои аризадиҳанда;

в) роҳбар ва ному насабаш ному насаби аризадиҳанда;

г) ному насаби роҳбар, вазифааш ному насаби

аризадиҳанда;

ғ) ному насаби роҳбар, унвон, вазифа, ному насаби аризадиҳанда, имзо.

32. Дар сари сад дор ҷон доданд шоирҳои ӯ,
То наафтад дар замин қадри сухан.
Ин шеър моли кист?
а) М. Қаноат; б) Борзор Собир;
в) Гулназар; г) М. Турсунзода;
ғ) Лоиқ Шералӣ.

33. Ғалатҳо дар кадом банданд?
а) муқадас, аҷнабӣ, олиҷанноб;
б) олӣ, муваффақ, музаффар;
в) ғуломӣ, аҷнабӣ, хизматӣ;
г) табиӣ, тоҷир тиҷорат;
ғ) табобат, тоҷдор, торик.

34. Тарзи навишт дар кадом банд дуруст аст?
а) фаол, саъодат, таъин, мавзӯъ;
б) фаъол, саодат, таин, мавзӯ;
в) фаъол, саодат, таъин, мавзӯ;
г) фаъол, саодат, таин, мавзӯъ;
ғ) фаъол, саодат, таъин, мавзӯъ.

35. Ҳиссаи –ум (-юм) дар калимаҳои навъи панҷум, шашум, дуюм, сеюм ба калимаҳо чӣ маъно бахшидааст?
а) нумеративӣ;
б) микдорро муайян кардааст;
в) шумораи касрро ифода кардааст;
г) тартибро ифода кардааст;
ғ) ҳеҷ маъно ва накшро набозидааст.

36. Дар байти зерин навишти кадом банд ғалат аст?
Ҳарчи ӯ аз моли дунё дошт, дод,

Хиттаи Балху Бухоро дошт, дод.

а) хитта;
б) моли дунё;
в) ҳарчи ӯ;
г) Балх;
ғ) Бухоро.

37. Кадом калимаи байти зерин ғалат аст?

Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон,
Сарҳади точик забони тоҷик аст.

а) сарҳад;
б) забони;
в) ҷаҳон;
г) ҳадду;
ғ) тоҷик аст.

38. Тарзи дуруст навиштани сифатро аз бандҳои ишораи поён муайян кунед:

а) суп сурх;
б) заб зард;
в) дусола;
г) шасту сесола;
ғ) бад хашм.

39. Дар мисраъҳои шеъри Нақибхони Туғрал кадом калима ғалат навишта шудааст?

Тӯшаи лахти ҷигар дорам ба роҳат, дуди ғам
Мезанад фавора, тарсам, тира гардад ин китоб.

а) тӯшаи;
б) лахти;
в) дуди;
г) фавора;
ғ) роҳат.

40. Кадом шумораҳо таркибӣ мебошанд?

а) чорсад, панҷсад, чоряк;
б) аз шаш ду, бисту чор, ҳабдаҳ;
в) панҷоҳу панҷ, сесаду бисту чор, ҳафтоду як;
г) шашум, бисту чорум, аз сад як;
ғ) яку ним, бисту ду, ҳаждаҳ.

41. Аз ибораҳои дар поён ишорагашта дурусташро муайян кунед:
а) себи тирамоҳи;
б) таърихшиносӣ маъруф;
в) самбӯсаи вараки;
г) мошини сабукрави Хуршед;
ғ) себи ширини хубони.

42. Кадоме аз ин калимаҳо миёнванд доранд?
а) ҳамнишин;
б) пӯлодӣ;
в) ҳамоғӯш;
г) кашокаш;
ғ) баромад.

43. Навишти кадом калима дуруст аст?
а) таъом;
б) маъош;
в)фаъол;
г) раъият;
ғ) таин.

44. Дурустии навишти калимаҳоро муайян кунед:
а) Абӯали ибни Сино;
б) Муҳаммад Бини Абдулло;
в) Абдурраҳмони ҷомӣ;
г) Абуабдулоҳи Рӯдаки;
ғ) Абдулкосими Фирдавсӣ.

45. Оё як ҳарф ба сатри дигар кӯчонда мешавад?
   а) мешавад;
   б) намешавад;
   в) дар баъзе мавридҳо мумкин аст;
   г) вобаста ба талаботи калима ва матн;
   ғ) мумкин нест.

46. Аз бандҳои дар поён овардашуда феълҳои таркибиро муайян кунед:
   а) омада нишаст, гуфта рафт, хӯрду мурд;
   б) бахест, барошуфт, барҷаст;
   в) гуфт, нишаст, овехт;
   г) хондем, нишастем, барангехт;
   ғ) шунидӣ, бархостӣ, рафтӣ.

47. Навишти кадом калима беғалат аст?
   а) молияви;
   б) иқтисоди;
   в) соҳибкорӣ;
   г) шиновари;
   ғ) ғавосӣ.

48. Исмҳои дар поён ишорагашта кадомаш навишти дуруст дорад?
   а) кудакистон, хиштрезӣ;
   б) панҷсолагӣ, сангчин;
   в) иқтисодонӣ, иқтисодчи;
   г) рӯйнавис, офтоб параст;
   ғ) суратгир, толеъсанҷ.

49. Кадоме аз ин калимаҳо ташдидталаб аст?
   а) ҳалоҷӣ;
   б) ҷасур;
   в) чолок;
   г) қалоб;

г) ҳалол.

50. Дар кадом гурӯҳи калимаҳо имло нодуруст аст?

а) синф, хонанда, мактаб, коргар;
б) афтобус, азбар кардан, ақиб, азёд кардан;
в) гов, хар, асп, мошин;
г) мор, ғор, дарсхона, аспсавор;
ғ) котиб, мудохила, ҷуворимакка.

51. Кадоме аз калимаҳои зерин ду тарзи навмшт доранд:

а) давлат;
б) хайрхоҳ;
б) лой;
в) нигоҳ;
г) замон.

52. Исмҳои дар поён ишораёфта дар кадом банд ғалатанд?

а) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
б)Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
в)Лоиқ Шералӣ, Бозор собир;
г) Абӯалӣ Ибни Сино, Эъломияи Ҳуқуқи Башар;
ғ) Арбобкамоловҳо, Баҳроми Гӯр.

53. Дар кадом банд навишти шумораҳо дуруст аст?

а) сеум, чаҳорум;
б) дувум, чоряк;
в) си, саввум;
г) ҳашсад, сиву нуҳ;
ғ) 2 то, 3 нафар.

54. Дар кадом банд садоноки у дуруст навишта шудааст?

а) рӯй, рӯймол, рӯшноӣ, дӯруд;
б) кӯҳсор, ҷосӯс, мӯътабар, Хӯсрав;
в) рӯзгор, омӯзиш, лойолуд, мӯмтоз;

г) дурӯғ, кӯдак, кӯҳ, гурӯҳ;
ғ) дӯст, шӯъла, мӯр, дурӯғгӯ.

55. Калимаҳои мустақили **во** ва **боз** чӣ тавр навишта мешаванд?

а) дар қавс;
б) дар нохунак;
в) бо вергул;
г) бо нимтире;
ғ) ҷудо.

56. Қонуни забони тоҷикӣ бори аввал кадом сол қабул шуд?

а) соли 1989;
б) соли 1992;
в) соли 1997;
г) соли 2005;
ғ) соли 2002.

57. Кадоме аз ин калимаҳо ба ҳиҷоҳо дуруст тақсим карда шудааст?

а) ми-ё-на-за-мин;
б) миё-на-за-мин;
в) миёна-замин;
г) миёна-за-мин;
ғ) ми-ёна за- мин.

58. Пешвандҳои **во-, боз-, ма-, фар-** бо кадом ҳиссаи нутқ меоянд?

а) бо исм;
б) бо сифат;
в) бо зарф;
г) бо феъл;
ғ) ҷонишин.

59. Навишти феълҳои ҳол дар кадом гурӯҳ дуруст аст?
а) суҳбат кунон;
б) суруд хонон;
в) пичир – пичир кунон;
г) хандакунон;
ғ) нигоҳ кунон.

60. Кадоме аз калимаҳои зирин дуруст навишта шудаанд?
а) чӯб даст;
б) хурокхӯри;
в) ду воздаҳ;
г) хатот;
ғ) жола.

61. Кадоме аз калимаҳои зерин ташдид мегирад?
а) тасодуфан;
б) асос;
в) Сафориён;
г) Ғазнавиён;
ғ) камол

62. Навишти кадом калима дуруст аст?
а) азбаскӣ;
б) албата;
в) ҳато;
г) рӯзӣ;
ғ) пирӯзи.

63. Дуруст навиштани нумеративи -то-ро бо шумораҳои миқдорӣ муайян намоед:
а) ду то;
б) 7 то;
в) дуто;
г) панҷ-то;
ғ) 100 то.

64. Навишти кадоме аз ин пайвандакҳо дуруст аст?

а) ё ин кӣ;
б) вагар на;
в) аз баски;
г) то инки;
ғ) ҳол он ки .

65. Дар навишти кадоме аз ин зарфҳо нимтире истифода мешавад?

а) дуродур;
б) сарозер;
в) дам ба дам;
г) 10 тоннагӣ;
ғ) мӯрумалахвор.

66. Навишти кадом калима дуруст аст?

а) таъом;
б) маъош;
в) раъият;
г) суъол;
ғ) таъин.

67. Тақсими калима ба ҳиҷо дар асоси кадом овозҳо сурат мегирад?

а) ҳамсадоҳо;
б) ҳамсадову садонокҳо;
в) йотбарсарҳо;
г) садонокҳо;
ғ) ҳамаи овозҳо.

68. Дар мисраъҳои зерин навишти кадом калима нодуруст аст?

Сикандар бад-ӯ гуфт: аз ин сабз ҷон,
Чӣ гирӣ ба даст ин ду-се устухон.

а) Сикандар;
б) бад-ӯ;

в) Чӣ;
г) гири;
ғ) устухон.

69. Навишти кадом калима дуруст аст?

а) қаст;
б) кабуди;
в) муҳақиқ;
г) обуҳаво;
ғ)гуфтугузор.

70. Кадом калима ҳангоми иборасозӣ ташдиди худро барқарор месозад?

а) мағлуб;
б) муҷаррад;
в) наққош;
г) нек;
ғ) зид.

71. Бандаки хабарии **аст** бо кадоме аз калимаҳои ишораи поён якҷоя навишта мешавад?

а) мактаббача;
б) рафтанӣ;
в) даргирифта;
г) меҳмон;
ғ) фаромӯшнашаванда.

72. Садоноки Ӯ дар кадом калима дуруст гузошта шудааст?

а) гӯштфуруш;
б) булбӯл;
в) хӯрокхурӣ;
г) гуфтугӯзор;
а) рӯбучин.

73. Дар кадом банд ҳиҷо дуруст тақсим карда шудааст?

а) шаҳ-ри ё-рон;
б) шаҳр-и-ёр-он;
в) шаҳри –ёр-он;
г) шаҳ-ри-йо-рон;
ғ) шаҳ-ри-ёрон.

74. Аз назари навишт кадом калима дуруст аст?

а) қади рассо;
б) зиддӣ душман;
в) хати хоно ;
г) дури ноёб;
ғ) ҳадди ақал.

75. Хатти кириллӣ дар забони тоҷикӣ кадом сол ҷорӣ шуд?

а) соли 1928;
б) соли1940;
в) соли 1930;
г) соли 1925;
ғ) соли 1927.

76. Дар мавриди тариқи адад ифода кардани шумораҳои тартибӣ пасвандро аз адад бо кадом аломат ҷудо мекунанд?

а) тире;
б) нуқта;
в) дефис;
г) вергул;
ғ) баён.

77. Калимаҳои ташдиддорро муайян кунед:

а) сода, таркибӣ, сохта;
б) мувафақ; қува, тасоруф;
в) одӣ, ҷиноят, ҷофокор;
г) ғуломӣ, дарунӣ, ҷудоӣ;
ғ) саодат, саховат, шуҷоат.

78. Алифбои имрӯзаи тоҷик аз чанд ҳарф иборат аст?
а) аз 36 ҳарф;
б) аз 46 ҳарф;
в) аз 25 ҳарф;
г) аз 32 ҳарф;
ғ) аз 35 ҳарф.

79. Зарфҳо дар кадом сутун дуруст навишта шудаанд?

а) рӯзи дигар, ҳафтшаба, ду рӯза;
б) дамо дам, се касса, як паҳлу;
в) бе маҳал, рӯз дар миён, шабошаб;
г) рӯз то рӯз, ҳафта ба ҳафта;
ғ) панҷдонагӣ, шаб то шаб, рӯзторӯз.

80. Имло чист?
а) навишти вожа ва истилоҳот;
б) аз ёд кардани қоидаҳо;
в) дуруст навиштани исмҳои хос;
г) аз бар кардани қоидаҳои навишти дуруст;
ғ) баёни андеша дар шакли хаттӣ.

81.Дар кадом банд ибора дуруст омадааст?
а) мунниқиди ҷавон;
б) муҷизаи имсола;
в) мавзуъи имрӯза;
г) муассисаи давлатӣ;
ғ) маълумотӣ миёна.

82. Аз бандҳои зерин рӯз, моҳ ва соли Қонуни охирин қабулкардаро дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кунед:

а) 25 июни соли 2000;
б) 22 июли соли 1989;
в) 5 октябри соли 2009;
г) 5 ноябри соли 2009;
ғ) 1 сентябри соли 2009.

83. Навишти кадом калима дуруст аст?
а) ҳам насаб;
б) субсурх;
в) кабут;
г) таъинот;
ғ) ғамхори.

84. Аз бандҳои зерин калимаҳои мураккабро муайян кунед:
а) сафорат, Сафиуллоҳ, саропарда;
б) мутакаббир, мушкилот, иқтисодчӣ;
в) иқтисоддон, соҳибкор, хушқадуқомат;
г) сармуҳосиб, ҳисобгар, сураткаш;
ғ) фурӯшанда, раванда, шунаванда.

85. Кадом калима аз як сатр ба сатри дигар ғалат кӯчонда шудааст?
а) боғ-бон;
б) оро-мӣ;
в) та-ъмир;
г) таш –дид;
ғ) хуш-хи-ром.

86. Навишти кадом калима дуруст аст?
а) Конститутсия;
б) Авғонистон;
в) абеварди;
г) Нюёрк;
ғ) парвардигор.

87.Забони авастой дар замони давлатдории Ҳахоманишиён чӣ гуна забон ба шумор мерафт?

а) забони дину шариат;
б)забони муоширатт;
в) забони қавмҳои гуногун;
г) забони давлатӣ;
ғ) забони савдову тиҷорат.

88. Имлои исмҳои хос дар кадом банд дуруст аст?

а) Худо, яздон, Офаридгор, парвардигор;
б) худо, офаридгор, парвардигор, яздон;
в) Худо, Офаридгор, Парвардигор, Яздон;
г) Парвардигор, офаридгор, худо, яздон;
ғ) Яздон, Парвардигор, офаридгор, худо.

89. Дар кадом банд калимаҳои соҳаи иқтисод омадаанд?

а) некбахт, саодатманд;
б) умрбод, собиқадор;
в) таваррум, кафолат;
г) амонат, зирак;
ғ) инобат, машварат.

90. Имлои дурусти исмҳоро ёбед:

а) Баҳроми Гӯр;
б) Баҳроми Гур;
в) Баҳроми гӯр;
г) Баҳроми гур;
ғ) ҳар чаҳор шаклро истифода бурдан қобили қабул аст.

91. Дар кадом банд ҷонишинҳо нодуруст омадаанд?

а) ки, чи, чи тавр, чих ел;
б) ин хел, он хел, якдигар;
в) ким-кӣ, ким-чӣ;

г) кадомин, инчунин;
ғ) ҳамчунин, ҳамчунон.

92. Дар калимаи «фарзандаш» ҳиссаи –**аш чӣ** ном дорад?
а) бандак;
б) зарф;
в) бандакҷонишин;
г) ҷонишин;
ғ) исм.

93. Аз мисолҳои зерин феълҳои таркибиро муайян созед:
а) шунидам, гуфтам, бурдам;
б) баромад, бархост, барангехт;
в) дида рафт, омада гуфт, барошуфт;
г) аз ҳад гузашт, хоб карда буд, гап мезад;
ғ) гуфта гузашт, нишаста буд,фуромад.

94. Бандакҷонишинҳои –**ам, -ат, -аш, -амон, -атон, -ашон** бештар ба кадом ҳиссаи нутқ васл мешаванд?
а) феъл, зарф;
б) сифат, шумора;
в) исм;
г) ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ;
ғ) ҳиссаҳои мустақили нутқ.

95.Далели мавҷудияти забону тафаккур чист?
а) фарҳанг;
б) хат;
в) нутқ;
г) китоб;
ғ) забон.

96.Таркибҳои устувори **кушоду равшан, дидаву дониста, гаштаву баргашта** кадом ҳиссаи нутқанд?

а) сифат;
б) исм;
в) зарф;
г) феъл;
ғ) ҷонишин.

97. Муродиф чист?
а) калимаҳои зидмаъно;
б) калимаҳои ҳаммаъно;
в) калимаҳои маънодор;
г)калимаҳои бемаъно;
ғ) калимаҳои бунёдӣ.

98. Сабаби аз алифбои забони тоҷикӣ бардошта шудани ҳарфҳои Ц,Щ,Ы,Ь-ро фаҳмонед:
а) зиёд будани шумораи ҳарфҳо;
б) набудани ин овозҳо дар забони тоҷикӣ;
в) навиштро халалдор кардан;
г) набудани русзабонҳо;
ғ) ҷудо шудани давлатҳо.

99. Мисраъҳои ишораи поён мутааллиқ ба парвози хаёли кадом шоиранд?

Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо,
Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо.

а) Рӯдакӣ;
б) Фирдавсӣ;
в) Турсунзода;
г) Лоҳутӣ;
ғ) Лоиқ Шералӣ.

100. Навишти калимаҳо дар кадом қатор дуруст аст?
а) шамбе, амбор, анбур, занбӯр;
б) шанбе, анбур, амбор, замбӯр;
в) анбур, шамбе, замбӯр, анбор;

г) анбур, шанбе, анбор, занбӯр;
ғ) анбур, амбор, шанбе, замбӯр.

# ЛУҒАТИ КОРГУЗОРӢ
## (Русӣ ба тоҷикӣ)

### А

Аванс – пешпардохт, пешмузд
Авансовый – пешпардохт
Автостанция – истгоҳи автомобилӣ
Агент – намоянда, маъмур
Агитатор – ташвиқгар
Агитация – ташвиқот
Административный – маъмурӣ, идорӣ
Администратор – маъмур, мутасаддӣ
Администрация – маъмурият, идора, мақомоти иҷроия
Акт – таъйиднома
Актив – фаъолон
Активист – фаъол
Алименты – нафақаи фарзанд
Анкета – пурсишнома
Анонимика – мактуби беимзо
Аннотация – хулоса, шарҳи мухтасар
Аннулировать – бекор кардан, лағв сохтан
Аппарат – дастгоҳ (маъмурият)
Арбитраж – ҳакамият
Архив – бойгонӣ
главный архив – бойгонии марказӣ
государственный архив – бойгонии давлатӣ
сдать в архив – бойгонӣ кардан, ба бойгонӣ супоридан
текущий архив – бойгонии ҷорӣ, бойгонии муваққатӣ
архивные бумаги – коғазҳои бойгонишуда
Аренда – иҷора, кироя
Арендный – иҷоравӣ, кироявӣ
Аттестация – санҷиш, муаррифӣ
Аукцион – музояда, фурӯши «кӣ зиёд»

Аудит – санҷиш, таҳлили молиявӣ, аудит

## Б

Баланс – мувозина, тароз, тарознома

Отчётный баланс - тарозномаи ҳисоботӣ

Бесплатно – бепул, ройгон

Бланк – барг, варақа

Бронирование – маҳфузият, маҳфузгардонӣ

Брошюра – ҷузва, дафтарча

Бумага – коғаз

барxатная бумага-коғази махмалӣ

белая бумага-коғази сафед

ватманская бумага-ватманкоғаз

гербовая бумага-коғази нишондор

калковая бумага-коғази шаффоф

капировальная бумага-коғази нусхабардорӣ

курительная бумага-коғази сигор

миллиметровая бумага-коғази миллиметрӣ

оберточная бумага – коғази бастабандӣ

писчая бумага – коғази навишт

промокательная бумага-коғази обчинак

рисовальная бумага – коғази рассомӣ

типографная бумага-коғази нашриётӣ

тонкая бумага-коғази нафис

Бухгалтер - ҳисобдор

главный бухгалтер-сарҳисобдор

старший бухгалтер-ҳисобдори калон

бухгалтер-инструктор – ҳисобдори мушовир (мураббӣ)

Бухгалтерия - ҳисобдорӣ

централизованная бухгалтерия-ҳисобдории мутамарказонидашуда

центральная бухгалтерия – ҳисобдории марказӣ

Бюллетень – иттилоия, барг, варақа

Бюро – дафтар
Брокер – даллол, брокер, агент
Бонус – подоши изофӣ, коғази пулҳои бекор
Банк – бонк
Банка – зарф, қуттӣ
Банкир – бонкдор
Банковский кредит – қарзи бонкӣ
Банкрот – муфлис,варшикаст
Бартер – ивази мол, додугирифт, ивази мол бо мол
Бедность – камбағалӣ, бенавоӣ, бечорагӣ, фақирӣ, камбизоатӣ
Бедный – бебизоат, бечораҳол , тангдаст
Безвластие – беҳокимиятӣ
Безвозмездно – муфт, ройгон, бепул
Бездоходный – бедаромад, бефоида
Бесприбыльный – бефоида
Бланка – сарбарг
Брак – нуқсон, иллат
Брутто – вазни ғайрихолис
Буфет – чевон, чойи фурӯши ғизои саридастӣ

## В

Ваза – гулҷом, гулдон
Ведомость – варақаи варақа, варақаи маошгирӣ
Вексель – васиқа, барот
Вес – тарозу
Вещ – чиз, ашё, чизу чора
Взнос – ҳаққи узвият, ҳисса, ҳақгузорӣ
Взятка – ришва, пора
Вклад – пасандоз, амонат
Вкладчик – амонатгузор
Вложение капитала – сармоягузорӣ
Внебюджетный – ғайрибуҷавӣ
Восстановление – барқароршавӣ
Выверка – санҷиш, муқоиса

Выкуп – харида гирифтан, харид, пасхарид
Выручка – даромад, дахл
Выручка от реализации – пули фурӯши мол
Высококвалифицированный – баландихтисос, корозмуда
Высокооплачиваемый – зиёдмузд, дорои дастмузди зиёд
Высокорентабельный – серфоида, фоиданокиаш баланд
Высокоэффективный – пурсамар

Г

Габарит – андоза, ҳаҷм
Галантерея – чарчинворӣ
Гарант – кафил, зомин
Гибрид – пайванд, дурага
Гигант – бузург, азим, калон
Главсбыт – идораи кули фурӯш
Главснаб – идораи кули таъминот
Госбюджет – буҷети давлатӣ
Гриф – муҳр

Д

Данные – рақамҳо, омор, мушаххасот
Достоверные данние – рақамҳои аниқшуда
Дело - парванда
Деловой – корӣ, кордон
Делопроизводство – коргузор, дафтардор
Деньги – пул
авансированные деньги-пули пешпардохт
бумажные деньги-пули коғазӣ
государственные деньги-пули давлатӣ
золотые деньги-пули тилло
иностранные деньги-пули хориҷӣ
поддельные деньги-пули қалбакӣ
Дефицит – каср, камёфт, камбуд
Директор – раис, сардор, директор
Дирекция – роҳбарият

Дисциплина – интизом
Добавка – изофа, илова
Доверенность – ваколатнома, боварнома
Документ – санад, ҳуҷҷат
Долг – қарз
Доплата – пули иловагӣ, изофапардохт
Досрочный – пеш аз мӯҳлат
Доставка - расондан
Дубликат – нусха

## Е

Единица – воҳид
Ежемесячный – ҳармоҳа

## Ж

Жалоба – шикоят, шикоятнома
Журнал – маҷалла, моҳнома, дафтар, китоб
бухгалтерский журнал-дафтари ҳисобдорӣ
кассовый журнал-дафтари хазина
операционный журнал-дафтари амалиёт
учётный журнал-дафтари ҳисоб, китоби ҳисоб

## З

Заверитель – тасдиққунанда
Заверять – тасдиқ кардан
Завещание – васиятнома
Заказ – фармоиш, супориш
Заказчик – фармоишгар
Заключение – хулоса, натиҷа
Залог – гарав, замонат
Заложник – гаравгон
Заместитель – муовин, ноиб
Заработок – моҳона, даромад, музд
Зарплата – моҳона, музди кор, маош
Заявитель – аризадиҳанда

Заявка – дархост
Заявление – изҳорот, ариза

И

Извещение – огоҳнома, хабарнома
Импорт -- воридот
Импортёр – воридкунанда
Инвентаризация -- ҳисобрасӣ, ҳисобрасии ҷиҳоз
Инструктор – дастурдиҳанда, усто
Информация – хабар, маълумот
Исполнитель – иҷрокунанда, иҷрогар

К

Казна – хазина, пул, сарват
Казначей – хазинадор
Казначейство – хазинахона
Капитал – сармоя
Капиталист – сармоядор
Касса – хазина, сандуқ
Квартальный – семоҳа, чорякӣ
Квитанция – расид, хатти расид

Л

Лента – навор, тасма
Лига – иттиҳодия, ҷомеа
Лист – варақ, барг, ҷузъ
Логистика – логистика
Ломбард – гаравхона
Льгота – имтиёз

М

Маклер – даллол
Максимум – ҳадди аксар, ниҳоят
Малодоходный – камдаромад
Малопродуктивный – камбаҳра, камҳосил
Малосемейный - камавлод, хурдоила

Мероприятие – чорабинӣ, тадбир
Микрозапис – сабти хурд
Минимум – ҳадди ақал
Многосторонный – бисёрҷониба, чандҷрниба
Мошенничество – қаллобӣ, ҳуққабозӣ
Мошенник - қаллоб

Н

Набор – ҷалб, ҳуруфчинӣ, маҷмӯа, пазириш
Наборщик – ҳуруфчин
Награда – ҷоиза, мукофот
Надбавка – изофамаош, изофадастмузд
Надзор – назорат
Назначение – таъйин, дастур
Наименование – номгӯй, феҳраст
Наказание – ҷазо, кайфар
Накладная – борнома
Недоплата – кампардохт
Незаконный – ғайриқонунӣ
Номенклатура – феҳраст, номгӯй
Номер – шумора, рақам
Норма – норма, низом, меъёр
абсолютная норма-мизони мутлақ
годовая норма-андозаи солона
единая норма-мизони ягона
Норматив – меъёр, маҳак
Нужда – тангдастӣ, фикр, ниёз
Нумерация – шуморагузорӣ, рақамгузорӣ

О

Обеспечение – таъмин, тазмин
Область – вилоят, соҳа, ришта
Обосновать – исбот кардан, асос овардан
Обобщение – ҷамъбандӣ, натиҷагирӣ
Оборудование – таҷҳизот, лавозимот

Обследование – таҳқиқ, муоина
Обстановка – вазъ, фазо
Объединение – созмон, иттиҳодия, ҷамъият
Объем – ҳаҷм
Объяснение – тавзеҳ, тафсир
Общество – ҷамъият, ҷомеа
Оклад – дастмузд, маош, моҳона
Опекун – сарпараст
Операция – амал, амалиёт, муомилот, амалкард
банковские операции-муомилоти бонкӣ
рабочая операция-амалиёти корӣ
Оппонент – мухолиф, муқарриз
Организация – ташкилот, тартиб, созмондиҳӣ
Ордер – санад, ордер
Оригинал – асл
Ориентация – самтёбӣ, ҷиҳатёбӣ
Отгул – рухсатӣ
Отдел – шуъба, идора, бахш
Отказ – рад кардан, худдорӣ кардан
Отсталость – ақибмондагӣ, ақибафтодагӣ
Отходы – пасмондаҳо
Отчёт – ҳисобот
авансовый отчёт - ҳисоботи пешпардохт
годовой отчёт - ҳисоботи солона
ежемесячный отчёт – ҳисоботи ҳармоҳа
Оформление – танзим, шаклгирӣ
Ошибка – иштибоҳ, хато, ғалат, саҳв

## П

Пайщик – саҳмдор
Паразит – муфтхӯр
Патриотизм – ватандӯстӣ, меҳанпарастӣ
Переименование – тағйири ном
Перерасход – масрафи зиёд
Перерасчёт – таҷдиди ҳисоб

Перестановка – ҷобаҷосозӣ, ҷобаҷо кардан, ҷобаҷогузорӣ
Перечисление – баршуморӣ, интиқол
План – барнома, нақша, план
Планирование – нақшакашӣ, барномарезӣ, тарҳрезӣ
Платёж – пардохт, пул, маблағ
Плательщик – пардохткунанда
Пломба – муҳри сурбӣ, пломба
Пломбировать – муҳру мум кардан
Подкуп – ришва
Подлинник – асл
Подчинение – тобеият
Позиция – мавқеъ, мавзеъ, мавзеъгирӣ
Покупка – харид, харидорӣ
Покушение – суиқасд
Полноправый – комилҳуқуқ
Полугодие – нимсола, шашмоҳа
Получатель – гиранда, дарёфткунанда
Получка – маош, моҳона
Помесячный – ҳармоҳа
Помощник – ёвар, дастёр
Помощ – кӯмак, ёрӣ
Поощрение – подош, кадрдонӣ
Пополнение - такмил
Поправка – ислоҳ, ислоҳия, пешниҳоди ислоҳӣ
Посланец – фиристода, пайк
Послание – паём, пайғом
Пособник – дастёр
Поставщик – таъмингар
Правительство – давлат, ҳукумат
Прачечная – шустагарӣ,ҷомашӯӣ
Предприниматель – корфармо
Прейскурант – нархнома
Премия – ҷоиза, подош
Пресса - матбуот

Приватизация – хусусигардонӣ, ғайридавлатикунонӣ
Провакация – дасиса, фитна
Провакатор – дасисаҷӯй, фитнаҷӯй, иғвогар
Прогресс – пешрафт, тараққӣ
Продажа – фурӯш, савдо
Проигрыш – бохт, шикаст
Промтовары – молҳои саноатӣ
Протест – эътироз
Процесс – раванд, ҷараён

## Р

Самопознание – худшиносӣ
Самосознание – худогоҳӣ
Самоуправление – худидорӣ, худмухторӣ
Санкция – раводид, иҷозатнома
Сбыт – фурӯш
Сверхдержава – абарқудрат
Сверхплановый – берун аз нақша, барзиёд
Сводка – гузориш, сурат
Сепаратизм – ҷудоихоҳӣ, таҷзияталабӣ
Сертификат – тасдиқнома, коғази қурбдор, сетификат
Символ – рамз
Система – тартиб, назм, низом
Склад – анбор
    главный склад-анбори марказӣ
    угольный склад-анбори ангишт
Сноска – ҳошиянавис, зернавишт
Согласоват – ҳамоҳанг кардан, мутобиқ кардан
Содействие – мусоидат, ҳамкорӣ
Сообщение – гузориш, хабар
Способность – қобилият, тавоноӣ, қудрат
Справочное бюро – маълумотхона, умури маълумотдиҳӣ
Спрос – талабот, тақозо
Статистика – омор
Сыщик – корогоҳ, маъмури корогоҳӣ, ниҳонҷӯй

## Т

Табель – феҳраст
Таблица – ҷадвал
Тайна – роз, сирр
Талант – истеъдод
Талон – барг
Товаровед – молшинос
Товароведение – молшиносӣ
Товарооборот – гардиши мол
Традиционализм – суннатгарой, анъанагарой
Традиция – анъана, суннат
Транспортёр – баранда
Требование – хост, дархост
Тюрьма – зиндон

## У

Убеждение – эътиқод, итминон, ақида
Убыток – зарар, зиён, ҳисорот
Убыточность – зиёноварӣ, зарардиҳӣ
Убыточный – зиёновар
Угроза – таҳдид
Удержание – нигоҳдорӣ, каср
Удорожание – қимат шудан
Указание – дастур
Уклонение – сарпечӣ, инҳироф, гарданпечӣ
Усиление – шиддат, ташдид
Уступка – гузашт , имтиёз
Уточнение – тасҳеҳ, аниқ кардан
Утрата – талаф, талафот
Утечка – бурунрафт, таровиш, резиш, хуруҷ
Учёт – ҳисобдорӣ, ҳисобрасӣ, оморгирӣ
Учредитель – муассис
Ущерб – ҳисорот, зиён
материальный ущерб - ҳисороти моддӣ
нанести ущерб - ҳисорот (зиён) овардан

## Ф

Факт – ҳақиқат, воқеият, далел, факт
Факултативный – ихтиёрӣ
Фиктивный – сохта, сохтакорӣ
Финанс – молия
Финансирование – тамвил, маблағгузорӣ
Финансист – корманди молия, сармоядор
Фирма – ширкат
Фонд – сармоя, маблағ, сандуқ, хазина, андӯхта
валютный фонд-арз, андӯхтаи арзӣ
премиальный фонд-маблағи ҷоиза
уставной фонд-сармояи аввалия
Формализм – зоҳирпарастӣ, зоҳирписандӣ
Формалист – зоҳирпараст
Функция – амал, нақш, кор, вазифа
Футляр – ҷилд, ғилоф

## Х

Халатность – саҳлангорӣ
Хищение – дуздӣ
Хозрасчёт – худкифоӣ, худбасандагӣ
Хояйство – иқтисод, хоҷагӣ
Хранение – нигоҳдорӣ, ҳифз
Хранилище – маҳзан, анбор
Хранитель – анбордор

## Ц

Целевой – ихтисосӣ, вижа
Цель – ҳадаф, мақсад
Целенаправленность – мақсаддор, мақсаднок будан
Цена – қимат, нарх, баҳо
Ценообразование - нархгузорӣ

Церемония – маросим, ташрифот
Цех – коргоҳ
Цивилизация – тамаддун, маданият
Цифра – рақам, адад

## Ч

Частично – қисман, як миқдор, як андоза
Чертёж – нақша, тарҳ
Численность – теъдод, шумор
Чиновник – мансабдор, маъмур

## Ш

Шаблон – қолаб
Шаблонный – қолабӣ
Шанс – фурсат
Шёлк – абрешим, ҳарир
Шифр – рамз
Штаб – ситод
Штраф – ҷарима

## Э

Эвакуация – тахлия, берун бурдан, интиқол
Эгоизм – худхоҳӣ, худпарастӣ
Эгоист – худхоҳ, худпараст
Эгоистичность – худхоҳӣ, худпарастӣ
Экономист – иқтисоддон
Экономия – сарфаҷӯӣ, сарфакорӣ
Экспедитор – ирсолгар
Эксперимент – озмоиш, таҷриба
Эксперт – коршинос
Экспертиза – муоина, тадқиқот
Эксплуатация – истисмор, баҳрабардорӣ

## Ю

Ювелир – ҷавоҳирсоз, ҷавоҳирфурӯш, заргар
Юрисконсульт – мушовири ҳуқуқӣ
Юрист – ҳуқуқдон

## Я

Явка – ҳузур, ҳозир шудан
явка на работу-ба кор ҳозир шудан
Явная ошибка – хатои ошкоро, ғалати ошкоро
Ярмарка – бозор, фурӯшгоҳ
Ящик – сандуқ, ҷаъба
денежный ящик-сандуқи пул
Я вам должен – ман аз шумо қарздор
Ясный – равшан, соф, ошкор
Ясная перспектива - чашмандози равшан

## ВОЖАНОМА

Абадуддаҳр – ҳамеша, то будани ҳаёт, ҳеҷ, ҳаргиз
Адоват – душман, бадхоҳӣ
Амвол – ҷамъи мол
Анбоз – шарик, рафиқ, ҳамто
Анбон – кисаи чармин
Ангубин – шаҳд, асал
Ар – агар
Арҷ – арзиш, баҳо, қадр, қимат
Ато – он чизе ки бахшида шавад
Ашхос – ҷамъи шахс
Афгор – озурда, хаста
Ахтар – ситора, бахт, толеъ
Аъробӣ – араби бодиянишин
Аға̄р – бегонагон, рақибон
Аҳриман – раҳнамои бадиҳо
Бадгавҳар – бадзот, бадасл
Бадкеш – кофир, бераҳм, бадкирдор
Бодия – дашти беобу алаф
Ботил, дурӯғ, ноҳақ, бефоида, бемаъниӣ
Бурдбор – босабр, ботаҳаммул
Буғз – душманӣ, хусумат
Варта – замин, маҳалли бероҳ, ҷойи хатарнок
Вижа – содиқ, рост, пок
Виқор – тамкин, суббот
Воиз – панддиҳанда
Воло – сарфароз дар мартабаю дараҷа ва ақлу фаросат, тавоно, бошукӯҳ
Вом – қарз, ория
Воҷиб – лозим, ногузир, ҳатмӣ, сазовор, муносиб
Вуҳуш – ҷонварони даштӣ, ваҳшӣ
Габр – оташпараст
Газанд – зиён, осеб
Газоф – бефоида
Гардун – чарх, осмон, фалак, рӯзгор

Гетӣ – дунё, ҷаҳон
Гурд – зӯр, мубориз, диловар, далер, баҳодур, паҳлавон
Дабирӣ – нависандагӣ
Даранг – оҳиста, суст, сустӣ
Дақоиқ – дақиқаҳо
Дурр – марворид
Дурри соро – марвориди соф
Дурудан – дарав кардан, даравидан
Душхор – душвор
Дуккон – дӯкон, ҳуҷра
Жарф – амиқ, чуқур,
Жиён – муҳиб, ҳавлнок, хашмнок, дарранда
Забар – боло, баланд
Замир – андеша, хотир, дақиқ
Зариф – зебо, накӯ, латиф, хуб
Зафт – дилгир, дурушт
Зиё – рӯшноӣ, равшанӣ, нур
Зулмат – торикӣ, сиёҳӣ
Зӯҳро – номи сайёра, ситора
Идда – шумор, шумора; ҷамъият
Икром – ҳурмат, иззат, эҳтиром
Ирфон – маърифат
Ифрот – бисёр, аз андоза берун
Каманд – таноб, ресмон
Карим – ҷавонмард, бомурувват, меҳрубон, некандеш
Карон – тараф, канор
Кибр – такаббур, худбинӣ, ғурур
Козиб – дурӯғгӯй
Ком – орзу, хоҳиш, мурод
Комил – дуруст, тамом, саҳеҳ
Лоҷарам – бешубҳа
Лутф – нармӣ, таваҷҷуҳ, меҳрубонӣ, шафқат
Мазраъ – киштзор
Маллоҳ – киштибон
Малоҳат – зебоӣ, дилрабо, латофат

Малул – озурда, дилгир, ғамгин
Маонӣ – маъниҳо
Масдар – асл, бунёд, сарчашма, манбаъ
Маскан – ҷойи истиқомат, хона
Масолеҳ – материал(мавод), мавод барои…
Масрур - шодмон, хушҳол, хуррам
Мафтун – маҷнун, девона, ошиқ, мағрур
Махмур – майзада, мадҳуш
Маъруф – машҳур
Махак – санге, ки бо он зару симро озмоиш мекунанд
Маҳҷур – ҷудомонда, тарккарда, бенасиб
Маҷол – зӯр, қувват, тавоноӣ, ҳунар, қобилият
Меъмор – биносоз
Моя – асл, реша, бунёд, асос, ҷавҳар; мол, сарват, давлат
Мунир – равшан, тобон, дурахшон
Мурувват – далерӣ, мардӣ
Мусаввир – наққош, пайкарсоз
Мустағнӣ – молдор, тавонгар, бениёз
Муфид – фоиданок
Муфлис – тангдаст, бенаво, фурӯмоя
Муштоқ – орзӯманд, талабгор
Наҷиб – сазовор, оъло, асл
Неру – қувват, тавоноӣ, имкон
Нигор – нақш, тасвир
Ниёз – ҳоҷат, эҳтиёҷ, бенавоӣ, тангдастӣ
Ноб – соф, пок
Носипос – ношукр, кӯрнамак
Озар – оташ
Озмун, имтиҳон, далел, бурҳон
Оин – расм, одоб, одат, тартиб
Пайкон – нӯгтез, найза
Парварда – тарбиятгирифта
Пардохтан – фориғ гаштан
Подош – мукофот, тӯҳфа
Расан – ресмон, таноб

Растан – наҷот ёфтан, озод шудан
Рашт – бисёр хушк ва мешикастагӣ, афтидани хоку гаҷи девор
Рев – фиреб, макр
Ринд – марди зирак, ҳушёр, бебок; бодапараст, авбошу шаҳватпараст
Ройгон – муфт, чизи бе меҳнат ба даст омадагӣ
Ромиш – роҳат, осудагӣ, фароғат, айш, хушӣ
Салим, беайб, солим
Сарҳанг – сардор, пешрав, лашкар, паҳлавон
Сафо – покӣ, равнақ, хушӣ
Саққо – обкаш, обфурӯш
Сипеҳр – осмон, ҷаҳон, дунё, рӯзгор, замон, офтоб
Сиришк – қатра, ашк
Ситоиш – мадҳ, таҳсин, сано, ташаккур
Собир – сабркунанда, бурдбор
Тааммул – андеша, фикр, шубҳа
Тадбир – андеша
Такаббур – ғурур, худбинӣ, густохӣ
Тараб – шодмонӣ, шодӣ, сурур, нишот
Тараҳҳум – раҳм, шафқат
Таррор – айёр, кисабур
Тақозо – талаб, сахтгирӣ
Таҳқиқ – ҳақиқат, тафтиш
Толиб – талабкунанда, ҷӯянда, хоҳанда
Тӯша - тӯша, қути лоямут
Ушшоқ – ошиқон
Уюб – айбҳо, бадиҳо, гуноҳҳо
Уқало – оқилон, хирадмандон, ҳушёрон
Фарзона – ҳаким, донишманд, доно, олим, оқил
Фаррух – зебоии рӯй, ҳуҷаста, хушбахт
Фирдавс – боғ, бӯстон, биҳишт
Фозил – марди доно, соҳиби илму фазлу ҳунар, донишманд
Хирад – фаҳм, ақл, дониш

Хома – қалами най
Худованд – соиб, устод, хоча
Хур – хуршед
Чарбӣ – мулоиматӣ, нармӣ, садоқат
Чашмаи ҳайвон – оби ҳаёт, оби зиндагонӣ
Чаплус – фурӯшанда, фиребдиҳанда, хушомадгӯй
Шарар – оташ
Шараф – бузургӣ, бузургворӣ
Шариф – марди бузургвор, бузургқадр
Шафқат, меҳрубонӣ, тараҳҳум, нармдилӣ
Шиква – шикоят, гила
Шикеб – сабр, таҳаммул
Шоиста - сазовор будан, лоиқ, муносиб будан
Эмин – дар амон, солим, бехатар
Эҷ – ҳеҷ
Эътироф – иқрор
Яғмо - тороҷ, ғорат
Ғарра – мағрур, худбин
Ғасб – ситам, зулм, ноҳақӣ
Ғофил – бехабар, бетадбир, нодон, коҳил
Қодир – тавоно, забардаст, лоиқ
Қудрат – қувват, тавоноӣ, иқтидор, тавоноӣ, далерӣ
Ҳажир – зебо, хуб, нек
Ҳасан – хуб, неку, соҳибҷамол
Ҳақир – заиф, хор, хурд, беқадр
Ҳикмат – доноӣ, зиракӣ, гуфтори оқилона
Ҳилм – сабр, тоқат
Ҳирс – тамаъ
Ҳосид – ҷамъи ҳасад
Ҳур – озод, ҷавонмард, карим
Ҷадал – мунокиша, мубоҳиса
Ҷалол – бузургӣ, калонӣ, бузугворӣ, сарфарозӣ, қудрат, қувват

# АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Номаи саркушода ба рафиқ Толис: Сарнавишти форси тоҷикии Варорӯд дар садаи бисти мелодӣ. –Душанбе: Деваштич, 2005.

2. Асозода Х., Кабиров Ш., Анварӣ С. Забони тоҷикӣ.-Душанбе, 2005.

3. Боронов Б., Ҳамидов Б. Фазилати инсон. – Душанбе, 2007.

4. Гулмирзоев Д. Оймаҳмадов Г. Менеҷменти молиявӣ. –Душанбе, 2004.

5. Диловаров М., Қурбонов С. Таълими қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ. – Душанебе, 2013.

6. Диловаров М., Қурбонов С. Ҳуҷҷатнигорӣ. – Душанбе, 2011.

7. Имлои забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2006.

8. Кабиров Ш., Анварӣ С. Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2009, 2012, 2015.

9. Камолиддинов Б. Забони тоҷикӣ (Китоби дарсӣ барои синфи 11). – Душанбе: «Собириён», 2015.

10. Каримов У., Абдулазизова С. Забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2003.

11. Қодиров Қ., Ахмедова З., Сироҷов М. Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2014.

12. Қодиров Б. Ҳуҷҷатнигорӣ ва коргузорӣ. – Душанбе, 2013.

13. Маҳмадуллои Лутф. Ҷойгоҳи унсурҳои нутқ дар «Алифбо». – Душанбе, 2015.

14. Матробов С. Қ., Абдуллоева П.П. Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2011.

15. Маъсумӣ Н., Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Душанбе, 2011.

16.Сафаров С., Сафаров Х. С. Ибтидову интиҳои як дарс // Масъалаҳои маориф. – Душанбе, 2015, № 4(41). - С.3-9.

17. Сафаров С. Шавқ агар афзун шавад // Маърифати омӯзгор. – Душанбе, 2013, № 7-8. - С.52-53.

18. Сафаров С. Тест дар кори мустақилона // Маърифати омӯзгор. – Душанбе, 2014, № 1-2. - С.67-69.
19. Сафаров С. Нақши забони давлатӣ дар рушди иқтисод // Маорифи Тоҷикистон. – Душанбе, 2014, № 2. - С.19-21.
20. Тоиров У. ва дигарон. Адабиёти тоҷик. – Душанбе, 2013.
21. Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2013.
22. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2010. Ҷилди 1 ва 2.
23. Ҳабибов С. Ҳ. ва дигарон. Луғати истилоҳоти иқтисодӣ (русӣ- тоҷикӣ). – Душанбе: «Ирфон», 2010.
24.Ҳусейнов Х. Пунктуатсияи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1977.

# МУНДАРИҶА


Сарсухан ................................................ 3
Сеҳри забони тоҷикӣ.................................. 6
Давраҳои инкишофи забони тоҷикӣ............. 13
Сайри таърихии забони тоҷикӣ..................... 16
Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ..................... 25
Таърихи алифбо........................................ 27
Имлои баъзе садонокҳо (садонокҳои И, У ва Э)........................................ 34
Имлои баъзе ҳамсадоҳо (ҳамсадоҳои Й ва Ъ)..................... 38
Имлои калимаҳои мушаддад......................... 40
Тақсими калима ба ҳиҷо.............................. 42
Ҳодисаҳои савтӣ........................................ 43
Исм ва имлои он........................................ 45
Мавридҳои истифодаи ҳарфи калон............. 48
Имлои баёния............................................ 52
Сифат ва имлои он..................................... 53
Шумора ва имлои он.................................. 57
Ҷонишин ва имлои он................................. 60
Феъл ва имлои он....................................... 62
Имлои сифати феълӣ................................... 66
Имлои феъли ҳол....................................... 68
Имлои зарф............................................... 70
Имлои калимаҳои ёвар. Имлои пешояндҳо... 72
Имлои пасояндҳо........................................ 74
Имлои пайвандакҳо..................................... 75
Имлои ҳиссачаҳо ва нидо............................ 77
Аломатҳои китобат..................................... 80
Ҳуҷҷатнигорӣ............................................ 91
Саволҳои тестӣ.......................................... 113
Луғати коргузорӣ........................................ 136

Вожанома........................................................ 150
Адабиёт............................................................ 155

Сафаров Саидамир

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

*(Васоити таълимӣ барои донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологии мактабҳои олӣ)*

15с

Ба матбаа 08.06.2016 супурда шуд.
Чопаш 08.08.2016 ба имзо расид.
Андозаи 60х84 $^{1}/_{16}$. Коғази офсетӣ.
Ҷузъи чопии шартӣ 10,0.
Адади нашр 100.

ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

XXV

2016

000186337
Китобхонаи миллии Точикистон